**Масъуди Қумӣ**

# ÞÑÓÔÓ ÇÓËÀÉÕÎ

Душанбе
«Адиб»
2013

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
Қ-59

Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи
пешгуфтору шарҳи луғот : *Вафо Элбоев*

Муҳаррири масъул: *Мубашшир Акбарзод*

Қ-59 **Масъуди Қумӣ. «Юсуфу Зулайхо»** *(матни илмӣ-оммавӣ)*. – «Адиб», Душанбе, 2013, 256 саҳ.

Масъуди Қумӣ яке аз шоирони машҳури достонсарои нимаи дувуми асри XV мебошад, ки достони «Юсуфу Зулайхо»-и ӯ дар қатори беҳтарин достонҳои ишқии форсии тоҷикӣ қарор дорад.

ISBN 978-99947-23-48-5

© Нашриёти «Адиб» 2013

# ҚИССАИ ИШҚИ ШӮРАНГЕЗ

Эҷоди достонҳои «Юсуфу Зулайхо» дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, дар ин мавзӯъ осори зиёд ба назму наср нигошта шудаанд, ки муаллифони ин осор ҳама ин қиссаи шӯрангези ишқиро дар пироҳани бадеияти баланд тасвир кардаанд.

Масъуди Қумӣ дар нигоштани ин қиссаи шӯрангез, ки дар тӯли ҳазор сол баҳри таҳкими одобу ахлоқи ҳамида, дур будан аз ҳавои шаҳват, талқини иффату тақвову фазилатҳои неки инсонӣ, шуълаи умедро дар дилҳо зинда гардонидан ва фарҷоми некро чашмдор будани парҳезгорон хидмати назаррасе кардааст, даст зада, муваффақ бар он шудааст, ки ин «беҳтарин қисса»-ро ба зевари табъ орояд.

Рӯзу соли таваллуди Масъуди Қумӣ дар ҳеч тазкирае ва ҳатто дар осори худи ӯ саҳеҳ нишон дода нашудааст. Дар асоси баррасӣ ва тадқиқи ҷиддии қиёсии маълумоти тазкираҳо, ки зикри номи ӯ рафтааст ва қайдҳои худи шоир дар осораш ба натиҷае расидем, ки санаи валодати шоир тақрибан ба солҳои 1429-1430 мелодӣ рост меояд.

Саҳеҳтараш, санаи дурусти таваллуди Масъуд соли 1429 мебошад, зеро дар соли 1483 ӯ достони «Юсуфу Зулайхо»-ро навиштаасту байте аз ин достон метавонад далели муътамад бар ин даъво бошад:

*Панҷоҳу чаҳор солат айём*
*Бигзашт миёни кому ноком.*[1]

Яъне, шоир дар соли иншои достон 54 сол доштааст ва аз 1483 ададди 54-ро тарҳ намоем, 1429 ҳосил мешавад, ки соли дурусти таваллуди шоир аст.

Масъуди Қумӣ (1429-1488) аз зумраи суханварони тавонои нимаи дувуми садаи ХУ мелодист, ки бо осори гаронбаҳои хеш ба занҷири заррини адабиёти форсии тоҷикӣ

---

1. Ҳамаи мисолҳо аз достони «Юсуф ва Зулайхо», Теҳрон, 1369 оварда мешаванд.

ҳалқаи наве зам намудааст, вале бо сабаби дастрас набудан ва кам ҳифз мондани осораш то кунун эҷодиёти ӯ хуб омӯхта нашудааст.

Соли 1991 аз ҷониби донишманди эронӣ Саййидалӣ Оли Довуд маҷмӯи осори нотамоми шоир, ки шомили достонҳои «Юсуфу Зулайхо», «Шамсу Қамар» ва 45 ғазалу чандин байти пароканда аст, аз тазкираву ҷунгҳо гирдоварӣ шуда, нашр гардид. Ин нашр, чӣ тавре ки ношир қайд кардааст, дар асоси нусхаҳои Китобхонаи Ганҷбахши Ҷумҳурии

Исломии Покистон ва Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои собиқи Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳия шудааст. (Хоҷа Масъуди Қумӣ. «Юсуфу Зулайхо» ва «Шамсу Қамар». Тасҳеҳ ва тадвини Саййидалӣ Оли Довуд, Теҳрон, 1369, саҳ. 5-7).

Кори анҷомдодаи муҳаққиқи эронӣ Саййидалӣ Оли Довуд фарогири се ҳадаф аст:

1). Ӯ дебочаи мухтасаре оид ба рӯзгору осори Масъуди Қумӣ нигошта, зимнан ба паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти шоир назар карда, масоили сабку услуби нигориши шоир, пайравии ӯ ба шоирони гузашта, мақоми шоирии Масъуд ва дар кадом китобхонаву марказҳои илмии дунё мавҷуд будани осори ӯро дар асоси тадқиқоти донишмандоне, чун Абдуррасули Хайёмпур ва Саид Нафисӣ ҳаллу фасл намудааст (Саййидалӣ Оли Довуд, 1369 ҳ., 12-27).

2). Матни нисбатан комили достонҳои «Юсуфу Зулайхо», «Шамсу Қамар» ва 45 ғазали Масъудро дар як муҷаллад гирд овардааст, ки иқдоми нахустин буда, баҳри дар оянда ба нашри комил тайёр кардани достонҳо заминаи мусоид фароҳам овардааст.

3). Муҳаққиқ дар қисмати охири китоб абёти парокандаи шоирро аз авроқи ҷунгу тазкираҳо гирд оварда, нашр кунонидааст, вале то кадом дараҷа ҳамаи ин байтҳои овардашуда аз Масъуди Қумӣ мебошанд, баҳсталаб буда, тадқиқоти алоҳидаи матншиносиро талаб менамоянд ва то дастрас гардидани осори комили шоир ҳукми санади китобӣ доштан наметавонанд.

Мувофиқи ахбори тазкираҳои фавқуззикр ва сарчашмаҳои дигар Масъуди Қумӣ аз нӯги хомаи хеш осори ғанию рангине боқӣ гузоштааст, ки феълан қисме аз онҳо дастрас набуда, аз қарори зайланд:

1.Достони «Юсуфу Зулайхо»-3900 байт.
2.Достони «Шамсу Қамар»-2076 байт.
3.Мунозараи «Теғу Қалам»-1600 байт.
4. «Девони ашъор», ки шомили қасоид ва ғазалиёт аст-5000 байт.
5. «Таърихи манзуми вақоеи даврони Султон Ҳусайни Бойқаро», ки аз 12 ҳазор байт иборат аст.

Саййидалӣ Оли Довуд дар пешгуфторе, ки ба маҷмӯаи осори Масъуд навиштааст, аз нусхаҳои ягонаи достонҳои «Юсуфу Зулайхо» ва «Шамсу Қамар» ёд карда, дар бораи 5 нусхаи мавҷуди мунозараи «Теғу Қалам», ки дар китобхонаҳои Англия, Туркия ва Ҳиндустон нигоҳ дошта мешаванд, маълумот додааст.

Муҳаққиқон дар кадом марказҳои илмӣ ва китобхонаҳо мавҷуд будани нусхаҳои хаттии «Девони ашъор»-и Масъуди Қумиро, ки ба ҳукми тазкиранигори асри ХУ! Тақии Кошӣ «аз панҷ ҳазор байт зиёд аст» (Тақии Кошӣ «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-ахбор», рақами Дорн-321, 171б), «Таърихи манзуми вақоеи даврони Султон Ҳусайни Бойқаро»-ро, ки баъзе тазкиранигорон, аз ҷумла, Алишери Навоӣ «12 ҳазор байт» (Алишери Навойӣ «Маҷолис-ун-нафоис», 1942 м., 39), Соммирзои Сафавӣ «12 ҳазор байт» (Соммирзои Сафавӣ «Туҳфаи Сомӣ», 1347 ҳ,184), Амин Аҳмади Розӣ «10 ҳазор байт» (Амин Аҳмади Розӣ «Ҳафт иқлим», 1941 м., 257), гуфтаанд, нишон надодаанд.

Агар дар якҷоягӣ маҷмӯи осори Масъудро ҳисоб кунем, 24576 байтро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор танҳо достонҳои «Юсуфу Зулайхо»-3900 байт, «Шамсу Қамар»-2076 байт ва 45 ғазалу қасидаи шоир дастрасанд.

Қиссаи «Юсуфу Зулайхо» аз муассиртарин ва пурсӯзтарин қиссаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки аслан, аз фолклори яҳудиён сарчашма гирифта, баъдан та-

вассути китобҳои муътабари Таврот ва Қуръон ба адабиёти хаттии як қатор мамолики Шарқ роҳ ёфтааст.

Сюжети ин қисса дар тӯли ҳазорсолаҳо сайри таърихӣ карда, образҳои марказии он-Юсуф ва Зулайхо ба худ симои ҷовидонӣ гирифтаанд.

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда ва ҳатто қабл аз ӯ то замони мо шоире ё нависандаеро дучор омадан наметавон, ки аз ин симоҳои ҷовидонӣ ва посдорони ишқу зебоӣ ёд накарда бошад.

Достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ дар асоси ривояти сюжети қиссаи муҳаббати Юсуф бо Зулайхо реша дар фаҳлавиёти мардуми яҳуд дошта, мувофиқи қонунияти тамоми адабиёти олам, ки гузаштани як сюжет ба адабиёти хаттии ин ё он халқ аз амрҳои воқеист, интиқол ёфтааст ва дар асоси ҳамин ривоят навишта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар достон аз аввал то охир услуби ривоятӣ нигоҳ дошта шуда, аксари бобҳо аз забони нақлкунанда ё ровие шурӯъ мешаванд:

*Гӯяндаи ин суруди дилкаш*
*З-ин гуна кунад димоғи ҷон х-(в)аш,*
*Созандаи ин ҳадиси ҷонсӯз,*
*З-ин сон шавад аз сухан дилафрӯз.*
*Ва дар ҷои дигар мегӯяд:*
*Гӯяндаи ин накӯ сароғоз*
*Ин гуна кунад сари сухан соз.*
*Донандаи ин ҳадиси ҷонранд*
*З-ин даст кушояд аз забон банд…*

Ҳамин тавр, Масъуд аз ноқилону ровиёни ин ҳикоят, ки ба гуфтаи адиби асри XIX Фаронса Э.Ренан «куҳантарин романи куҳнанашаванда» мебошад, ёд карда, худро «меҳнаткаши ин фироқнома», «суратгари ин саҳифаи роз» ва «гӯяндаи базми ишқу мастӣ» номидааст:

*Меҳнаткаши ин фироқнома*
*Ин бардиҳад аз ниҳоли хома…*

Ё худ:

*Суратгари ин саҳифаи роз*
*Ин нақшаи роз аҷаб кунад соз.*
*Наққоши равоқи ин гулистон*
*Ин сурати хуш кашад ба дастон...*

Достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ мисли достонҳои дигари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ бо муқаддима оғоз шуда, ҳамчун анъана баъд фасле дар баёни сифати меъроҷи пайғамбар Муҳаммад (с) меоварад.

Пас аз муқаддимаи анъанавӣ матолибе дар «Сабаби назми китоб» ва кайфияти сурудани қиссаи «Юсуфу Зулайхо» баён шуда, баъдан ба асли матлаб пардохтааст.

Дар сурудани достон манбаи асосии илҳоми шоир сураи 12-и Қуръон будааст, ки ин нуктаро дар қисмати «Сабаби назми китоб» чунин ба қалам додааст:

*Бо хотири пок аз офати хок*
*Гуфтам, ки чӣ гуфт Эзади пок.*
*Ё раб, ба каломи пуркамолат,*
*Ё раб, ба ҷалолату ҷамолат,*
*К-аз ман бипазир зории ман,*
*Зорию сухангузории ман.*
*Дар гуфтаи ман мабин, ки ҳеч аст,*
*Ҳеч асту бар ӯ ҳазор печ аст!*
*Он бин, ки зи гуфтаи ту гуфтам,*
*Чандин дури бебаҳо, ки суфтам!*

Профессор Аълохон Афсаҳзод чунин мешуморад, ки Масъуди Қумӣ дар нигоштани достони «Юсуфу Зулайхо» ба Абдурраҳмони Ҷомӣ пайравӣ кардааст: «... Вале Ҷомӣ ба ҷои он (назми «Хусраву Ширин» – В.Э.) назми «Юсуфу Зулайхо»-ро ихтиёр намуда, ин кори ӯро Масъуди Қумӣ идома додааст» (А.Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри ХУ, Душанбе:Дониш, 1987, 195).

Лекин ин нукта ба ҳақиқат рост намеояд, зеро Масъуд

достони худро байни солҳои 1481-1483, вале Абдурраҳмони Ҷомӣ достони худро соли 1484 хатм кардааст.

Нуктаи дигар мусаллам аст, ки аксари шоироне, ки баъд аз Ҷомӣ «Юсуфу Зулайхо» навиштаанд, дар достонҳои худ аз ӯ ба некӣ ёд кардаанд, ки яке аз талаботи суннати маснависароёни ҳамаи давраҳо буд. Нозими Ҳиротӣ дар бораи пайравии худ ба Ҷомӣ ва достони ӯ чунин мегӯяд:

*Биё, соқӣ, ба дасти орзӯям,*
*Бидеҳ, ҷоме, ки гардам масту гӯям:*
*Чу ин паймонаи номӣ гирифтам,*
*Ба тоқи абруи Ҷомӣ гирифтам!*

*(Нозими Ҳиротӣ. «Юсуф ва Зулайхо», Душанбе:Адиб, 1987, 242)*

Ё худ Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, чунин гуфтааст:

*Ба туркӣ бурда дар ширинадоӣ*
*Ба майдони сухан гӯй аз Навоӣ!*
*Ба назми форсӣ гаҳ бо Низомӣ*
*Ҳариф афтода ҳарфаш гаҳ ба Ҷомӣ!*

*(Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ «Юсуфу Зулайхо»,*
*Китобхонаи Институти шарқшиносӣ ва мероси*
*хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, нусхаи рақами 464, 45).*

Дар достони «Юсуфу Зулайхо» Масъуди Қумӣ боби алоҳидае дар мадҳи Алишери Навоӣ навиштаву дар « Оғози қиссаи Юсуф…» Навоиро сифат карда, дар байте чанд изҳор медорад, ки сабаби ба риштаи назм кашидани ин достон ташвиқи Алишери Навоӣ мебошад. Дурусттараш, дар аввал Масъуд дар фикри ба назм даровардани қиссаи «Булбулу Парвона» буда, доир ба ин мавзӯъ байте чанд навишта, ба ҳузури Навоӣ меорад. Навоӣ ба ӯ мегӯяд, ки ғараз аз навиштани достон тасвири воқеаҳои ҳақиқӣ ва таърихист, на афсонаҳои хушку холӣ:

*Ин гуфта чу пистаест бемағз,*
*Худ писта ба мағз-дар бувад нағз.*
*Ҳар хушку таре ба мағз некӯст,*
*Мағз аст ғараз зи писта, на пӯст!*
*Парвона кадом дил харошад?!*
*Афсонаи булбуле чӣ бошад!*

Баъдан, Масъуд оид ба ин қисса байте чанд навишта, ба ҳузури Алишери Навоӣ меорад ва устоди сухан ин кори оғозкардаашро фоли нек донista, барои иншои ин достон ӯро ташвиқ мекунад:

*Алқисса, ба қиссае чунин нағз*
*Дарафтам чун дар устухон мағз.*
*Фасле ду-се гуфтам аз сари сӯз,*
*Чун фасли баҳори оламафрӯз.*
*Бурдам бари он баҳори олам,*
*Он мӯҷиби ифтихори олам,*
*Аз ман чу шунид гуфтаи ман,*
*В-он тоза дури насуфтаи ман…*
*… Гӯяндайӣ? – Рост кун забонро,*
*Он гӯй, ки рост гӯйӣ онро!*
*Он қиссаи Юсуф аст, бишнав!*
*Бишнав, чӣ такаллуф аст, бишнав!*
*Пирояи насбу рафъи нас ӯст,*
*Мансуб ба аҳсан-ул-қисас ӯст!*

Алишери Навоӣ аз қиссаҳои то он вақт эҷодшудаи «Юсуфу Зулайхо»-и адабиёти форсии тоҷикӣ огоҳӣ дошт, ки дар пояи баланд набуданд ва Хоҷа Масъуди Қумиро ташвиқ мекунад, ки достоне офарад, то ин қиссаи қуръониро бо суханони тоза, бо нигоҳи нав ва ифодаҳои пурмазмуни ҷаззоб орову перо диҳад. Масъуди Қумӣ аз забони Алишери Навоӣ чунин гуфтаеро меорад, ки далели андешаҳои қаблиянд:

*Бо ин ҳама ҳастии забардаст,*
*Назме на чунон ки боядаш, ҳаст,*
*Гуфтанд басе, набуд олӣ*
*Ҷуз гуфтаи поки Ҳақ таъолӣ!*
*Инро ту бисоз кисвате нағз,*
*Зам соз наботи суда бо мағз!*
*Зебанда дурест оламафрӯз,*
*Дар сурати назми нав кунаш рӯз.*

Ин ҷо ба натиҷае метавон расид, ки достони Масъуди Қумӣ пеш аз достони Абдурраҳмони Ҷомӣ эҷод шудааст, вагарна Алишери Навоӣ, ки аз шогирдон ва наздикони Ҷомӣ буд, ба Масъуд аз вуҷуди достони ҳамноми Ҷомӣ хабар медод ва худи Масъуд, ки ба Ҷомӣ эҳтироми зиёд дошт, дар достони худ аз ӯ ёд мекард. Аз боби « Дар мадҳи Навоӣ…» чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Масъуд дар ҷараёни тасвири образи Юсуф ҳамчун вазири доно, оқил ва раъиятпарвар симои Алишери Навоиро дар мадди назар доштааст. Академик Абдулғанӣ Мирзоев ҳангоми баррасии достони «Юсуфу Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ низ ба ҳамин хулоса омадааст(А.Мирзоев.Сездаҳ мақола, Душанбе:Ирфон, 1977, 273).

Масъуд дар достони худ аз огоҳ будани худ аз «Юсуфу Зулайхо»-и мансуб ба Фирдавсӣ ёдовар мешавад ва аз ӯ бо номҳои «донои гузаштадостонҳо», « ҳаким», «доно» ва ғ. ишора менамояд:

*Донои гузаштадостонҳо,*
*Феҳристи қадими хонадонҳо,*
*Бонии чӣ гавҳарин баёне,*
*Гӯё ба накӯтарин забоне*
*Аз мағзи сухан чунин кашад пӯст,*
*З-он қисса, ки аҳсан-ул-қисас ӯст!*

Далели ин гуфта он аст, ки бисёр шоирон аз Фирдавсӣ бо номҳои «доно», «донои Тӯс», «ҳакими Тӯс» ва ғайра ёд кардаанд. Аз ҷумла, Низомии Ганҷавӣ дар достони «Хусраву Ширин» гуфтааст:

*Нагуфтам, ҳар чӣ доно гуфт аз оғоз,*
*Ки фаррух нест гуфтан гуфтаро боз!*
*(Низомии Ганҷавӣ, «Хусрав ва Ширин».*
*Душанбе:Ирфон, 1983, 53).*

Ва ё Нозими Ҳиротӣ мегӯяд:

*Ҳакими Тӯс мегӯяд дар ин боб,*
*Ки Юсуф офтоби мардумитоб…*
*(Нозими Ҳиротӣ. «Юсуфу Зулайхо»,*
*Душанбе:Адиб, 1987, 371).*

Достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ё ки мақсур, ки аз рукнҳои:

мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун (фаъӯлан)
мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун (фаъӯлан)

– – V / V – V – / V – –
– – V / V – V – / V – –

иборатанд, эҷод шудааст.

Достон аз 28 боб иборат буда, қисматҳои «Муқаддима», «Сифати меъроҷи пайғамбар», «Сабаби назми китоб», «Панди фарзанд» ва «Дар хотимаи китоб» ба сюжети асосии достон алоқа надоранд.

Баррасии мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ гуногун аст. Масъалаҳои муҳимтарине, ки шоир дар достон матраҳ кардааст, танқиди замона, тарғиби ҳокими идеалӣ, танқиди худхоҳону бадкешону кинаварзон, тарғиби дӯстию бародарӣ, мазаммати рафтору кирдори бад, васфи некию некӯкорӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, ватандӯстӣ ва ғ.ба шумор меравcovered.

Шоир дар байту порчаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ аз рӯзгори сангину ҳолати нобасомон ва беадолатии шоҳону

ҳокимони давр ба риққат омада, норозигии худро, ки ҳамзамон норозигии аҳли заҳмат ва табақаи поёнии ҷомеа аст, бо ҳиссиёти баланду заковати шоирона ифода кардааст ва рӯйирост ба шоҳони замон муроҷиат намудааст, ки ҳокимияти шумо абадӣ нест ва танҳо барои ободию осудагӣ бикӯшед:

*Хуросонро ба адл обод медор,*
*Ироқу Форсро ҳам ёд медор.*

Масъуд аз бемеҳрии дунё, ки ҳамеша душвории зиндагӣ насиби аҳли заҳмат будаву худ маводи зиндагии аҳли ҷомеаро меофарад, вале бо душворӣ умр ба сар мебарад, ба фарёд омада, чунин мегӯяд:

*Дило, гетӣ сари ёрӣ надорад,*
*Раҳу расми вафодорӣ надорад.*
*Дар ин айём, к-аз ҳар сӯ ғуборест,*
*Ба коми дил расидан сахт корест!*

Шоир аз ҷониби бародарон фурӯхта шудани бародарро ҳамчун як ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нишон додааст, ки бародарони пайғамбарзода баҳри мақсадҳои ғаразноки худ Юсуфро ба чанд пули ночиз фурӯхтанд ва худ ба ин ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нафрат дорад:

*В-он сангдилони сахтбозу,*
*Дар сангдилӣ гаронтар аз ӯ,*
*Буданд чунон ба кини ӯ гарм,*
*К-охир дилашон бар ӯ нашуд нарм.*
*Ҳам з-оташи хашм сӯхтандаш,*
*Ҳам хашмкунон фурӯхтандаш.*
*З-он сон гуҳаре сазои таъзим*
*Доданд ба ҳиҷдаҳ дирам сим!*

Яке аз мавзӯъҳои умдае, ки дар эҷодиёти Масъуди Қумӣ, бахусус достони ӯ «Юсуфу Зулайхо» мақоми

муҳимме дорад, фарогирии масъалаҳои ахлоқ ва тарбия мебошад.

Масъуд дар достони «Юсуфу Зулайхо», ки дар охирҳои умраш эҷод кардааст, боби алоҳидаеро таҳти унвони «Панди фарзанди амҷад Ғиёсуддин Муҳаммад, тола умраҳу» ҷудо карда, ба фарзанди худ насиҳат кардааст, ки воқеан пандномаи хубест. Дигар, дар дохили ҳар боби достон афкори ахлоқии хешро иброз доштааст

Андешҳои ахлоқии Масъуд дар достони «Юсуфу Зулайхо» аз боби аввали достон, ки бародарони ситампеша ба Юсуф, ки назди падар маҳбубияти зиёд дошт ва ҳасад бурдани онҳо нисбат ба ӯ оғоз мегирад. Бародарон аз ҳусну ақли расои Юсуф ва маҳбубияти ӯ назди падар ҳасад бурда, дар фикри ҷисман нест кардани Юсуф мешаванд:

*Оре, ҳасад офате бузург аст,*
*Пайдост, шубон ниҳуфтагург аст.*
*В-арна, кӣ барад зи масту ҳушёр*
*Юсуф бари гурги одамихор?!*
*Шайтони ҳасад чу рафт дар пӯст,*
*Ангехт ҳазор душман аз дӯст!*

Шоир аз ҳасудии бародарон ба ғазаб омада, андеша дорад, ки агар бародар ба бародари хеш ҳасад варзад, пас, дар дунё каси аз ҳасад пок вуҷуд надорад, зеро рашку ҳасад решаи ҳамаи бадбахтиҳост. Масъуд бо овардани ин байтҳо ҳасад ва ашхоси ҳасудро мазаммат карда, аз ҳасад дур буданро талқин менамояд:

*То нест ҳасад, ту бе мане нест,*
*Аввал ҳасад аст, душмане нест!*
*Он дам, ки ҳасад расад ба поён,*
*Гардад сари душманӣ намоён!*
*Дидам ба ҷаҳон басе ҳасаднок,*
*Як кас нашунидам аз ҳасад пок!*

Масъуд дар достон лаҳзаи рӯ ба рӯ шудани бародарон бо Юсуф сифати волои инсонӣ–бахшандагиро дар симои Юсуф инъикос намудааст. Юсуф новобаста ба он озорҳое, ки аз бародарони худ дидааст, онҳоро мебахшад, ки ин яке аз хислатҳои беҳтарини инсонист:

*Гуфт: – Он чи ман аз шумо кашидам,*
*В-аз ҳар якатон чиҳо, ки дидам,*
*Имрӯз бишустам аз дил онро,*
*Обе задам оташи ниҳонро!*
*Гаштам, зи ҳар он чи рафт хомӯш,*
*Кардам ҳамаро зи дил фаромӯш!*

Масъуд зимни баррасии мавзӯи бародарӣ ва баробарӣ ин нуктаро ситоиш карда, бародарӣ ва меҳрубониро аз нишонаҳои беҳтарини дӯстӣ медонад:

*Он ҷо, ки ниҳояти тамиз аст,*
*Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!*

Масъуди Қумӣ дар достони «Юсуфу Зулайхо» дар ҷараёни тасвири ҳолоту воқеот аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва унсурҳои хаёл фаровон истифода намуда, бештар ташбеҳ, истиора, муболиға, талмеҳ, таҷнис, тавсиф, руҷӯи лирикӣ, таҷоҳули ориф, ирсоли масал, тазод, суолу ҷавоб, нидо, сифатчинӣ ва ғ-ро истифода намудааст.

**Ташбеҳ** аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеист ва дар ҳар саҳифаи достони «Юсуфу Зулайхо» намунаҳои онро метавон дарёфт, ки дар мавридҳои инъикоси характери воқеаву ҳодиса ва симои қаҳрамонҳо истифода кардааст:

*Мӯяш чу бунафша пургиреҳ буд,*
*Рӯяш зи ҳазор моҳ беҳ буд.*
*Дар чеҳра ба Меҳру Муштарӣ хеш,*
*Аз Моҳ зиёду аз парӣ беш!*

Ин ҷо шоир мӯйи печдарпечи Юсуфро ба «гиреҳи бунафша», ки дар воқеъ назаррабост, монанд карда, рӯяшро ба Моҳтоб, ки дар шаби тор ба олам рӯшноӣ мебахшад, мушобеҳ ва чеҳраи зебои Юсуфро ба Офтобу Муштарӣ монанд мекунад.

Дар байтҳои зер шоир рухи Юсуфро чун гул, дилашро чун ғунча пурхун, қадашро чун най ва даҳонро мисли шаккар тавсиф кардааст:

*Рух чун гулу дил чу ғунча пурхун,*
*Чун ғунчаву гул даруну берун.*
*Чун най қаду чун шакар даҳоне,*
*Пас баста чу найшакар миёне.*

Монанд кардани зебоиҳои симои Юсуф ба гулу ғунчаву наю шакару найшакар аз ташбеҳоти кушоди барҷаста аст, ки дар ҳақиқат, образи марказии асарро чунин тасвир карда тавонистани шоир далели тавоноии шоир маҳсуб мегардад.

Масъуд дар васфи Зулайхо беҳтарин ташбеҳотро ба кор бурдааст:

*З-ин ғамзазани карашмасозе,*
*Чун гул тару тоза сарвинозе.*
*Мӯе чу кашида шохи сунбул,*
*Хандон даҳане чу ғунчаи гул.*
*Хуш симбаре, сумансурине,*
*Парварда ба ноз нозанине.*

Дар ин байтҳо шоир Зулайхоро ба гули тару тоза, ки диданаш ба кас як ҷаҳон лаззат мебахшад ва дар ҳақиқат зебост, мӯяшро ба шохи сунбул ва хандиданашро ба шукуфтани ғунчаи гул монанд карда, қаду барашро ба сим ва ронашро ба суман, ки дар луғат ба маънои гули сафеди зебост, монанд тасаввур мекунад.

Дар достони «Юсуфу Зулайхо» аз санъати **талмеҳ** низ зиёд истифода шудааст, ки ба ин восита ба як силсила воқеаҳои таърихӣ ва шахсони воқеиву таърихӣ ишораҳо

мекунад ва образу тасвирҳои офаридашударо заминадору диданӣ мегардонад.

Масалан, бо овардани байтҳои зер шоир ба ривояти бар бод додани Айвони Мадоин аз ҷониби Искандар ва ба ҷустуҷӯи оби ҳайвон (оби ҳаёт) гумроҳу саргардон шудани ӯ ишора кардааст:

*Искандар агар ба ҳар тариқе,*
*Монанди ту доштӣ рафиқе,*
*Бар бод надодӣ охир Айвон,*
*Гумраҳ нашудӣ ба оби ҳайвон.*

Масъуд дар абёти зер ба ривояти «Юсуфу Зулайхо» навиштани Абулқосим Фирдавсӣ ишора кардааст, чунки иборахои «донои гузашта – достонҳо» ва «феҳристи қадими хонадонҳо» маҳз ба Фирдавсӣ мансуб аст:

*Донои гузаштадостонҳо,*
*Феҳристи қадими хонадонҳо,*
*Бонии чӣ гавҳарин баёне,*
*Гӯё ба накӯтарин забоне*
*Аз мағзи сухан чунин кашад пӯст,*
*З-он қисса, ки аҳсан-ул-қисас ӯст.*

Дар байтҳои дигар ишора ба ривояти васияти Яъқуб-падари Юсуф дар бораи он, ки баъд аз фавташ ӯро дар паҳлӯи ҷадди бузургаш – Иброҳими Халилуллоҳ ба хок супоранд, нигаронида шудааст:

*Пойини Халили хиллатойин,*
*Ҷо кард варо чу шамъи пойин.*
*В-ин кор ба гуфтаи падар кард,*
*Чун буд муқаддар, ин қадар кард.*
*Хос аз паси ҳусни нийяти ӯ,*
*Овард ба ҷо васийяти ӯ.*
*Он гавҳари покро чунон пок,*
*Биспурд ба ганҷхонаи хок.*

**Муболиға** аз саноеъи дигари маънавӣ буда, барои равшантару пуртаъсиртар баён кардани афкори шоир ба кор меравад.

Масалан, дар байтҳои зер Юсуф ба «моҳ», «рашки ҷамоли сад паризод», «бандкушо», «озодкунанда» монанд тасвир шудааст, ки ин симоро боз ҳам бошукӯҳ ва бо шаҳомати хос нишон диҳад:

*Он моҳи тамому сарви озод,*
*Он рашки ҷамоли сад паризод,*
*Он бандкушои сад фиканда,*
*Озодкуни ҳазор банда.*

Масъуд симои Зулайхоро то дараҷае, ки имкон даст додааст, «парвардаи меҳру анвар», «ҳамшираи шаҳду шаккар», «сунбул», «гул», «Зӯҳра», «наргис» ва ғ. бо муболиға монанд кардааст, ки ин нукта дар байтҳои зер аз забони худи Зулайхо баён шудааст:

*Аз рашки даҳони ман ниҳонӣ*
*Ҷон медиҳад оби зиндагонӣ.*
*Парвардаи меҳри анварам ман,*
*Ҳамшираи шаҳду шаккарам ман.*
*Сунбул нашунидааст бӯям,*
*Гул сер надидааст рӯям.*
*Ман сарву санавбарам саросар,*
*Бо ман нашавад парӣ баробар.*
*Сад банда чу Меҳру Моҳ дорам,*
*Чун Зуҳра ҳазор доҳ дорам.*
*Наргис чу ба чашми ман дарояд,*
*Гул кист, ки бо рухам барояд?*

Ва дар байтҳои поёнӣ Юсуф ба «моҳи шаби чаҳордаҳ» монанд, дар мартаба буда, аз Осмон ҳам баландтар, аз фаришта беҳтар тасвир шудааст, ки на муболиға, балки ғулув аст:

*Гӯянд, ки ҳам дар ин миёна*
*Он чорда шаб маҳи ягона!*
*Юсуф, ки зи Моҳу Меҳр беҳ буд,*
*Дар мартаба аз сипеҳр меҳ буд!*
*Ӯ буд диле ба ҷон сиришта,*
*Дар сурати одамӣ фаришта!*

Аз санъати **таҷнис** ҳам дар достон зиёд истифода шудааст, ки барои барҷаста ифода намудани фикри муаллиф хидмат мекунанд.

Барои намуна ба абёти зер муроҷиат менамоем:

*Хуш танг ба бар гирифта ӯро,*
*Бар карда ниҳоли орзуро.*

Дар ин байт вожаи «бар»-и аввал ба маънои «паҳлӯ» ё «оғӯш» омада бошад, «бар»-и дувум маънои «самар», «мева» ё «ҳосил» додани ниҳоли орзуро дорад, ки маънои яклухти он муваффақият ба даст овардан аст.

Ва дар байти:

*В-он гумшуда корвониён **боз***
*Карданд ба раҳ чу **боз** парвоз.*

вожаи «боз» ба ду маъно: «боз»-и якум «аз нав» ва дуюм «паранда» омадааст.

Дар байти:

*Ҷон аст, ба ҷои ҷон расонаш,*
*Дар хотири инсу ҷон нишонаш*

шоир калимаи «ҷон»-ро дар ду мисраъ овардааст, ки аввалӣ ба маънои «ҷон», «рӯҳ» ва «қувват» аст ва «ҷон»-и дувум ба маънои «ҷин», ғайри – инсон омада, тобиши маъноии байтро таъмин намудааст.

Ин андеша, ки: «Дар таҷниси лафзӣ калима ва дар таҷниси маънавӣ маъно такрор меёбад» (Тӯрақул

Зеҳнӣ.Санъати сухан, Душанбе:Ирфон, 1992, 120) дар асоси мисолҳои фавқ бардурустанд ва санҷида шудаанд ва Масъуди Қумӣ дар достон бештар аз таҷниси маънавӣ истифода кардааст, ки аксаран муносибу ҳунармандонаю бамаврид баромадаанд.

**Тазод** одатан, баҳри истифодаи ҳиссиёти мухталифи образҳо ва афкори мутақобили онҳо истифода мешавад ва Масъуд дар достон аз ин навъи санъати бадеӣ зиёд истифода намуда, зиддияти афкору рафтору гуфтори қаҳрамононашро қавитар баён доштааст.

Масалан, дар мавриди қабул накардани ишқи Зулайхо аз ҷониби Юсуф, ки лаҳзаи пурихтилофу ҳассосу вазнини равонист, ин санъати драматикиро шоир устокорона, оливу бамаврид ба кор андохтааст:

*Ӯ гавҳари иштиёқ месуфт,*
*Ин масъалаи фироқ мегуфт.*
*Ӯ майли бару канор мекард,*
*Ин аз бари ӯ канор мекард.*
*Ӯ пеши худаш ба дида мехонд,*
*В-ин ашк чу хун зи дида меронд.*

Дар байтҳои дигар низ таззод барҷаста зуҳур ёфтааст ва вожаҳои мутаззоди «гулу хор», «баду нек», «кӯҳнаву нӯ, (ки дар ин мавриd нӯ ба ҷои нав ба кор рафтааст)», «каму беш» бамаврид корбаст гардида, созмони мисраву байтҳоро зебу зиннати лафзӣ бахшидаанд:

*Дар ҳар коре* ***гулеву хор****ест,*
*Ҳар* ***хору гул****е барои корест.*
*Кор аз* ***баду неку кӯҳнаву нӯст,***
***Бад*** *низ ба кори хеш* ***нек*** *аст.*
*Масъуд, агар* ***бад****, ар* ***накӯ****йӣ,*
*Хуш бош, ки* ***неку бад*** *аз ӯйӣ.*
*Он к-ин ҳама* ***неку бад*** *аз ӯ шуд,*
*Ӯ кард агар* ***бад****, ар* ***накӯ*** *шуд.*
*Бо он ки ту бас камӣ зи ҳар хас,*
*Гар бандаи хеш хонадат бас.*

Лаҳзаи мулоқоти бародарон бо Юсуфро ҳам шоир тавассути таззоду муқобилгузорӣ хубу риққатовару диданӣ тасвир кардааст:

*Хандид, чу дид рӯйи ҳамзод,*
*Бигрист, чу омадаш падар ёд.*

**Ирсоли масал** одатан дар мавриди истифодаи мақол ё масале аз таҷриба ва амалияи ҳаёти шахсӣ ба кор бурда мешавад ва баъзан далелҳои хаёлӣ ё фарзӣ ҳам оварда мешаванд. Масъуд ин санъати бадеиро асосан дар охири бобҳои достонҳо мавриди истифода қарор дода, барои пуртаъсир гардидани муҳтавои достон ба кор бурдааст.

Масалан, дар байтҳои зерин масали «бевафоии дунё»-ро чунин ба қалам додааст:

*Аз даҳр касе вафо надидаст,*
*Илло, ки басе ҷафо кашидаст.*
*Ҳеҷ аст ҷаҳони печдарпеч,*
*Ин аст, ки гуфтамат дигар ҳеч!*

Дар ин чанд байти поёнӣ якчанд масал, аз ҷумлаи «нондиҳӣ амали савоб аст», «маърифат дар синаи сер нест» ва «тандурустӣ дар камхӯрист»-ро дар мавқеи мувофиқ ва муносиб корбаст намудааст:

*Масъуд, агарат, ки фикри нон нест,*
*Ё ҳаст, маро сухан дар он нест.*
*Ҳар кас, ки гурусна гашту нон хӯрд,*
*Мард он, ки ғами гуруснагон хӯрд.*
*Он гурсунаро, ки нест ноне,*
*Ту гурсуна нестӣ, чӣ донӣ?*
*Сиррест, ки дархури сифат нест,*
*Дар синаи сер маърифат нест!*
*Кам хур ғами нон, ки хӯрдани пур*
*Гаҳ ҳайза кунад, гаҳе тазаҳҳур.*

*Сиррест тамоми заъфу сустӣ,*
*Дар гурсунагист тандурустӣ!*
*Ин нукта ҳакимро яқин аст,*
*В-ар нест дигар, сухан ҳамин аст.*

**Сифатчинӣ** аз саноеи густардаи бадеист, ки Масъуд аз он дар достон нисбатан кам бошад ҳам, ҳунармандона истифода кардааст. Дар мавриди ифодаи сифати зебоии Юсуф шоир чунин байте дорад:

*Симинбадане, сиҳихироме,*
*Бас нозуку нозанин ғуломе.*

Ё дар байте аз сифатҳои Молик Райён, ки Азизи Миср буда, дар мулкдорӣ аз соҳибхирадон маҳсуб мешуд, чунин вожаҳоеро корбаст намудааст:

*Соҳибхираде, ситудахӯйе,*
*Дар Миср набуд ҳамчу ӯйе.*

Андар тавсифи зебоии Зулайхо шоир вожаҳои аз ҷиҳати шакл ва маъно хеле зеборо паҳлӯи ҳам чидааст, ки дар воқеъ ин амал образро барҷаста таҷассум менамояд ва ин маҳорати устодии Масъуд дар чеҳраофаринӣ аст:

*Хуш симбаре, сумансурине,*
*Парварда ба ноз нозанине!*
*Бас чобуку нозуку шакархо,*
*Номаш сари чойгон Зулайхо!*

**Нидо** аз санъатҳои дигари матлуби шоир аст, ки дар достон зиёд истифода шудааст ва асосан барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони образҳои достон дар мавридҳои гуногун ба кор меравад. Чунки: «Нидо аз он хитобҳои музтарибона иборат аст, ки тазоҳури ҳаяҷони қалбӣ ва эҳсосоти амиқи рӯҳии шоир аст» (Раҳими Мусулмониён.Назарияи адабиёт.Душанбе:Маориф, 1990, 89). Дар достон байтҳои зиёдро

дучор меоем, ки ҳам хусусияти хурсандибахшӣ ва ҳам аломати ҳузноварӣ доранд. Лаҳзаҳои дар сари қабри модар зор-зор гириста, ба ӯ мурочиат кардани Юсуф ва ҳоли зори ба ғуломӣ фурӯхта шуданашро шоир бо сӯзи дил тасвир кардааст, ки саҳми нидо дар нияти эҷодии шоир назаррас аст:

*К-эй модари меҳрубон, Худоро,*
*Бингар, чӣ ба сар расид моро?!*
*Фарёд, ки гар ғамам бидонӣ,*
*Фарёд ба осмон расонӣ.*
*Аз сад ғами дил, ки тохт сӯям,*
*Ғамгин шавӣ, ар яке бигӯям.*
*Боре, яке аз ҳазор бишнав,*
*В-ин гиряи зор-зор бишнав.*
*Инак, ту бубин, эй Худованд,*
*Ман бандаву пойбанд дар банд.*
*Бардор зи хок сар замоне,*
*Дарёб ба лаб расида ҷоне.*
*Дар зории бешумори ман бин,*
*Ҳоли ману ҳоли зори ман бин!*

Дар ин байтҳо ҳолати фоҷиабори Юсуфи таҳқиршударо, ки ба модари худ нидову мурочиат мекунад, мебинем, ки аз лаҳзаҳои бисёр муассири достон аст.

**Руҷӯи лирикиро** Масъуд дар аввалу охири боби достон овардааст. Агар дар аввали бобҳо муҳтавои онро бо руҷӯи лирикӣ ба хонанда шинос кунад, дар охири боби достон ин қисматҳоро бо суханони пандомез ва баландғоя ҷамъбаст намудааст.

Масалан, ҷамъбасти боби «Расидани корвон ба Миср ва расонидани он гавҳари қиматӣ ба бозори нахосон ва харидани Азизи Миср ӯро ба баҳои гарон», ки ба мавзӯи ишқ бахшида шудааст, яке аз беҳтарин руҷӯъҳои лирикии достони «Юсуфу Зулайхо»-ст:

*Масъуд, хуш он замон, ки будат*
*Ишқе, ки зи хеш мерабудат.*

*Ҷуз ишқ агарат набуд коре,*
*Кори дигарат набуд боре.*
*По то камарат набуд дар гил*
*В-ин кӯҳи ғамат набуд дар дил.*
*Он гарчи намонд ҷовидонӣ,*
*Ин низ ба сар расад, чӣ донӣ?!*

Ё худ, ҷамъбасти боби «Ҷамъ сохтани Зулайхо хавотини Мисрро ба расми зиёфат….» низ хеле баланд ифода гардида, шоир дар ин руҷӯи лирикӣ аз ташбеҳоти марғуб истифода карда, барҷаста тасвир намудааст:

*Масъуд, чӣ шуд, ту ҳам замоне*
*Хомӯш нишин чу безабоне!*
*Вомонд забон, қалам раҳо кун,*
*Шуд кунд қалам, забон-ш во кун!*
*Дорад мижаат зи ҳад қалам беш,*
*Аз дида давот кун, бинеҳ пеш!*
*Аз дудаи дида кун сиёҳӣ,*
*В-он гаҳ бинавис, ҳар чӣ хоҳӣ!*

Шоир дар аввалу охири боби «Неҳзат фармудани Юсуф, алайҳиссалом, аз дори дунё ба тахти укбо ва насб фармудани Яҳудо ба қойиммақомӣ, билхайри вассаъода вал ҳусно» ду бор аз руҷӯи лирикӣ истифода бурда, қаблан хонандаро бо ифодаҳои дилнишин ва сухани ҷаззоб аз мухтавои боби достон огоҳ мекунад. Чанд байт аз оғози ин боб:

*Марсиянависи сӯгворон*
*Ин гуфту зи дида рехт борон.*
*В-он мӯягари мусибатомез*
*Ин гуна ду дида кард хунрез,*
*К-аз баъди падар пас аз басе сол*
*Шуд навъи дигар Азизро ҳол.*
*Танг омад аз ин ҷаҳони фонӣ,*
*В-аз меҳнати мулку мулкронӣ.....*

Дар анҷоми ҳамин боб чунин мегӯяд:

*Масъуд, ту низ дида бардӯз*
*З-ин румиву зангии шабу рӯз.*
*Аз вай ту бубин киҳо чӣ диданд?!*
*Диданд чиҳо, чиҳо кашиданд?!*
*Аввал чу садаф зи гавҳару дур(р)*
*Карданд басе захирадон пур.*
*Охир ба замини пурзахоир*
*Рафтанд фурӯ ҳамину охир!*

Хулоса, руҷӯи лирикӣ аз санъатҳои бадеиест, ки барои банду басти достонҳо хидмат карда, мазмунро баланд ва бадеиятро ғанӣ мегардонад.

Аз баррасии иҷмолии санъатҳои бадеӣ дар достони «Юсуфу Зулайхо» маълум гардид, ки Масъуди Қумӣ дар ин асари худ қариб аз ҳамаи санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ дар мавридҳои гуногун вобаста ба талаби мавзӯъ устодона истифода намудааст.

Забони достони «Юсуфу Зулайхо» ниҳоят ғанӣ, фасеҳ, пуробурунг, ширин ва фаҳмост. Тамоми зебоиву дороиҳои асари бадеӣ маҳз тавассути забон ифшо мегардад ва дуруст таъкид шудааст, ки: «Воситаи асосии шакли асар ва мазмуни он забон мебошад» (Х.Шарифов. Мақолаи «Адабиёт», Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988, 52).

Забон воситаи асосии эҷоди ҳар гуна асари бадеист, ки маҳз ба воситаи он эҷодкор метавонад андешаву эҳсосоти худро ифода карда, образҳои марғубу дилнишини бадеӣ офарад ва воқеиятро ҷолиб тасвир намояд. Воқеияти зиндагиро Масъуди Қумӣ дар достонҳояш кӯтоҳу самимию равон нишон додааст. Дар нишон додани ҳолатҳои зоҳириву ботинии қаҳрамонҳо, воқеияти зиндагӣ ва лаҳзаҳои хубу душвори иҷрои орзуву омоли онҳо шоир аз калимаву ибора ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ фаровон истифода намуда, заминаи мустаҳками забони асар ва оҳангнокии тасвирро бештар афзудааст ва ин нукта яке аз

рисолати шеъру сухани ҳадафманд аст: «Шеър гиреҳхӯрдаи отифа ва тахайюл аст, ки дар забони оҳангин шакл гирифта бошад» (Муҷтабои Башардӯст. Зиндагӣ ва шеър.- Теҳрон, 1379, 98), ки ин отифа ва тахайюл ба воситаи мақолу масалу зарбулмасалҳои халқӣ боз ҳам шевотар мегарданд.

Масъуд дар достони «Юсуфу Зулайхо» инчунин аз истилоҳоти илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва динӣ васеъ истифода намудааст, ки ин истилоҳот зимни ифшои андешаҳояш дар мавриди ифодаи ҳолоту воқеаҳои асар бо бархӯрди лаҳзаҳои муассири достон ироа гардидаанд. Нуктаи дигари мавриди таваҷҷуҳ ин аст, ки Масъуд дар достон аз истифодаи калимаву ибораҳои муғлақи арабӣ, ки хосси забони асарҳои зиёди классикӣ ҳастанд, дурӣ ҷуста, афкори худро бештар бо забони форсии тоҷикӣ баён доштааст. Ибораҳои арабӣ аксаран дар қисматҳои «Наъти пайғамбар», «Шаби меъроҷ» ва унвони бобҳои достон вомехуранд. Вожаҳои нобу ибораҳои халқӣ, ки дар достон фаровон истифода шудаанд, дунёи ботинӣ ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳоро рангин гардонидаанд.

Масалан, ибораҳои рехтае чун «мардумӣ намудан», ки ба маънои касеро дастгирӣ кардан ва меҳрубониро ифода мекунад, ниҳоят бамавқеъ ва гуворо корбаст шудааст:

*Сад раҳ ба тафаққудаш ситудӣ,*
*Бас мардиву мардумӣ намудӣ.*
*Ё худ ибораи «дилу дин бурдан»:*
*Хуни дили ман ҳамин ту хӯрдӣ,*
*Аз ман дилу дин ҳамин ту бурдӣ.*

ки маънои «дил додан», «меҳр бастан»-ро медиҳад, дар достон зиёд дучор меояд ва ин ибораҳои рехтаро шоир бамавриду дилчасп истифода кардааст.

Ин ҷо чанд байтро ба гунаи мисол аз назар мегузаронем:

*Чандон бигирист дар ҷудоӣ,*
*Аз дида бишуст рӯшноӣ.*

ифодаи маҷозии «аз дида рӯшноӣ шустан» – ба маънои «аз дидан мондан», «кӯр шудан»-ро дорад.

Ва:

*Кӯрист давои дарди дурӣ,*
*Дурист, ки гуфтаанд кӯрӣ.*

ки ин ҷо шоир зарбулмасали «аз дурӣ кӯрӣ беҳ»-ро истифода кардаст, яъне инсоне, ки аз ҳамроҳону ёрон дур афтодааст, мисли кӯр аст, ки касеро намебинад ва танҳост.

Ё дар байти:

*Дурӣ, ки на андак ибтилоест,*
*Дур аз ҳама дӯстон балоест.*

ибораи маҷозии «дурӣ аз дӯстон балоест»-ро истифода кардааст.

Ва дар байти:

*Гашта дили зормондааш хун,*
*В-аз рахнаи дида рафта берун.*

ибораи маҷозии «дил хун кардан» барои ифодаи маънои аз фироқи Юсуф хун шудани дили падар ва ҳамеша гиря кардану дар сари роҳи ӯ кулбаи аҳзон сохтани ӯ омадааст.

Ифодаҳои маҷозии «аз гил сохта шудан» ва «дари маргро ба гил бастан» дар байти зерин ба кор рафтаанд, ки аввалӣ маънои «аз гиле бо номи салсол сохта шудани колбади инсон»-ро мефаҳмонад, ки ин нукта дар сураи «Ар-раҳмон»-и Қуръон (сураи 55, ояти 14) чунин баён гардидааст: «Халақал инсона минассалсолин калфаххори» (Қуръон, 1368, 530):

*Як мушт гилӣ, ту эй тиҳидаст,*
*Натвон дари маргро ба гил баст.*

Ва маънои ифодаи маҷозии дувум ин аст, ки инсон бар он қодир нест, то дари маргро бубандад ва ҳамаи ашё миранда аст.

Дар достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуд зарбулмасалу мақолҳо, ки шоир онҳоро дар шакли шеър овардааст, ба ҳусни баён латофат ва зебоии зиёд бахшидаанд. Бо истифодаи мақолу зарбулмасал шоир инъикоси ҳолати қаҳрамонон ва бадеияти достонро тавонистааст баланд бардорад.

Дар байти зерин бо овардани зарбулмасали «бародари ман бошӣ, баробари ман бош» шоир тавонистааст ҳам андешаҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳолоти қаҳрамони асарро равшан таҷассум намояд:

*Он ҷо ки ниҳояти тамиз аст,*
*Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!*
*Масъуд дар байтҳои:*
*Чун ломи хамида мубталое,*
*Ҳамчун алифаш ба каф асое.*
*З-ин аст, ки бар сар аст модом,*
*Оёти китобро алифлом.*

мақоли «сароёти китоб (манзур Қуръони маҷид) алифлом аст»-ро устодона китобат кардааст.

Дар байти поён мақоли «инсон сиришти ҳайвонӣ дорад»-ро бамаврид истифода карда, хонандаро ба инсонгарӣ даъват мекунад ва бо танзу киноя мефармояд:

*Бас нохалаф аст одамизод,*
*Аз вай накунӣ ба мардумӣ ёд.*

Шоир дар байти навбатӣ зарбулмасалеро, ки муродифи он «чоҳканро чоҳ дар пеш аст» ба шумор меравад, бамаврид ба кор бурдааст:

*Гар чоҳ канад хасис дар роҳ,*
*Худ пештар уфтад дар он чоҳ.*

Бо истифода аз зарбулмасалу мақоли зиёд дар достон шоир ҷанбаи иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ ва услубии асарро афзун сохтааст.

Ин ҷо ба таври намуна овардани якчанд зарбулмасалу мақолеро, ки шоир дар достон истифода кардааст, лозим мешуморем:

1. Зарбулмасали «ҳақиқат талх аст»:

*Талхӣ зи шакар ҳадиси хом аст,*
*Талх аст ҳақ, ин қадар тамом аст.*

2. Мақоли «ботинро пок доред»:

*Онро, ки ба чеҳра айбнок аст,*
*Ҳошо, ки дарун зи айб пок аст.*

3. Зарбулмасали «ганҷ дар вайрона аст»:

*Роҳат ғаразест дурри беранҷ,*
*Оре, ба хароба – дар бувад ганҷ.*

4. Зарбулмасали «пояи зулм устувор нест»:

*Ниҳоли зулмро ҳосил ҳалок аст,*
*Ки золим зиндаву номаш ба хок аст.*

Истеъмоли ин мақолу зарбулмасалҳои ба таври намуна овардашуда дар забони форсии тоҷикӣ сервусъатанд, ки ба забони достон зебу оро бахшидаанд.

Истифодаи бамаврид аз зарбулмасалу мақолҳо ва санъатҳои маънавиву лафзӣ достони «Юсуфу Зулайхо»-ро ҷаззобу дилкаш гардонидаанд, ки бо фарогирии мавзӯъ, инъикоси ҳолати қаҳрамонҳо, тарғиби ғоя ва офаридани образҳои дилнишин дар мисоли худ беназиранд.

Ҳангоми ба нашр омода намудани матни достон («Юсуф ва Зулайхо», Теҳрон, 1369 ҳ.) баъзе ғалатҳое, ки дар вақти чопи асар гузаштаанд, ба назар расиданд, ки ишора ва ислоҳ намудани онҳоро зарур медонем:

1. Дар саҳ. 52 мисраи – Бо лаҷҳаи эмин аз табоҳӣ, ба шакли – Ё лаҷҳаи эмин аз табоҳӣ оварда шудааст.

2. Дар саҳ. 63 дар як байт: Яъне шуда зоҳир аз уруҷаш, Ҳам чархи баланд, ҳам буруҷаш, ба ҷои калимаҳои қофияи мисраъҳо «уруҳбаш» ва «баруҳбаш» омадааст, ки нодуруст аст.
3. Саҳ. 79 дар мисраи – Гӯ чарх баровар аз замин гард, ба ҷои калимаи «гӯ» «ку» оварда шудааст.
4. Дар саҳ. 84 мисраи зерин ба шакли нодурусти – «Уштуре диди̅ надида боши̅» омадааст ва тарзи дурусташ: «Уштур диди̅, надида боши̅» аст.
5. Саҳ. 92 дар байти: Эй вой, ки дарди дуриям сӯхт, Бар дарди чунин сабуриям сӯхт, ба ҷои калимаи «чунин» «ҷабин» омадааст.
6. Саҳ. 103 дар мисраи: Эй канда сарат ба панҷаи шер, ба ҷои вожаи «канда» «ганда» оварда шудааст.
7. Дар саҳ. 107 мисраи: Яъне, гаҳи он ки Меҳри тобон, ба шакли нодурусти: Яъне, ки он гаҳ Меҳри тобон, омадааст.
8. Дар саҳ. 110 мисраи: Бе дарки муҳити бекарона, ба шакли – Не дарки муҳити бекарона омадааст, ки ғалат аст.
9. Дар мисраи зерини саҳ. 121 – Он таъна занад бар ӯ ниҳони̅, ба ҷои калимаи «таъна» дар матн «малъуна» омадааст, ки ин иштибоҳ аз ғалат хондан сар задааст.
10. Дар саҳ. 123 дар унвони боби матн ба ҷои вожаи «маҳбубаи» «маҳҷбубаи» оварда шудааст.
11. Мисрае аз саҳифаи 129 ба таври – Ин нақшро зи аҷаб кунад соз, оварда шудааст ва шакли саҳеҳи мисраъ чунин аст: Ин нақш аҷаб чунин кунад соз.
12. Калимаи «танг» ба ҷои «тунук» дар мисраи – Як пираҳани тунук дигар ҳеч, дар саҳ. 133 корбаст гардидааст.
13. Дар саҳифаҳои зерин: 147 ба ҷои калимаи «макр» «магар», 159 ба ҷои «барояд» «баромад», 171 ба ҷои «пеши» «ҳечи», 181 ба ҷои «гум» «кам», 186 ба ҷои «гаштанд» «куштанд», 187 ба ҷои «обаш» «оташ», 193 ба ҷои «кард» «гард», 205 ба ҷои «луқмае» «нағмае», 211 ба ҷои «даҳа» «диҳад», 216 ба ҷои «бино» «биё»,

219 ба ҷои «пеш» «беш» истифода шудаанд, ки ба сиҳатии матн халал ворид кардаанд.

14. Дар саҳ. 192 дар мисраи – Гуфт аз паи он ҳазор зорӣ, калимаи «он» афтодааст.
15. Дар саҳ. 196 мисрае ба шакли – Бо ӯ чу Маҳи тамом пуранҷум, омадааст ва шакли саҳеҳи он бояд чунин бошад: Бо ӯ чу Маҳи тамому анҷум.

Матни достони «Юсуфу Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ бори аввал дар асоси нусхаи чопии Теҳрон, 1369 ҳ.х. ба нашр мерасад ва умед дорем, ки писанди хонандагону дӯстдорони каломи бадеъ мегардад.

***Вафо ЭЛБОЕВ***

# ДОСТОНИ
# «ЮСУФУ ЗУЛАЙХО»

… Не-не, ки ҳанӯз одами пок[1]
Омехта буд бо гилу хок,
К-он лаҳза ба ҳар баланду пастӣ
Будӣ ту набӣ, чунон ки ҳастӣ.
Меҳроби ту айни Арши аълост,
Мисвоки ту рашки шохи тӯбост.
Меърочи ту беш аз он ки идрок
Дасте бирасонадаш ба фитрок.
Гар монад аз он хирад, аҷаб нест,
Афтодани кӯр бесабаб нест.
Инро нанавозад …. …. маъзур[2],
Сахт аст Замину Осмон дур.
Мискин мани мустаманди муҳтоҷ
Хоҳам, ки кунам баёни меъроҷ.
Ҷое, ки хирад……………… [3],
Мискин хари лошае чӣ ронад?
Лек он чи ман аз касон шунидам,
Гӯям чу яқин ба он расидам.

## СИФАТИ МЕЪРОҶИ ПАЙҒАМБАР, ҲАЗРАТИ САҚАЛАЙНИ СОҲИБИ…..[4] ҚОБА ҚАВСАЙНИ АЛАЙҲИ АФЗАЛУССАЛАВОТ ВА АКМАЛ УТТАҲИЁТ

Гӯянд шабе зи рӯз беҳтар,
В-аз гавҳари шабфурӯз беҳтар.
Фархунда шабе, ки Осмонҳо
Буд омада бар Замин замонҳо.

---

1. Саҳифаи аввали нусхаи хаттӣ аз миён рафта ва бино ба нишондоди ношир матни достон аз ҳамин ҷо шурӯъ мешавад.
2, 3, 4. Сафҳаи оғози китоб обшуста аст ва ин калимот хонда намешавад.

Не-не, ки Замин бар Осмон рафт,
Гуфтам суханеву як замон рафт.
Маҳтобу шабе, ки беҳ зи соле,
Зархез сиёби шабмисоле.
То дида ба худ шабе чунинро,
Сар суда бар Осмон Заминро.
Рахшанда шабе чу субҳгоҳе,
Не шаб рӯзе, на рӯз моҳе.
Бо шавқ чунин шабе дилафрӯз,
Барканда ҷаҳон дигар дил аз рӯз.
Шаб кор ба Каҳкашон расонда,
Гулрез ба ресмон давонда.
Аз кисаи чархи сахтбозу
Пурзар шуда Зуҳраро тарозу.
Бо тоси зарин сипеҳри лаъъоб
Афшонда ба роҳи Каҳкашон об.
Гардун зи нуҷум гашта марқум,
Чун пур зи шукуфа нахле аз мум.
Бо лаҷҳаи эмин аз табоҳӣ,
Анҷум чу кушода доми моҳӣ,
Ҷо карда аён маҳи ягона
Чун лангари дом дар миёна.
Ё худ беҳ аз ин диҳам нишонаш,
Тоқест, ки то ба Каҳкашонаш.
То чашм ба Каҳкашонам омад,
Филҳол ба ёд ҷонам омад.
Лавҳе, ки муаллими куҳансол,
Зад нуқта зи баҳри машқи атфол.
Шуд чарху нуҷум лашкари ӯ,
Шаб чатри сиёҳ бар сари ӯ.
Чархе чу ба баргу бори тӯбӣ,
Шаб ҳомилаи ҳазор хубӣ.
Азбаски давид зеру боло,
Шуд обилапой чархи воло.
Шаб доясифат ба по фитодаш,
Бар по зи шафақ ҳино ниҳодаш.

Худ обилаи фалак ниҳон нест,
Донад ҳама кас, сухан дар он нест.
Эзад ба шабе чунин, ки афлок
Буданд ниҳода рӯй бар хок.
Бикшод зи баҳри чун ту шоҳе
То Арш зи фарши хок роҳе.
То рӯи Замин зи Арши аъзам
Рӯ карда малоик аз паи ҳам.
То аз раҳи лутф подшаҳвор
Ронӣ ба фалак саманди раҳвор.
Як дам зи ту чарх нур ёбад,
Арш аз қадамат ҳузур ёбад.
Тӯбӣ ба раҳи ту сар ниҳад шод,
Чун соя ба пои сарви озод.
Дар пои ту сидра ҷон фишонад,
Бар чашму сари худат нишонад.
В-он гоҳ зи раҳравони огоҳ,
Яъне, зи муқаррабони даргоҳ,
Аз олами қудс шоҳбозе,
Парвозбаланду тезтозе.
Ҷоневу ҷаҳони ҷон маконаш,
Нодида ғубор ҷисму ҷонаш.
Ҳар ҷо қадамаш даме расида,
З-он хок чу сабза ҷон дамида.
Мӯсо шуда хуррам аз дами ӯ,
Исо шуда низ ҳамдами ӯ.
Бо ҷону хирад рафиқу соҳиб,
Бо ҷумлаи анбиё мусоҳиб.
Дар роҳи Ҳақаш ҳама такупӯй,
В-аз Ҳақ ба расули Ҳақ сухангӯй.
Аз ҷумла малоик эҳтиромаш
Афзудаву Ҷабраил номаш.
Сӯи ту давонду байдақе ронд,
То чун ту шаҳе ба сӯйи худ хонд.
Бо ӯ зи пайи ту кард ҳамроҳ
Рахши фалаку маҳаш чарогоҳ.

Барқе, ки Бурoқ номи ӯ буд,
Олам ҳама ним гоми ӯ буд.
Аз ҷинси фаришта бодпое,
Фаррухпаю тезпар ҳумое.
Аз боди равон сабукинонтар,
Аз оби ҳаёт ҳам равонтар.
Симин сару ёл анбаринсум,
Бар як таки ӯ нуҳ Осмон гум.
Пешониву гарданаш фароҳам,
Хуршеду ҳилол ҳар ду бо ҳам.
Чун косаи сум занад бар афлок,
Дар косаи Меҳру Маҳ кунад хок.
Чун майли Замин кунад зи гардун,
Гӯйӣ, ки фалак шавад дигаргун.
Холӣ зи халал суми пари ӯ,
Дар сояи сидра ох(в)ари ӯ.
Дар боғи ҷинон чарида бисёр,
Бе заҳмату пойбанду афсор.
Аз доли муҳаммадӣ ба ронаш
Доғе, ки фузуда иззу шонаш.
Ҷибрил ба инчунин саманде
Омад бари чун ту арҷманде.
Бо сад туҳаф аз ҷаҳони боло
Овард саломи Ҳақ таоло,
К-эй мардуми чашму чашми мардум,
Эй чашму чароғи чарху анҷум,
Биштоб, ки то ба чашми бедор
Бинӣ, ки ғанимат аст дидор.
Худ аз пайи инчунин паёме
Будӣ ту ба раҳ ниҳода гоме.
Бар дар зада чашму гӯш бар роҳ,
Чун мунтазирон нишаста огоҳ.
Дар дам, ки паёми Ҳақ шунидӣ,
Як дам назадӣ, наёрамидӣ.
Кардӣ ба суйи Бурoқ оҳанг,
Ҷон бар кафу тозиёна бар чанг.

Чун барги гулу насими ҷонбахш
Рафтӣ сӯйи Осмон ба он Рахш.
Аввал зи ҳаво гузаштӣ осон,
Бо тоҷу сарири подшосон.
Тоҷат зи лаумраку зи лавлок
Тахте зада пояҳои афлок.
В-он гоҳ чу бод аз оташи тез
Рондӣ суйи чарху Моҳ Шабдез.
Ту дил, фарасат насими дилкаш,
Осон гузарад насим аз оташ.
Дар роҳи ту Осмон заминвор,
Часфонда чароғҳо ба девор.
Чун Моҳи мунир дид рӯят,
Чун мунтазирон давид сӯят.
Шуд бо ҳама равшанӣ чу анҷум
Дар партави моҳи оразат гум.
Пас бар фалаки дувум давондӣ,
Бо тири дабир нукта рондӣ.
Омӯхтияш ба як ишорат
Сад нукта ба беҳтарин иборат.
Ӯ пеши ту чун ба ганҷе аз зар
Як мирии куҳна, балки камтар.
Чун Зуҳра зи корат огаҳӣ ёфт,
Рӯ аз ҳама навъи бераҳӣ тофт.
Дид аз дафу чанги худ забонҳо,
Бар дасти ту тавба кард аз онҳо.
Чанге, ки даме надодӣ аз даст,
Зад пеши ту бар Замину бишкаст.
Бигзашт зи созу сӯз омӯхт,
Оташ заду уди хешро сӯхт.
Чун чархи чаҳорумат макон шуд,
Яъне, ки Заминат Осмон шуд.
Хуршед рух аз Масеҳ бартофт,
К-аз рӯйи ту партави дигар ёфт.
Гашт аз раҳу расми худ пушаймон,
Овард ба ҳазрати ту имон.

Ҷо ёфт бари ту як замоне,
Чун барги гуле ба гулситоне.
В-он гоҳ шудӣ ба чархи панҷум
Бо кавкабаи фузун зи анҷум.
Бар роҳи ту эй ба ҳар сар афсар
Миррих бибурид барраро сар.
Қурбон, ки кашанд сарнигунаш
Бар ҷабҳа нишон кунанд хунаш.
Ӯ низ намуд аз он мисоле,
Бар ҷабҳаи чарх монд холе.
З-он поя дигар накарда ором,
Бар тораки Муштарӣ задӣ гом.
Ӯ низ ба ҳар ду чашми бедор
Шуд гарди раҳи туро харидор.
То касби саодаташ диҳад даст,
Дар домани давлати ту зад даст.
Домони туаш ба даст дарҳам,
Чун домани гул ба мушти шабнам.
З-он марҳала ҳам ба сад тааззум
Бурдӣ буна бар сипеҳри ҳафтум,
То баҳри ту пок созад айвон,
Бар дӯши фалак нишаст Кайвон.
Аз бас ки паят нигоҳ карда,
Чашме ба раҳат сиёҳ карда,
З-ӯ низ рамид бе табоҳӣ
Рахши ту чу тавсан аз сиёҳӣ.
Бар чархи дигар шудӣ шитобон,
Чун Меҳри муниру Моҳи тобон.
Моил ба буруҷи ӯ нагаштӣ,
З-ӯ низ равон-равон гузаштӣ.
З-ин гуна зи ҳашт чархи сайёр
Нагзашт касе ба ҷуз ту тайёр.
Пас Арш давид пеши бозат,
То саҷда барад ба сад ниёзат.
Ин бебуду беназир он як,
Ин дилкашу дилпазир он як.

Аз ғунчаву беди мушкбоғаш
Мушкин шуда ғунчасон димоғаш.
Ҳар гӯша шукуфта ёсамине,
Пурнаргису настаран Замине.
Бар гирди бунафшазораш анҳор
Чун ҷадвали сим кард ашъор.
Ҳар тозаниҳоли мевадораш
Шӯхест карашма баргу бораш.
Ҳар гулбуни пургул аз ҷавониб
Ҳамчун фалаке пур аз кавокиб.
Сарваш, ки ҷавону шӯху раъност,
Дар боғ ситода чун алиф рост.
Бе нағма ҳавои рақс дар сар,
Сайдаҳмадиёна хирқа дар бар.
Бустон гули нор хонда бораш,
Биншонда ба ноз дар канораш.
Ҳам гулбуни навбараш дилангез,
Ҳам шохи санавбараш диловез.
Ҳар тоза санавбараш ба дидор,
Дар ҷомаи сабзи қадди дилдор.
Он ҷомаи дилбарона дар бар,
Пур тукмаи зар зи пой то сар.
Пас карда ҳам аз пайи тафохур
Аз донаи мушк тукмаҳо пур.
Амрудиву донадор ҳар як,
Чун ғунча ба баргу бор ҳар як.
Ин худ аҷаб, ар кунанд бовар,
К-амруд баровард санавбар.
З-ин гуна пур аз аҷаб ниҳоле
Машнав, ки бувад ба ҳеч ҳоле.
Бас хурраму хушдилу фараҳгин,
Чун тифл ба байзаҳои рангин.
Дар саҳни чунин латиф боғе,
К-афрӯхт зи ҳар гулаш чароғе,
Шоҳона иморате барафрохт,
В-аз сақфи сипеҳраш остон сохт.

Не-не, чӣ иморате, ҷаҳоне,
Ҳар шоҳнишинаш Осмоне!
Ҳар панҷарааш ба ҷоми алвон,
Меҳру Маҳу Муштариву Кайвон.
Моҳаш гаҷу Офтоб хишт аст,
Ҳар як дари ӯ дари биҳишт аст.
Дар шеваи ростӣ ягона,
Истода ҳаме бар остона.
Гар барҷаҳад Осмон зи ҷояш,
Мушкил, ки расад ба пошнояш.
Чун меҳри ҳазор хишт дар вай,
Сад хонаи чун биҳишт дар вай.
Донам, нарасад ба бомаш идрок,
Илло, ки ба нардбони афлок.
Ин ҷумла, ки чун биҳишт ҷоест,
Алқисса, ки меҳмонсароест.
Он хона, ки ҷои будани ӯст,
Мағз аст ба эътибору ин пӯст.
Тоқаш, ки гаҳе мабод вайрон,
Наздик чу хонаи фақирон.
Бе бистару болишу ниҳолӣ,
Аз ҳар чӣ такаллуф аст, холӣ.
Чун ойина хишти фарши ӯ пок,
З-он сон, ки дар ӯ намояд афлок.
Ҷовид ба доду дин музайян,
Чун ҷаннати ҷовидон мусамман.
Ҷонбахш чу оби Хизр хокаш,
Обаш чу ба кӯйи ҷони покаш.
Аз мушку гулоб хоку обе,
В-аз ҳашт биҳишт интихобе.
Аз паҳлуи ин сарову бустон,
Инак, шуда оламе гулистон.
Эй хоки дари ту чашмро нур,
Аз хоки дари ту чашми бад дур!
Эй лутфи ту хосу омро ом,
Кам рафт кас аз дари ту бе ком.

Эй даст фишонда бар замона,
Дар кӯйи фано гирифта хона.
Эй равнақи дину давлат аз ту,
Осоиши мулку миллат аз ту.
Эй дар карам аз карам зиёда,
Ту шоҳи бисоту маҳ пиёда.
Эй аз ту асоси зулм вайрон,
Кунд аз ту забони нуктагирон.
Эй мардуми чашми чархи анҷум,
Равшан ба рухи ту чашми мардум.
Эй дода ба бод куфру кинро,
Об аз дами теғи туст динро.
Теғи ту кунад ҷаҳонфурӯзӣ,
Килки ту диҳад бароти рӯзӣ.
Хашми ту чу лутфи дигарон аст,
Худ хашм куҷо, сухан дар он аст.
Гаҳ-гаҳ ба бадон зи баҳри бас чиз
Лутфест, ки хашм мекунӣ низ.
Назми ту, ки табъ ком аз ӯ ёфт,
Аркони сухан низом аз ӯ ёфт.
Дуррест, ки гӯши тоҷдорон,
З-ӯ пур шуда чун садаф зи борон.
Искандар агар ба ҳар тариқе
Монанди ту доштӣ рафиқе,
Барбод надодӣ охир айвон,
Гумраҳ нашудӣ ба оби ҳайвон.
З-он ҷо, ки лақаб шудӣ Навоӣ,
Рамзест дар ин миён худоӣ.
Яъне, ки ту канзи иззӣ алҳақ,
В-ин ҳар се ба ҳам якест саддақ.
В-аз донишат ар басе насиб аст,
Ин ҳам бишунав, ки бас ғариб аст.
Чун ҷомеи дониш аст мавло,
В-аз ҳам на ҷудост ин ду асло.
Он ҷо, ки сухан дар ошноист,
Мавло бишумор, чун Навоист.

З-ин ном шудӣ ба давлату дод,
Ҳам обиду ҳам малози уббод.
Ин ном, ки ҳаст пой то сар
Ороста аз чаҳор гавҳар:
З-он чор серо зи рӯи зоҳир,
Монандаи аввал асту охир,
В-он дигар, агар на з-он сунуф аст,
Ҳам аввалу охири ҳуруф аст.
Эй ганҷи сухан хазинаи ту,
Ман бандаи камтаринаи ту.
Ман, к-аз дари ту гузар надорам,
Ғайр аз ту дари дигар надорам.
Беҳтар зи ду чашми равшанӣ ту,
Ман бекасаму каси манӣ ту.
З-он рӯз, ки ин ситамрасида
Аз мулки Ироқ шуд рамида,
Аз хешу табору душману дӯст
Афтод бурун чу ғунча аз пӯст,
Алқисса, чӣ мушкилу чӣ осон
Омад ба вилояти Хуросон.
Бо пову саре чу хоки раҳ паст,
Дар домани давлати ту зад даст.
Он дил, ки зи ёру дӯст барканд,
Дар бандагии ту кард дар банд.
Дод аз пайи ваҷҳи дӯсткомӣ
Худдоми туро хати ғуломӣ.
Чун булҳавасон ба кому ноком
Бар ҳеч дари дигар назад гом.
Аз ҳеч саҳоби каф ҳубобе
Як рӯз нахост ҷоми обе.
Накшод ба ҳеч кас нафасро,
Нашнохт ба ҷуз ту ҳеч касро.
Рӯзе нашуд аз дарат фаропеш,
Бар хони ту хӯрд рӯзии хеш.
Алҳақ, зи ту дид лутфу эҳсон,
Чандон, ки ба гуфтан аст осон.

Кораш ба масобате расондӣ,
К-аш ёри азизи хеш хондӣ.
Чандон ба навозиши ту шуд шод,
К-аз шодии кас наёмадаш ёд.
Аз лутфи ту ёфт он қадар баҳр,
К-омад ба ҳузур шаҳр то шаҳр.
Бахшидияш аз раҳи иноят
Асбу зару ҷома бениҳоят.
Ҳар сол ба ӯ чу нахли навбар
Лутфу караме намудӣ аз сар.
Чун ғунча ба як ҳадис чун дур
Кардӣ кафу кисааш зи зар пур.
Он киса тиҳӣ нагашта дигар,
Додӣ чу гулаш сипар-сипар зар.
Ҳар гоҳ, ки хондияш бари хеш,
Бархостиву нишондияш пеш.
Сад раҳ ба тафаққудаш ситудӣ,
Бас мардиву мардумӣ намудӣ.
Аз лутфи ту кори ӯ зи ҳад шуд,
Қадраш, ки яке набуд, сад шуд.
Ман худ чу ба худ назар кушудам,
Шоистаи ин қадар набудам.
Чандин назарат, ки сӯйи ман буд,
Беш аз ману гуфтугӯйи ман буд.
Ман кистаму чӣ буд номам,
То ин ҳама зебад эҳтиромам?
Ошуфтадимоғи тираҳӯйе,
Омӣ Қумии шикастагӯйе.
Лекин нашуд аз дилам, ки як рӯз
Дар базми ту бо дилеву сад сӯз,
Мекардам ҳамчу рост коре
Нодонии хешро шуморе.
Сармояи несту ҳасти худро,
В-ин пояи табъи пасти худро
Мегуфтаму рост буд, гуфтам,
В-ин аз ту ҷавоби он шунуфтам.

Ин буд, ки эй ғариби хаста,
З-ин беш мабош дилшикаста.
Сад айб агарат бувад падидор,
Бо он ҳама ҳастамат харидор.
Ҳар неку бадат, ки ҳаст ҳосил,
Мақбули ман асту бад макун дил.
Ман чун зи лаби ту он шунидам,
Ҳаққо, ки ба Осмон расидам.
З-он сон зи ту шодмон шудам боз,
К-аз ханда ҳама даҳон шудам боз.
Эй як ба наво расидаат ман,
Як бандаи зархаридаат ман.
Чун худ ба иродатам хариди̅,
Пас доғи ғуломиям кашиди̅.
Дар нокасиям мабину махру̅ш,
Озод макун марову мафру̅ш.
Хонанд шаҳони бандапарвар
Мар бандаи некро бародар.
Ман бандаи нек агар набошам,
Аз бандагият бадар набошам.
Бад бошаму банда бошамат беҳ,
К-озоду наку̅й, ҳар кеҳу меҳ.
Алқисса, ғуломи туст номам,
Гар некаму гар бадам, ғуломам.
Аз бандагии ту з-он шудам шод,
К-аз ҷаври замона бошам озод.
Ҳаст аз ҳама тойири ҳумо беҳ,
З-у̅ сояи давлати шумо беҳ.
Масъуд, ба ин шикастаҳоли̅,
З-ин соя даме мабод холи̅.
Ин соя, ки давлатест мавфур,
Як лаҳза мабод аз сараш дур.
Ҳечаш маравод номат аз ёд,
В-аз чашми иноятат маяфтод.
Ё раб, ба камоли иззу шонат,
Ё раб, ба Замину Осмонат,

Ё раб, ба ниёзи мустамандон,
Ё раб, ба дили ниёзмандон,
Ё раб, ба китобҳои мунзал,
Ё раб, ба паямбарони мурсал,
Ё раб, ба сифоту зоти покат,
Ё раб, ба ҷаҳони обу хокат,
К-ин соя, ки ҳаст ёвари мо,
Поянда бидор бар сари мо!
Дар давлату дин муъини ӯ бош,
Равнақдеҳи доду дини ӯ бош.
Шоҳона ҷаҳон паноҳ созаш,
Дар кишари фақр шоҳ созаш.
Дар марҳала аз тариқи таҳқиқ
Ҳамроҳ кунаш рафиқи тавфиқ.
Сад соли дигар ба комронӣ
Хуш дор варо, дигар ту донӣ.

## ДАР САБАБИ НАЗМИ КИТОБ

Гардун, ки ба амри Эзади пок
Гардад ҳама гирди каъбаи хок,
Аз хок барорад Офтобе,
В-он гаҳ занадаш бар оташ обе.
Чун рӯз шабе кунад дилафрӯз,
Рӯз ораду боз шаб кунад рӯз.
Дар сад чамане ба рангу бӯ нест,
Як лола, ки доғдори ӯ нест.
Гар бесабабе зи по наяфканд,
Ҳам барнагирифт, то наяфканд.
Худ марҳам агар на реш бошад,
Чизе, ки ба ҷои хеш бошад.
Дӯзанда чӣ ростбин, чӣ аҳвал,
Пас дӯзаду пора созад аввал.
Чун абр гиристан кунад соз,
Гул хандазанон даҳан кунад боз.
Ҷарроҳ, ки хастагӣ зи тан бурд,
Тимор накард, то наёзурд.

Чун чарх бар он шавад, ки чанде
Гирад пайи коми дардманде,
Аввал ба итобаш озмояд,
В-он гаҳ дари марҳамат кушояд.
Роҳат, ки дараш мудом во нест,
Бе ҳеҷ машаққате раво нест.
Ҷӯянда, ки зинату баҳо ёфт,
Ганҷ охиру аввал аждаҳо ёфт.
З-он ҷумла яке манам, ки гардун
Сад пай чу гилам нишонд дар хун.
Ҳар дам ба дамам ба каф чу лола
Пур дод зи хуни дил пиёла.
Сад раҳ ҷигарам ба навъи тобе
Шуд сӯхта аз пайи кабобе.
Умре зи ҷигар кабоб хӯрдам,
Хун хӯрдам, агар шароб хӯрдам.
Бо хотири пок аз офати хок
Гуфтам, ки чӣ гуфт Эзади пок:
Ё раб, ба каломи пуркамолат,
Ё раб, ба ҷалолату ҷамолат,
К-аз ман бипазир зории ман,
Зориву сухангузории ман.
Дар гуфтаи ман мабин, ки ҳеч аст,
Ҳеч аст, бар ӯ ҳазор печ аст.
Он бин, ки зи гуфтаи ту гуфтам,
Чандин дури бебаҳо, ки суфтам.
Гар з-он ҳама дур, ки табъи ман суфт,
В-он гуфта, ки дар сад анҷуман гуфт.
Як дур на ба рост суфта бошам,
Гуфтам сухане, нагуфта бошам.
Гӯянда агар маҳи тамом аст,
Ҷуз ҳар чӣ ту гуфтаӣ, ҳаром аст.
Бо қадри ту, эй паноҳи ҳар кас,
Масъуд чӣ бошад, ин қадар бас.
Шуд сер дилаш зи чархи гардон,
Тавфиқи Худо рафиқ гардон!

## ОҒОЗИ ҚИССАИ ЮСУФИ СИДДИҚ, АЛАЙҲИССАЛОМ, КИ ДАР КАЛОМИ ИЛОҲӢ БА АҲСАНУЛҚИСАС ИТТИСОМ ЁФТА, МУШТАМИЛ БАР ШАРҲИ ҲОЛ ВА БАЁНИ МАОЛИ МОДАРИ ПОКИЗАГАВҲАРАШ, КИ БАР ҶАНОҲИ ЗАЪФ ВА НОТАВОНӢ АЗ ИН САРОЧАИ ФОНӢ БЕРУН ШИТОФТА

Лутфи азалӣ ба ҳар кӣ рӯ кард,
Бахт аз дару бом рӯ ба ӯ кард.
Бо ҳар кӣ замона меҳрубон шуд,
Гургаш саги галлаи шубон шуд.
Онро, ки зи Осмон расад нур,
Бошад шаби ӯ зи тирагӣ дур.
Рӯзе ду агар зи бадписандон
Чун ғунча фитад ба банду зиндон,
Охир чу гули шукуфта з-он банд
Барги тарабаш диҳад Худованд.
Аз ҷинси каҳе, чунонки ки донӣ,
Ояд ба сарири комронӣ.
Ҳам оҳани банд ӯ гудозад,
Гардун, ки калиди фатҳ созад.
Он к-аш назаре бувад илоҳӣ,
Аз бандагӣ уфтад ба шоҳӣ.
Гар чоҳ канад хасис дар роҳ,
Худ пештар уфтад дар он чоҳ.
Ҳар кас, ки зи Ҳақ паноҳ ёбад,
Ҳам дар таҳи чоҳ ҷоҳ ёбад.
Чун ёр шавад сипеҳри сайёр,
Гӯ, бош замона пур зи ағёр.
В-онро, ки замона низ ёр аст,
Ҳар гом, ки ҳаст, дар канор аст.
Маҳсуди касон бувад чунин кас,
Гуфтем кинояте, ҳамин бас.
Донои гузаштадостонҳо,
Феҳристи қадими хонадонҳо,
Бонии чӣ гавҳарин баёне
Гӯё ба накӯтарин забоне

Аз мағзи сухан чунин кашад пӯст,
З-он қисса, ки аҳсанулқисас ӯст,
К-аз ҷамъи паямбарони номӣ
Яъқуб, ки буд бас гиромӣ,
Ҳам маъдани гавҳари мурувват,
Ҳам кони ҷавоҳири нубувват.
Чун ломи хамида мубталое,
Ҳамчун алифаш ба каф асое.
З-он ломалифаш мудом ҳамроҳ,
Ло аз пайи нафй сӯйи Аллоҳ.
З-ин аст, ки бар сар аст модом
Оёти китобро алифлом.
Худ нест ҷуз ин ду ҳарфи рангин,
К-ин як дили ӯст, он дили ин.
Алқисса, чунин паямбари пок,
Бишнав, ки чиҳо кашид з-афлок?
Аз киштаи худ чӣ меваҳо чид?
В-аз дидаи хештан чиҳо дид?
Он к-аз сару кори ӯ хабар дошт,
Гӯяд, ки дувоздаҳ писар дошт.
Яъне, шуда зоҳир аз уруҷаш
Ҳам чархи баланд, ҳам буруҷаш.
З-он ҷумла, ки ин дил он ҷигар буд,
Ҳар як ду зи модари дигар буд.
Ҳар як ба шукӯҳу фар чу кӯҳе,
Кӯҳе чӣ, ки осмоншукӯҳе.
Ин гардани шери нар шикаста,
Он як ба паланг барнишаста.
Он аз дигарон ба қувват афзун,
Инро рухи хубу қадди мавзун.
Он чун зада бар сари Замин пой,
Ларзида Замину рафта аз ҷой.
В-ин чун шуда хашмгину бадхӯй,
Сар карда бурун зи ҷомааш бӯй.
Он як, чу кашида наъраи сахт,
Кайвон ба замин фитода аз тахт.

В-он як чу гирифта тозиёна,
Хушрав шуда тавсани замона.
Он бурда ба чустӣ аз фалак гӯй,
В-ин якдилу якзабону якрӯй.
Ин зулфи бунафша тоб дода,
Он аз Маҳу Офтоб зода.
Ин гуна шунидаам зи хешон,
К-аз ҷумлаи он ситудакешон,
Аз як бару синаи гиромӣ
Юсуф шуда буду Ибни Ёмӣ.
Мӯяш чу бунафша пургиреҳ буд,
Рӯяш зи ҳазор Моҳ беҳ буд.
Дар чеҳра ба Меҳру Муштарӣ хеш,
Аз Моҳ зиёду аз парӣ беш.
Ҳар кас ки бидидӣ ончунонаш,
«Аллоҳ!» баромадӣ зи ҷонаш.
Аз партави рӯи он дилафрӯз
Ҳам аввали шаб баромадӣ рӯз.
Бо талъати он хуҷастатимсол
Воқеъ нашудӣ шабе ба сад сол.
Гӯйӣ ҷон буд ҷисми покаш,
Ё оби ҳаёт буд хокаш.
Гул куштаи рангу бӯи ӯ буд,
Хуршед ғуломи рӯи ӯ буд.
Ҳақ, к-ин ҳама нақшҳо кашидаст,
З-ӯ хубтаре наёфаридаст.
Қаддаш чу алиф, касе ки дидӣ,
Оҳе зи миёни ҷон кашидӣ.
Ҳар дида, ки дидӣ он бару дӯш,
Кардӣ дилу дини худ фаромӯш.
Ҳар ҷо шуда зоҳир он шамоил,
Ин даст ба бод дода, он дил.
Ҳам нози дудастияш ба домон,
Дил дасти тамаъ бурида аз ҷон.
З-он ҳар мижае чу теғ пайваст
Рафта дилу дасти мардум аз даст.

Дар боғи нубувват он накӯкор
Гул буду бародарони ӯ хор.
Ӯ буд аён гаҳи назора,
Хуршеду бародарон ситора.
Ҳам нури ду дидаи падар буд,
Ҳам з-он дигарон азизтар буд.
Худ зарра агарчи ҷинси меҳр аст,
Донам, ки на дархури сипеҳр аст.
Ҳарчанд ки қатра ҳам зи дарёст,
Лекин ҳади ҳар кадом пайдост.
Гирам, ки на қатра зиндарӯдест,
Бишнав, ки аҷоибам сурудест.
Силӣ ки аз ӯст кӯҳ дар печ,
Чун рафт ба баҳри ҳеч шуд ҳеч.
Алқисса, бар он шудам, ки ҳамвор
Аз сар қадаме кунам қаламвор.
Созам ба саноош тар забонро,
Гаҳ гӯяму гаҳ нависам онро.
Аз некияш андаке бигӯям,
Аз сад некӣ яке бигӯям.
Гӯям ҳама дам дуои ҷонаш,
Шонам ҳама ҷо ба ҷои ҷонаш.
Махсус ба номи он сарафроз
Як маснавие рақам занам боз.
Сад фаслу ҳазор боб дар вай,
Боби Маҳу Офтоб дар вай.
То як шабам аз забони шамъе
Афрӯхта дар миёни ҷамъе
Байте ду ба гӯши ҷон даромад,
З-он сон, ки зи ҷон фиғон баромад.
В-он буд рубоии аҷаб нагз,
Чун тунги шакар тамоми ӯ мағз.
Аз гуфтаи пурбаҳои ӯ буд,
В-аз ҷумлаи гуфтаҳои ӯ буд.
Мазмуни чунон рубоии фард
На фарду на ҷамъ домани вард.

Ин буд, ки гуфт, чун шуд аз даст,
Парвона шабе ба булбули маст:
К-эй рафта дилат ба рангу бӯе,
Дил рафтаву монда гуфтугӯе.
Фарзона ба сӯхтан наӣ ту,
Дар сӯхтагӣ чу ман наӣ ту.
Булбул гуфташ ба ишқбозӣ,
К-он аст тамоми ҷонгудозӣ.
Чун ту, ки қазот нотавон сохт,
Аз ҳар пари ман яке тавон сохт.
Ман чун сухане бад-ин накӯӣ
Некӯтар, ҳар сухан, ки гӯӣ.
З-он шамъи шакарлабон шунидам,
Рамзе ду аз он забон шунидам.
Хотир зи тараб чу гул баромад,
В-ин нукта ба хотирам даромад,
К-аз сурати ин накӯ танозур
Икде созам, тамоми ӯ дур.
Гӯям, ки ба булбули ғамандуд
Парвона чӣ гуфту ӯ чӣ фармуд.
Гаҳ гуфтаи ин яке кунам кунам соз,
З-он гуфта баланд созам овоз.
Гаҳ нуктаи он яке тирозам,
Созе ба тирози хеш созам.
Гӯям, ки чӣ гуфт булбули маст,
Чун рафт ба зӯри мастӣ аз даст.
Парвона чӣ гуфт, чун барафрӯхт,
Чун сохт ба кори хешу чун сӯхт?
Алқисса, ба қиссае чунин нағз
Даррафтам чун дар устухон мағз.
Фасле ду – се гуфтам аз сари сӯз,
Чун фасли баҳори оламафрӯз.
Бурдам бари он баҳори олам,
Он мӯҷиби ифтихори олам.
Он қиблаи муқбилон дари ӯ,
Иқболи камина чокари ӯ.

Аз ман чу шунид гуфтаи ман,
В-он тоза дури насуфтаи ман,
Чун ғунча лаби табассумомез
Аз ҳам бикушоду шуд шакаррез.
Гуфт: Ин сухан арчи дилнишин аст,
Дурҷест, таҳи сухан ҳамин аст.
Он нест, ки лаззате надорад,
Аслеву ҳақиқате надорад.
Ин гуфта чу пистаест бемағз,
Худ писта ба мағз – дар бувад нағз.
Ҳар хушку таре ба мағз некӯст,
Мағз аст ғараз зи писта на пӯст.
Нахле, ки бинои ӯст муҳкам,
Кам ҳодиса раҳ барад ба ӯ кам.
В-онро, ки на поя мустақим аст,
Боде, ки вазид, ҷои бим аст.
Парвона кадом дил харошад,
Афсонаи булбуле чӣ бошад ?
Боре чу ҳамекунӣ хаёле,
Он кун, ки расӣ ба хатту холе.
Гӯяндаӣ, рост кун забонро,
Он гӯй, ки рост гӯйӣ онро.
Он қиссаи Юсуф аст, бишнав,
Бишнав, чӣ такаллуф аст, бишнав.
Пирояи насбу рафъи нас ӯст,
Мансуб ба аҳсанулқисас ӯст.
Ҳам ҳусну ҷамоли ӯ бағоят,
Ҳам ҳишмату моли бениҳоят.
Ҳам бори дили фигор дар вай,
Ҳам дидаи ашкбор дар вай.
Бо ин ҳама ҳастии забардаст
Назме на чунон ки боядаш, ҳаст.
Гуфтанд, басе набуд олӣ,
Ҷуз гуфтаи пок Ҳақ таолӣ.
Инро ту бисоз кисвате нағз,
Зам соз наботи суда бо мағз.

Зебанда дурест оламафрӯз,
Дар сурати назми нав кунаш рӯз.
Шояд, ки ба юмни он ҳикоят
Назмат ба диле кунад сироят.
Аз давлати он хуҷастаахбор
Назми ту гуле барорад аз хор.
Ман, к-ин ду ҳадис аз ӯ шунидам,
Гӯйӣ, ки ба коми худ расидам.
Гуфтам ба дилаш дуои бисёр,
В-аз баъди дуо санои бисёр.
З-он гуфта, ки бурд ақлу ҳушам,
Овози дилам шунид гӯшам.
Дур буд ҳар он чи он накӯ гуфт,
Дар гӯш гирифтам, он чи ӯ гуфт.
Лекин чу набуд он умедам,
К-он гуна баре диҳад зи бедам.
Афкандам пеши ӯ сари хеш,
Сар пеш фиканда рафтам аз пеш.
Дар гӯшаи узлате нишастам,
Май рехтаму қадаҳ шикастам.
Аз ҷон шудамаш дигар санохон,
Сад шукру саноиш гуфтам аз ҷон.
Баъд аз ҳама навъ гуфтани пур
Машғул шудам ба суфтани дур.
Кардам дили хеш бӯтаи кор,
Дар бӯта гудохтам дили зор.
Дар қиссаи Юсуф аз сари ҳуш
Печидам табъи тираро лӯш.
Гарди касалаш зи рух фишондам,
Дар гӯшаи узлаташ нишондам.
Ман низ нишастамаш баробар,
Бастам ғами хӯрду хобро дар.
Бастам камару забон кушодам,
Сар дар пайи ақлу ҷон ниҳодам.
Ҳоли дилам аз ҷигар батар буд,
В-аз хуни дилам ду дида тар буд.

Охир, ки қазо кушод бандам,
Бахт омаду кард сарбаландам.
Шуд сар ғами ман ду шодӣ охир,
Шуд навбати номуродӣ охир.
Ҳам поя баланд кард бахтам,
Ҳам дод раҳе ба пойтахтам.
Яъне, ба Ҳироти ҷаннатойин,
Он пояи тахти чархи пойин,
Он чархи баланд аз ӯ ҳаросон,
Он қиблаи мардуми Хуросон.
То дар шудаму чӣ дидам, эй дӯст,
Шаҳре, ки биҳишт бандаи ӯст.
Шаҳре зи чи шаҳрҳо зиёда,
Шаҳре ҳама шаҳрёр зода.
Шаҳре ҳама мардумиву мардум,
Шаҳре ҳамаи ҷаҳон дар ӯ гум.
Ойини ҳунар тамом дар вай,
Сад шаҳр чу Мисру Шом дар вай.
Дар ҷанби авоми ӯ зи хомӣ
Хосони Ироқу Форс омӣ.
Ҳар кас, ки раҳе ба орзу ёфт,
Аз хоки муродбахши ӯ ёфт.
З-он хок, ки кимиёасар шуд,
Ҳар хок, ки баҳра ёфт, зар шуд.
Он хок маро зи раҳ равон сохт,
Хоке чу маро зари равон сохт.
З-он хок шудам касе ба сад чиз,
Хоки қадами касе шудам низ.
Он кас, ки ба ҳеч хоку обе
Беҳ з-ӯ нарасид Офтобе.
Рояш, ки варои Офтоб аст,
Биншаста ба ҷои Офтоб аст.
Бо ман, ки камин ғуломи ӯям,
Бишнав, ки чи кард, то бигӯям.
Дар сояи хештан раҳам дод,
В-он соя фароғат аз маҳам дод.

З-он соя фалакҷаноб гаштам,
Ҳамсояи Офтоб гаштам.
Чун соя фитодамаш ба побаст,
Дар сояи давлаташ задам даст.
Чун дид маро ба сояи хеш,
Афтодагӣ аз дигар касон беш,
Бар хок фиканд сояи пок,
Бардошт маро чу соя аз хок.
Чандон карамаш азиз дорам,
Бинвохт, ки сохт шармсорам.
То бурд зи толеам хаму печ,
Тақсир накард лутфи ӯ ҳеч.
Ҳам хонд маро ба хону биншонд,
Ҳам бандаи мадҳхони худ хонд.
Сад саҳву хато гар омад аз ман,
Пӯшид бар он зи лутф доман.
Ҳарчанд маро касе надонист,
Нодонии ман басе надонист.
З-он сон, ки физояд аз алиф син,
Зар сохт миси маро ба таҳсин.
З-ӯ қадри ман аз шумор шуд ҳам,
Даҳ сад шуду сад ҳазор шуд ҳам.
Гуфтам, ки ба ҷои ин ҳама нек
Чун некон хидмате кунам, лек
Ҳарчанд ки гирди худ давидам,
Чизе, ки бизебадаш, надидам.
Ман будаму дасте аз ҳунар пок,
В-аз беҳунарӣ будаст дар хок.
Ғайр аз ду-се гуфтаи парешон
Чизе на, ки дархурад ба эшон.
Мирон ҳама резачини хонаш,
Мирулумаро мулозимонаш.
Туркон ба вуҷуди ӯ мубоҳӣ,
Тозикон худ чӣ, ҳар чӣ хоҳӣ.
Фармондеҳи ҷумла дуру наздик,
Махдуми тамоми турку тозик.

Бар даргаҳи ӯ ҳамеша бар пой
Саф-саф зада аҳли донишу рой.
Пайваста бар остон-ш ҳозир
Гӯяндаву хушнависи шоир.
Пеши раҳи фитнаву ситезаш
Саддест кашида теғи тезаш.
Пирояросони садри тамкин,
Фарёдраси фақиру мискин.
Назмаш, ки ба ғояти равонист,
Ҷонбахш чу оби зиндагонист.
Ҳар нуқтаи ӯ ба чеҳраи ҳол
Чун бар рухи хуби шоҳидон хол.
Ҳарфаш зи алиф гирифта то ё
Пирояи тоҷу тахти маъно.
Ҳар байт ба чанд қасри чун дур,
Чун хонаи ганҷ аз гуҳар пур.
Аз туркии ӯ, ки мебарад ҳуш,
Туркони замона ҳалқадаргӯш.
В-аз порсияш чу дил зи ҷонон
Бехуд шуда порсизабонон.
Ӯ дар карам ояте азим аст,
Ӯ мазҳари исмалкарим аст.
Аз хайру шари ҷаҳон рамида,
Хайраш ба ҳама ҷаҳон расида.
Дар роҳи Худо ба ҳар ҳаволӣ
Афканда работҳои олӣ.
З-он ҷумла яке, ки чархи ҳафтум
Дар як хами тоқи ӯ шавад гум.
Дар вай чу ба шаҳр пардаву дор,
Ҳаммому сарову кӯю бозор.
Муқрию имому шайху мавло,
Саҷҷодаву масҷиду мусалло.
Чандин деҳи пур зи обу дона,
Бо тоқу равоқу боғу хона.
Аз ваҷҳи ҳалол карда таъйин
Вақф аз пайи суфраи масокин.

Ҳар рӯз ҳазор кас каму беш
Аз пиру ҷавону миру дарвеш
Оянд ба рағбат аз раҳи дур,
В-аз матбахи ӯ шаванд маъмур.
Даҳ хона ғуломи доҳи чолок
Хокистару матбахаш кунад пок.
Покиза чу масҷидаш даруне,
Ҳар санги бинош Бесутуне.
Бар санги сиёҳу сурхаш аз ҷон
Мирриху Зуҳал шуда санохон.
Чун шому шафақ ба якдигар зам,
Ё чун шабаву ақиқ дар ҳам.
Ороста сангҳо ба девор,
Чун коғази муҳра карда ҳамвор.
Як ҳалқаи дар маҳи тамомаш,
Ойинаи меҳру фарш бомаш.
Бомаш зи ҳади баён гузашта,
Даргоҳаш аз Осмон гузашта.
Ҳар сақфи рафеъаш Осмоне,
Ҳар гӯшаи бурҷи ӯ ҷаҳоне.
Чандини дигар аз ин ҳам афзун
Афканда бино ба кӯҳу ҳомун.
Гар он ҳамаро кунам шуморе,
Ку паҳну кашида рӯзгоре?
З-он ҷумла ба як кушода пайдост,
Ҳавзе, ки дар ӯ муҳитро ҷост.
Ҳавзе на, ки баҳри осмонгун,
Баҳре, ки дар ӯ гум аст гардун.
Ҷайҳун агар оварад ба ӯ роҳ,
Мушкил, ки пураш кунад ба як моҳ.
Аз пояи ӯст бас табоҳӣ,
Рӯ карда ба пушти гову моҳӣ.
В-аз гунбади ӯ, ки бар фалак суд,
Шуд суда хате, ки бар фалак буд.
Дар дурӣ аз ӯ ба хишти танҳо
Зар сарф намуда то ту манҳо.

В-он гоҳ шумори даври ӯ ҳам
Бигзашта зи даври чархи аъзам.
Дар вай чу ба саҳни бӯстон бод
Обе, ки насиби дӯстон бод.
Обе, чи латифу сарду дилҷӯ,
Монанди гулоби куҳна хушбӯ.
Софӣ ба ҳаде, ки гар барӣ пай,
Бинӣ ҳамаро зи чарх дар вай.
З-ин аст, ки мардумаш ба сад дил
Гиранду кашанд чанд манзил.
Инҳо ҳама кори кӯҳу бед аст,
Аз шаҳр чӣ гӯямат, ки бед аст.
Дар шаҳр дигар ба ҳарду гоме
Ҳаммомеву масҷиди тамоме.
Ҳаммомми варо зи рӯи эҳсос
Маҳ тосу Ҳилол дастаи тос.
Меҳру Маҳ аз ин равоқи чун яшм
Доранд ба обгинааш чашм.
Гардун, ки фарошт гарданашро,
Як ҳимакашест гулханашро.
Кайвон зи барои судани пой
Сангест сиёҳ, монда бар ҷой.
Дар масҷидаш он қадар ки хоҳӣ
Зикри шабу вирди субҳгоҳӣ,
Чун муқрии ӯ намуда такрор,
Гардида хурӯси Арш бедор.
Чун Моҳу ситораҳост ҳар сӯ
Қандилу чароғи масҷиди ӯ.
То бингарад ин чароғу қандил,
Ояд малак аз фалак ба таъҷил.
Ҳар мадрасае, ки сохт рояш,
Як мадрасаест ҳар сарояш.
Ин доира шакли пур зи анҷум,
Дар як гули пеши сафҳааш гум.
Дар тоқи вай ин равоқи мину
Чун дар хами Осмон маҳи ну(нав).

Бар даргаҳаш ин сипеҳри даввор
Чун бар дари Каъба ҷамъи зӯввор.
Ҳар ҳуҷраи ӯ макони ҳилм аст,
Ҳар сафҳааш Осмони илм аст.
Чандин кутуби нафис дар вай,
Сад котиби хушнавис дар вай.
Онро, ки зи илму дин шуморест,
Дар мадрасааш вазифахорест.
Ҳар толиби он ситуда маҷлис,
Дар маҷлиси дигарон мударрис.
Дар дарсгаҳаш, ки ҷои дид аст,
Маҳ қориву Муштарӣ муъид аст.
Гардун зи зарофати тамомаш
Доруззурафо ниҳода номаш.
Он гаҳ зи пайи нишастани хеш
Он мири фақиру шоҳи дарвеш,
Он уқдакушои ҳар таманно,
Маҷмӯаи лутфу ҷунги маъно.
Он сӯфии суффаи тасаввуф,
Он хаййири маҳзи бетакаллуф.
Ороста боғеву саройе,
Беҳтар зи биҳишти адн ҷое.
В-он амма, ки муддатеш чун ҷон,
Медошт зи чашми халқ пинҳон,
Як дам зи худаш ҷудо намекард,
Пеши падараш баҳо намекард.
Гӯянд, дар он хуҷаста айём
Ин буд тариқи аҳли ислом,
К-аз ҳар ки касе нуҳуфта чизе
Бурдӣ зи ҳазорто пашизе.
Охир чу ба ҷустуҷӯи бисёр
Аз парда бурун фитодӣ он кор.
Он кас чӣ агар фаришта будӣ,
Ё аз дилу ҷон сиришта будӣ.
Будӣ чу харидагон ҳама сол,
Дар қабзаи ҳукми соҳиби мол.

Яъқуб зи ҳар чӣ дар ҷаҳон дошт,
Дар хона яке магар ниҳон дошт.
К-он дам, ки ба тоате нишастӣ,
Онро ба миёни хеш бастӣ.
Рӯзе, ки касаш набуд ҳамдаст,
Пинҳон ба миёни Юсуфаш баст.
Бо ӯ, ки раҳаш миёни ҷон буд,
Ҳар чиз ки дошт, дар миён буд.
Пас ҷаст зи ҷо ба сад фиғон чуст,
Гоҳеш аз ин, гаҳе аз он ҷуст.
Баст аз паи он камар миёнро,
Бикшод ба ину он забонро.
Меҷуст зи ҷумла аҳли хона
Чизе, ки набуд дар миёна,
Оре, камар аз миёна гум буд,
В-он ҷустани ӯ ба уштулум буд.
В-он гоҳ ба он ҳарифи дилдузд
К-ӯ бурд дилу зи ҷон ситад музд,
Рӯ кард зи рӯйи меҳрубонӣ,
Ҷусташ ба тариқае, ки донӣ.
Пас банди қабош ҷумла бикшод,
Чун тугмаи ғунча дар саҳар бод.
Чун мим ниҳон миёни нома
Дид он камараш ба зери ҷома.
Чун дузди матои хешро дид,
Ҳамчун камараш ба гирд печид.
Аз хоҳари меҳрубони дамсоз
Бистад ба ҳамин баҳонааш боз.
З-он пас ба ҳазор мотаму сур
Як лаҳза зи пеши ӯ нашуд дур.
Рӯзаш ҳама рӯз дар назар дошт,
Шабҳо ҳамаи шабаш ба бар дошт.
Шаб то саҳараш ба чашми пуроб
Ҷуз дар бари ӯ наёмадӣ хоб.
Ӯ будаш аз он ҳама бародар,
Шаб дар бару рӯз дар баробар.

Гӯянд шабе ду он паричеҳр
К-ӯ буд меҳ аз Маҳу беҳ аз Меҳр,
Дид аз равиши хаёл хобе,
К-афрӯхта шуд чу Офтобе.
В-он гаҳ чу кушод наргис аз хоб,
Хандон чу шукуфта ғунчаи ноб.
Афшонд зи лаб дуру гуҳар суфт,
В-он хоб, ки дид, бо падар гуфт.
З-он нахли ҷавон чу ҳазрати пир
Хобе ду шуниду кард таъбир.
Гуфт: – Эй зи ту дидаи маро нур,
Ҳаргиз нашавӣ аз ин саро дур.
Ҳарчанд ба гуна-гуна абвоб
Хуб аст, чунонки бояд ин хоб,
Дигар сӯйи гуфтанаш напӯйӣ,
В-он пеши бародарон нагӯйӣ,
То ногаҳ аз ин ниҳоли уммед
Хоре надамад чу ханҷар аз бед.
Ин дӯсткушони душманидӯст,
Душман нашаванд бо ту дар пӯст?
Оре, ҳасад офате бузург аст,
Пайдост шубон, нуҳуфта гург аст.
В-ар на кӣ барад зи масту ҳушёр
Юсуф бари гурги одамихор?
Шайтони ҳасад чу рафт дар пӯст,
Ангехт ҳазор душман аз дӯст.
То нест ҳасад, ту бе манӣ нест,
Аввал ҳасад аст, душманӣ нест.
Он дам, ки ҳасад расад ба поён,
Гардад сари душманӣ намоён.
Дидам ба ҷаҳон басе ҳасаднок,
Як кас нашунидам аз ҳасад пок.
Он, к-ӯ набарад ҳасад ба ҳар чиз,
Масъуд бар ӯ ҳасад барад низ.
Алқисса, бародарон шуниданд
Он хобу бар ӯ забон кашиданд.

Аз рашки замири равшани ӯ
Пӯшида шуданд душмани ӯ.
Бегона наёбад, эй писар, ганҷ,
Аз дузди саро фузун расад ранҷ.
Занбӯр, ки ҷуз бадиш фан нест,
Чун кайк даруни пираҳан нест.
Гург арчи ба дашт тезчанг аст,
Не гург, яке куҳан паланг аст.
Дар куштани қумрии шағабнок
Чун гурбаи хона нест чолок.
Пинҳон зи ту офатест дар пӯст,
Он душмание, ки мекунад дӯст.
Душман, ки на дӯстрӯст, беҳтар,
Офат зи буруни пӯст беҳтар.

## ХОБ ДИДАНИ ЮСУФ, АЛАЙҲИСАЛОМ, СУҶУДИ ОФТОБ ВА МОҲРО БО КАВОКИБИ ЁЗДАҲГОНА БА ҲУКМИ «РААЙТАҲУМ, ЛӢ СОҶИДИН» ВА ТАЪБИР ФАРМУДАНИ ПАДАР НУБУВВАТИ ОСОРИ ОН РУЪЁИ СОДИҚОНАРО БАР МУҚТАЗОИ ХИРАДИ ХУРДАБИН

Таъбирнависи хоби асрор,
Асроршиноси бахти бедор
Он дам, ки чунин дури самин суфт,
Аз Юсуфу хоби ӯ чунин гуфт,
К-он Моҳи тамому Меҳри анвар
Чун Моҳи тамоми меҳрпарвар
Як нимшабе зи хоби нӯшин
Чун чашми ман аз шароби дӯшин
Бедор шуду диле такон дошт,
В-он хоб ки дид, бар забон дошт.
Яъқуб худ он фариштадидор
Буд аз ғами ӯ ҳамеша бедор.
Чун он ҳама печутоби ӯ дид,
Бедориву изтироби ӯ дид,

Пурсид, ки: – Эй муроди ҷонам,
Чашми ману чашмаи равонам,
Аз хоб чаро ба тоб ҷастӣ?
Баҳри чӣ чунин зи хоб ҷастӣ?
Гуфт: – Он чи ба хоб дидам ин бор,
Дар хоб надид ҳеч бедор.
Гарчи дили ман аз он рамидаст,
Хобест, ки кас чунин надидаст.
Он к-ӯ ба шаб Офтоб бинад,
З-ин гуна шабе ба хоб бинад,
Дидам, ки ҷаҳон чунон барафрӯхт,
К-аз партави он ситора месӯхт,
Шуд рӯи Замин чунон фурӯзон,
К-аз шуълаи Меҳр нимрӯзон.
Биншаста ман аз фарози кӯҳе
Кӯҳеву чӣ кӯҳи пуршукӯҳе
Ҳар накд, ки дошт, бар табақ кард,
В-аз шарм ситорасон арақ кард.
Кайвон чу надошт бахти бедор,
З-он сон ки туро шавад харидор.
Бар дидаи хештан нишондат,
Оварду ба Муштарӣ расондат.
Бирҷиси равон зи ҷой барҷаст,
Пирояи худ ниҳод бар даст.
Афканд ба пои ту сари хеш,
Пеши ту кашид гавҳари хеш.
Бо дидаи дурфишон чу анҷум
Омад ба ту то сипеҳри панҷум.
Баҳром чу ахгари фурӯзон
Аз хона бурун давид сӯзон.
Гаҳ рӯй ниҳод бар раҳи ту,
Гаҳ чашм ба рӯи чун маҳи ту.
Рӯе чӣ, ки оташе ба конун,
Чашме чӣ, ки косае пур аз хун.
Аз сӯзиши ӯ ба тоб гаштӣ,
Ҳамхонаи Офтоб гаштӣ.

Хуршед кашид як табақ зар
Пеши ту чу хок пеши гавҳар.
Худ ҷонибӣ он назар накардӣ,
Яъне, ки назар ба зар накардӣ.
Чун подшаҳони ганҷпардоз
Бахшидияш аз карам ба ӯ боз.
З-он парда дигар нишаст кардӣ,
Оҳанги мақом паст кардӣ.
Шуд Зуҳра ҳамон ситудаодат
Доҳи ту чу давлати саодат.
Не, не, ғалатам шуд, эй фалакҷоҳ,
Доҳе чӣ ? – Ки гӯи санҷуқи доҳ.
З-ӯ низ чу тир ҳам ба шабгир
Бурдӣ буна дар қаламрави тир.
Ӯ пеши ту худ ба ҳар шуморе
Кам з-обилае ба рӯи ёре.
Бо талъате аз Қамар накӯтар
З-он марҳала омадӣ фурӯтар.
То чашми Қамар ба рӯят афтод,
Н-омад дигараш зи рӯи худ ёд.
З-он поя дигар ба як такупӯй
Кардӣ суи хобгоҳи худ рӯй.
Ҳам сард нагашта дил зи роҳат,
Ҳам гарм бимонда хобгоҳат.
Ёрони ту он чаҳор ҷонӣ
Хушдил ба умеди армуғоне.
Ҳар чор чаҳорпояи дин,
Ҳар чор чаҳор рукни тамкин.
Ҳар чор ба якдигар муқобил,
Ҳар чор ба ҳам чу писта якдил.
Бо ҳам ҳама гашта ҳамтарозу,
Ҳамчун сару пову дасту бозу,
Гӯ, рофизиям, бибар ба қозӣ,
Ҳақ бод зи ҳар чаҳор розӣ.
Авлоди ту он ситудакешон
Он хозини ганҷи раҳмат эшон.

Беш аз Маҳу Офтоб ҳар як,
Тоҷи сари шайху шоб ҳар як,
Шоистаи тоҷу тахти шоҳӣ,
Шоҳони вилояти илоҳӣ.
Ҳам қиблаи мулку миллат эшон,
Ҳам ворисы дину давлат эшон.
Эшон гулу гулшани яқинанд,
Эшон Маҳу дигарон Заминанд.
Масъуди шикастаро ҳамеша
Ҷуз мидҳаташон мабод пеша,
Пайваста мадеҳи хонашон бод,
Хоки қадами сагонашон бод!

## ДАР МАДЕҲИ ОЛИҲАЗРАТ ВА ОЛИМАНҚАБАТИ МАЪДАЛАТ – ШУМОРИ МАКРУМАТДИСОР АМИРИ РАВШАНЗАМИР НИЗОМУДДАВЛА ВАДДИН АЛИШЕР ХАЛАДАЛЛОҲУ ТАЪОЛО ЗИЛОЛИ МАЪОЛИЯ АЛО МАФОРИҚ-ИЛ МУСЛИМИН ИЛО ЯВМИДДИН

Эй кавкаби субҳхези шабгард,
Эй ҳам зари сурху ҳам гули зард.
Эй хусрави тахти чорпоя,
Ту шоҳи сипоҳу Маҳ талоя!
Аъзам малики фалакмавокиб,
Ғоратгари лашкари кавокиб.
Хонест кушода Осмонат,
Маҳ кист? Гадои рӯи хонат.
Аз тоби ту гашт лола гулранг,
В-аз тарбияти ту лаъл шуд санг.
Бар дидаи турку чашми тозик
Бе рӯи ту олам аст торик.
Эй меҳрфурӯзи субҳи анвар,
Бартар зи се чарху чор гавҳар.
Ҳам фарши раҳи бараҳнапоён,
Ҳам хонаи гарми бенавоён.

Пирояи ин куҳан забарҷад,
Ҳамсояи Исии муҷаррад.
Саббоғи баҳору меҳри ҷон ҳам,
Таббохи Замину Осмон ҳам.
Бар ғунча ту ҷома мебарӣ танг,
Пироҳани гул ту мекунӣ ранг.
Ҳар шом зи дурии ту гардун
Доман кашад аз сиришк дар хун.
Ҳар субҳ чу бенаво ғарибон
Аз шавқи ту шақ кунад гиребон.
Бо он ки фарорӣ аз Маҳу Тир
Гардӣ ҳама гирди даргаҳи мир.
Бо ин ҳама карру фарри мавфур
Аз ройи мунири ӯ барӣ нур.
Он меҳри замири муштарирой,
Баҳромшукӯҳу моҳсимой.
Он мулкситон ба ройу шамшер,
Он назму низоми дин – Алишер.
Он қиблаи дину дил ҷаҳонро,
Он мири қабила ақлу ҷонро.
Он зубдаи мардумиву мардум,
Он ҳосили давру чарху анҷум.
Номаш, ки ба панҷ ҳарф шуд рост,
Чун тан, ки ба панҷ ҳис тавоност.
Ҳар панҷ ба рутба тоҷи торак,
Ҳамрутбаи «Хамса»-и муборак.
Шерест даҳонкушода айнаш,
Бар оҳуи даҳр шӯру шайнаш.
Ломаш, ки ниҳояти камол аст,
Ҳам моҳи тамому ҳам ҳилол аст.
Он к-ӯ сари ҳарфҳош хонам,
Ҳам даҳяки ёи ӯст, донам.
Зоҳир чу се дол хондаш устод,
Яъне, сари дину давлату дод.
Шинам, ки хамида чун дами шер
Бар шердилон кашида шамшер.

Ниме зи маҳи нав аст рояш,
З-он чун маҳи нав фурӯст ҷояш.
Ройи дигарон чу ӯ накӯ нест,
Дидам ҳамаро, чу ӯ яке нест.
Мустаҷмаъи илму ҳилму эҳсон,
Хуршедсифат сари Хуросон.
Худдоми ҷаноби ӯ ба тамкин
Гардида муқаррабуссалотин.
Дарбони варо зи мирӣ озор,
Сагбони варо зи хоҷагӣ ор.
З-ин буд, ки то шуд аз падар дур,
Шуд дур зи дидаи падар нур.
Бе ӯ падараш ба хеш дармонд,
Ҳамчун писаре, ки аз падар монд.
Ӯ буд аз он ҳама бародар
Ҷони падару азизи модар.
Мешуд падараш зи даст бе ӯ,
Аз пой наменишаст бе ӯ.
Модар зи ду дасти хеш пайваст
Мекарда камар, миён-ш мебаст.
Месохт падар ба хашму нозаш,
Месӯхт зи нози дилнавозаш.
Модар ба дил аз бараш намемонд,
Як лаҳза, ки дигараш намехонд.
Доим падараш чу гул ба бӯ дошт,
Модар ҳама дам назар ба ӯ дошт.
Бо ӯ падараш тане ба ҷон буд,
Ҷони падар инчунин тавон буд.
Беш аз дилу дида в-аз ҷон беш,
Пеши падар аз бародарон пеш.
Гаҳ мардуми дида хондӣ ӯро,
Бар дидаи худ нишондӣ ӯро,
Гоҳаш дили орамида хондӣ,
Дар паҳлуи хештан нишондӣ.
Ҷустӣ ҳама ҷо ба ҷон ризояш,
Кардӣ дилу дида ҳар ду ҷояш.

Бастӣ ба сараш гаҳе амома,
Гаҳ гард фишондияш зи ҷома.
Гаҳ мӯза зи пойи ӯ кашидӣ,
Гаҳ ҷома ба қадди ӯ буридӣ,
Гоҳеш ба дӯш баргирифтӣ,
Гоҳаш чу қабо ба бар гирифтӣ.
Пайваста ба ҷон аз они ӯ буд,
Доим қасамаш ба ҷони ӯ буд.
То сад ҳавасаш раҳо накардӣ,
Як дам зи худаш ҷудо накардӣ.
То хост зи ҷо, ба ёди ӯ хост,
Доим зи Худо муроди ӯ хост.
Гӯянд, чу шуд чаҳор солаш,
Дар ғунча ҳамон гули ҷамолаш.
Шуд модари меҳрубон-ш хаста,
В-аз риштаи таб забон-ш баста.
Момаш хаму чин кушода з-абрӯ,
Сарваш ба Замин ниҳода паҳлӯ.
Оташ зада таб дар устухонаш,
Табхола ба лаб расонда ҷонаш.
Гарм аз тапиш ончунон сару рӯй,
К-аз сандали суда сар задӣ бӯй.
Холи сияҳаш ба рӯи дилкаш
Афтода чу мушки тар бар оташ.
Ҳам ҷон зи гурехтан пиёда,
Ҳам набз зи ҷастан уфтода.
Тан дар хатари азим, ҷон ҳам,
Дар ҳам шуда дасту дил, забон ҳам.
Шабҳо чу гули шукуфта бедор,
Сӯзи дилаш аз рухаш падидор.
Чун наргиси тар шабони дайҷур,
Барҳам назадӣ ду чашми ранҷур.
Аз оҳи ниҳон-ш сарви озод
Ларзон чу ниҳоли тоза аз бод.
Аз тоби табаш тани шикаста
Чун риштаи таб шикастабаста.

Бо ашки равон-ш чашми бехоб
Чун киштии мардумон таҳи об.
Азбаски зи тоби таб дилаш хаст,
Зад бар сару рӯйи хештан даст.
Дид, он ки назар фиканд сӯяш,
Пурсурмаву нил чашму рӯяш.
З-он хун, ки фишонд дидаи тар,
Гулгуна шудаш тамоми миъҷар.
Ӯро, ки ба чеҳра ҳури ин буд,
Гулгунаву нилу сурма ин буд.
Охир чу ба ҷон расид кораш,
В-аз кор фиканд рӯзгораш.
Шуд оташу боду обу гил монд,
Ҷон азми раҳил карду дил монд.
Худ кист дар ин дурӯза манзил,
К-аз рафтани ҷон намонадаш дил?!
То аз пайи ғӯра салх бошад,
Марг арчи ҳақ аст, талх бошад.
Саҳл аст ҳар он бало, ки ҷоест,
Ин мурдани ногаҳон балоест.
Тире, ки хато надорад, ин аст,
Дарде, ки даво надорад, ин аст.
Гӯ, чарх, баровар аз Замин гард,
Мурдан зи пай аст, оҳ аз ин дард.
Худ ханда аз он даҳон кай ояд,
К-аш марг дуаспа аз пай ояд.
Ғофил зи хаёли марг оқил,
Дар хоби ғурур монда ғофил.
Ин ғафлати пур зи оқилӣ нест,
Девонагӣ аст, ғофилӣ нест.
Фарзона ҳади амал шиносад,
Девона ҳам аз аҷал ҳаросад.
Касро сари меҳру кин набудӣ,
Гар ғафлате, инчунин набудӣ.
Ҷое, ки на пиру на ҷавон зист,
Бо ғафлате инчунин тавон зист?

Алқисса, ки Юсуфу бародар
Буданд нишаста пеши модар.
В-он модари ҷонбалабрасида,
Медид дар он ду нури дида,
Гаҳ Юсуфро ба бар гирифтӣ,
В-аз гиря чу шамъ даргирифтӣ,
Гоҳе зи барои Ибни Ёмин
Аз дида фишондӣ ашки хунин.
Чун дар рухи ӯ нигоҳ кардӣ,
Бар рӯй задиву оҳ кардӣ.
Бигристӣ ончунон ба зорӣ,
К-аз ҷо шудӣ ин кухан аморӣ.
Гоҳ аз ғами чашму рӯйи Юсуф,
Дар тоб шудӣ чу муйи Юсуф.
То худ, ки ғамаш хурад пас аз вай
Хӯрдӣ ғаму хуни дил паёпай.
Ё худ пас аз ӯ дилаш кӣ ҷӯяд?
Ҳоли дили хеш бо кӣ гӯяд?
Пеши кӣ равад, чу оядаш хоб?
Обаш кӣ диҳад, чу боядаш об?
Бар суфра кӣ оши ӯ кунад сард,
Ҳар дам кӣ фишонадаш зи рух гард?
Рӯзаш кӣ ба дӯши худ барорад?
Шабҳо бару дӯши ӯ кӣ хорад?
Чун гиря ба ҷӯш созад ӯро,
Оё кӣ хамӯш созад ӯро?
Аз модари худ чу ёдаш ояд,
В-аз ҳар мижа ҷӯи хун кушояд.
Пироҳани худ чу гул кунад чок,
Чун сабза ба сар пароканад хок.
Он хун кӣ бишӯяд аз изораш?
В-аз сар кӣ фишонад он ғубораш?
Ҳам ҳасрати он ду симтан дошт,
Ҳам андуҳи ҷони хештан дошт.
Чун шамъ миёни гиряву сӯз
Якчанд шаб инчунин шудаш рӯз.

Охир чу ба шаб расид рӯзаш,
Шуд тира ду чашми дилфурӯзаш.
Афтод зи дасту по кашидан,
Вомонд зи гуфтану шунидан.
Бигзашт ҳадиси зиндагонӣ,
Барканд дил аз ҷаҳони фонӣ.
Бе кому забон равону осон
Юсуфгӯён баромадаш ҷон.
З-ин дору диёри тору тира
Бе ҳеҷ заводаву захира
Шуд сӯйи диёру ёри дигар,
Ӯ низ чу сад ҳазори дигар.
Он кист, к-аз ин куҳан ғамобод
Берун наравад ба табъи ношод?!
Ин даҳр даҳон кушода чун шер,
Аз хӯрдани одамӣ нашуд сер.
В-ин бехабар одамии ҷоҳил
То шуд хабарат, ба ӯст моил.
Гар боди хазони ӯ кунад ёд,
Худ кай ба баҳори ӯ шавад шод?
Ҳар ҷавр, ки кард, агар шуморад,
Кай ҷониби ӯ назар гуморад?
Ин олами нодуруступаймон
Бишнав, ки чӣ кард бо Сулаймон.
Гар ҳукми равон-ш дод бар бод,
Ҳам оқибаташ ба бод – бар дод.
Аз даҳр касе вафо надидаст,
Илло, ки басе ҷафо кашидаст.
Ҳеч аст ҷаҳони печ дар печ,
Ин аст, ки гуфтамат, дигар ҳеч.
Масъуд, ту худ бигӯй то чанд
Дорӣ дили худ ба ҳеч дар банд?
Рӯзе ду ба ҳасту нест дарсоз,
Рӯзии ту худ расад зи дар боз.
Бебаргии худ магӯй бо кас,
Арризқ алаллаҳ ин туро бас.

## БУРДАНИ ХОҲАРИ ЯЪҚУБ ҲАЗРАТИ ЮСУФРО (АЛАЙҲИМОС-САЛОМ) БА САРМАНЗИЛИ ХОССИ ХЕШ БА ШАРТИ ТАЪАҲҲУДУ ТИМОР ВА БОЗОВАРДАНИ ПАДАРИ БУЗУРГВОРАШ ӮРО БА ВОСИЛАИ ТУҲМАТИ СИРҚ БАР ТАРИҚИ РИОЯТИ РАСМУ ДИНИ МАРДУМИ ЭШОН ДАР ОН РӮЗГОР

Гӯяндаи ин суруди дилкаш
З-ин гуна кунад димоғи ҷон х-(в)аш.
Созандаи ин ҳадиси ҷонсӯз
З-ин сон шавад аз сухан дилафрӯз,
К-аз модари меҳрубони Юсуф,
К-ӯ буд дилу забони Юсуф,
Чун монд ба сад шикастаҳолӣ,
Яъқубу ҳамин сарои холӣ,
Будаш зи буруни хонаи хеш,
Як хоҳари меҳрубону дилреш.
Омад бари Юсуфу ба фарёд
Кард аз дили танги модараш ёд.
К-аз дарди дил он баҳори хандон
Бигрист басе чу дардмандон.
В-он гоҳ ба гуфтани аҷаб хуб
Дархост равон-равон зи Яъқуб.
К-он дурри ятимро, ки шуд пеш,
Овард равон ба хонаи хеш.
Биспурд диле ба он паричеҳр,
Ҳамчун дили модарон пур аз меҳр.
Не шаб зи бараш гузошт, не рӯз,
Будаш ҳама дам чу доя дилсӯз.
Яъқуб дигар ба васли фарзанд
Чун ташна ба об орзуманд.
Мехост, ки то ба сад ниёзаш
Орад ба сарои хеш бозаш.
Гӯйӣ, ки сипеҳри меҳргунтеғ
Дар домани ӯ хазида чун меғ.
Даҳ поя фузун зи чарху анҷум,
Сад Қоф ба ҳар ду гоми ӯ гум.

Ҳам ҷавҳар аз ӯ фурӯ нишаста,
Ҳам сурма зи санги ӯ шикаста.
Рӯ суда ба пой чашми меҳраш,
Гардида ба гирди сар сипеҳраш.
Он к-аз Маҳу Зуҳра бартар омад,
Гум гашт дар ӯву з-ӯ баромад.
Бар вай чу фалак ҳазор айвон,
Сад чашма дар ӯ чу оби ҳайвон.
Бар ҳар тарафаш чу як ҷаҳоне
Кохеву шукуфта бӯстоне.
Хуршед гуле зи нақши кохаш,
Кайвон шабае зи санги лохаш.
Кай лаъл шавад ба хуни дил санг?
Ҳам дар камараш занад магар чанг?
Чун зӯри гаве, ки бар сар ояд,
В-он гаҳ ба касон ҳунар намояд.
Бардошта чархи ҳафтуминро,
Овехта аз камар Заминро.
З-он санг, ки ҳаст номи ӯ лаъл,
Будаш камаре, тамоми ӯ лаъл.
Хуршед, ки чархро фурӯ дид,
Шуд зард, чу теғи тези ӯ дид.
Олам, ки надидамаш каноре,
Дорад ба вуҷуди ӯ қароре.
Ҳам қутбсифат зи куштан озод,
Ҳам хирқа ба ӯ расонда автод.
Теғаш, ки кашида сар ба ахтар,
Ҳар шаб зада Офтобро сар,
В-онро, ки шафақ кунӣ тасаввур,
В-аз вай шуда домани фалак пур.
Ҳарчанд, ки чун шафақ ба тоб аст,
Он нест, ки хуни Офтоб аст.
Гирдаш ҳама хона, гирди хона
Боғе, ки наёбияш карона.
Боғе чу биҳишт ҷовидонӣ,
Пурмеваву май, чунонки донӣ.

Парварда ба соя ёсаминаш,
Ҳамсояи Осмон Заминаш.
Озурда нагашта бедаш аз бод,
Сарваш зи хазони олам озод.
Ҳам настаранаш зи фитна мастур,
Ҳам наргиси ӯ зи чашми бад дур.
Наргис чу яке ситуда манзар
Сар карда пиёлаи ду дар сар.
Бар ҳар тарафе зи лолазораш
Соқии сабо пиёладораш.
Саҳро ҳама сабзу сабза анбӯҳ,
Пур гашта зи лола домани кӯҳ.
Ҳар гулбуни ӯ ба ранги дигар
Гулҳо зада дилбарона дар сар.
Кӯҳ аз гули лола лаъл дар гӯш,
В-аз сабза Замин зумуррадипӯш.
В-аз ҳар суи ӯ беҳ аз Фуроте
Чун оби Хизир равон ҳаёте.
Гар бингарад он ҳаёти пурёб,
Оби Хизир аз ҳаё шавад об.
Бодаш ба нафас Масеҳи сонӣ,
Хокаш беҳ аз оби зиндагонӣ.
Сангаш ҳама гавҳари ситуда,
Хокаш ҳама тӯтиёи суда.
Бар ҳоли табоҳи хеш сӯзон
Аз лолааш оташи фурӯзон.
Оташ чӣ талаб кунад кас он ҷо,
Оташ гули оташе бас он ҷо.
Кӯҳе хушу нағз бӯстоне,
Зебанда Замину Осмоне.
Тахте зада бар фарози он кӯҳ,
В-аз гард ситода ҷамъи анбӯҳ.
Ман бо саре аз хаёл холӣ
Биншаста бар он сарири олӣ.
То ногаҳ аз ин баландбора
Меҳру Маҳу ёздаҳ ситора

Карданд ба сӯйи пастӣ оҳанг,
Ин чангиву он пиёла дар чанг,
Он як ҳама дилбаре, парӣ ин,
Он Зуҳраву Тиру Муштарӣ ин.
Пас чун бари тахти ман расиданд,
Карданд суҷуду саф кашиданд.
Суданд бар он Замин ҷабинро,
Карданд ситорасо Заминро.
Яъқуб чу гӯш кард хобаш,
Дарёфт баландии ҷанобаш.
Донист, ки ҳар чи бинад он ҳур,
Чун ваҳй бувад зи тирагӣ дур.
Гуфт: – Эй ба сари сипеҳр лоят,
Даҳ поя фарози меҳру ҳоят.
Ин хоб, ки бар ту шуд падидор,
Беҳтар зи ҳазор бахти бедор.
Ин хоб, ки ҳаст аксараш хуб,
Не, не, ки зи пой то сараш хуб.
Хобест, ки ҳеҷ тезбине
Дар хоб набинад инчунине.
Он ёзда кавкабат баробар,
Ҳаст омада ёздаҳ бародар.
Сар монда зи баҳри ҷуд пешат,
Яксар шуда дар суҷуд пешат.
В-он Шамсу Қамар дар миёна,
Ман бошаму аммаи ягона.
В-он пургулу лола кӯҳи олӣ
Аз тахти ту сурати мисолӣ.
Аҳкоми равони туст рудаш,
Сити карамат бувад сурудаш.
В-он гулшани сабзу сабзаи чуст
Ангораи бахту давлати туст.
Ҳам зуд бувад, ки тахти шоҳӣ
Гардад ба вуҷуди ту мубоҳӣ.
Бар тоҷи ту меҳри нур пошад,
Муҳтоҷи ту ҳар кӣ ҷуз ту бошад.

Лекин зи бародаронат ин хоб
Пӯшида накӯтар аст, дарёб.
Ин аст дуре, ки суфтанӣ нест,
Зинҳор магӯ, ки гуфтанӣ нест.
Ин худ ту зи ман шунида бошӣ,
Уштур дидӣ, надида бошӣ.
Лекин ҳама шаб яке зи хешон
Буд омада бо дили парешон.
Хум гашта диле ба ҷӯш дар бар,
Чун ҳалқа ниҳода гӯш бар дар.
То гашт зи хоби Юсуф огоҳ,
В-он гуна сухан шунид ногоҳ.
З-он хоб гирифт печу тобаш,
Чандон ки зи чашм ҷаст хобаш.
Чун субҳ зи хоб сар баровард,
Шаб бистари хоб бар сар овард.
Гуфт, он чи шунид, бе таваққуф
Як-як ба бародарони Юсуф.
В-он низ шунидаам, ки чун рӯз
Бар лашкари шом гашт фирӯз,
Юсуф, чу яке раванда шамшод
Шуд пеши бародарони худ шод.
В-он хоб, ки дида буд, нанҳуфт,
Якбора ба тору пуд баргуфт.
Карда суханаш бародарон гӯш,
Ӯро сухани падар фаромӯш.
Оре, ки сабӣ сабӣ бувад низ,
Гар худ писари набӣ бувад низ.
Гӯянда чу аз сафои хотир
Гуфт, он чи шуниду дид зоҳир,
Хастанд ба ҷон бародаронаш,
Бастанд камар ба қасди ҷонаш.
Ин як зи Худо ҳалоки ӯ хост,
Сад ранҷ ба ҷони поки ӯ хост.
Он як зи падар ба тоб мерафт,
Аз соя ба Офтоб мерафт.

В-он як чу яке фитода аз роҳ
Меканд ниҳон ба роҳи ӯ чоҳ.
Ин тезтарак ситез мекард,
Дандон ба ситеза тез мекард.
Он як раҳи Хақ раҳо намедод,
Бар куштани ӯ ризо намедод.
Боре, ҳама бо диле пурозар
Дар тоб шуданд бо бародар.
Гуфтанд ба ҳам ғаме нуҳуфта,
Бегона шуданд, гуфта-гуфта.
Афсона ба доварӣ намонад,
Бегона бародарӣ надонад.
Фарзандкуш аст шери хонӣ,
Илло ба тариқи меҳрубонӣ.
Эй вой, ки даҳр меҳрубон нест,
Гург аст азизи ман, шубон нест.
Гар гург гаҳе кунад шубонӣ,
Ояд зи замона меҳрубонӣ.
Безорам аз ин замона, безор,
Фарзандкуши бародарозор.
Сад раҳ на нуҳуфта дар баробар,
Чун банда фурӯхт сад бародар.
Гар ҳафт фалак ба каф чу ҷомат
Доданд, ҳар он чи буд комат,
З-он дода маҷӯй устуворӣ,
К-охир ба ҳазор гуна хорӣ
Аз дида кашанд додаи хеш,
Чун гурба хуранд зодаи хеш.
Масъуд бигӯ, туро чӣ шуд боз?
К-ин гуна баланд кардӣ овоз?
Гирам, ки диле ба танг дорӣ,
Бо даҳр чӣ ҳадди ҷанг дорӣ?
Гӯйӣ, ки замона гарми кин аст,
Мо ҳар се чӣ кардаем, ин аст.
Он ҷо, ки фалак ситеза ҷӯяд,
Хуш бош, зи чун туе, ки гӯяд.

## МУТТАФИҚ ГАШТАНИ БАРОДАРОН БАР КУШТАНИ ЮСУФ АЛАЙҲИ ВА АЛАЙҲИМУССАЛОТУ РРАҲМОН ДАР ҶОНИБИ САҲРОВУ ТАРФИ ДАШТ ВА РУХСАТ ХОСТАН БА ҶИҲАТИ МУРОФИҚАТИ Ӯ АЗ ПАДАР БА БАҲОНАИ СИРАТ ВА СУРАТИ ГАШТ

Рӯзе, ки шубони дашти андӯҳ
Зад дасту гирифт домани кӯҳ,
Гаҳ бар лаби рӯд ҷой мерӯфт,
Гаҳ бар сари кӯҳ пой мекӯфт.
Мебурд ба нола кӯҳро тоб,
Медод зи дида рӯдро об.
Дарди дили худ ба рӯд мегуфт,
Бар одати худ суруд мегуфт.
Рӯдаш нами чашми дурбин буд,
В-он нукта, ки месуруд, ин буд:
К-охир чу бародарони Юсуф
Гаштанд адӯи ҷони Юсуф.
Буданд зи душманон зиёда,
Дар ғайбати ӯ забон кушода.
К-ин ҳилагари фасонапардоз
Ҳар лаҳза фасонае кунад соз.
Ҳар субҳ чу як шикелтобе
Созад ба дурӯғу рост хобе.
Моро, ки ба оташи ғам афрӯхт,
Ин сохта хобҳои ӯ сӯхт.
Сад чаҳд кунӣ чу мурғи бадром
Як дам бари мо нагирад ором.
Меҳре ба бародарон надорад,
Бемеҳрии ӯ карон надорад.
Дорад сари он ки ҳамчу афсар
Бошад зи касони хеш бар сар.
Ҳам яксара пеши хосу омаш
Беш аз ҳама бошад эҳтиромаш.
Бо он ки ҳанӯз хурдсол аст,
Бингар, ки чиҳош дар хаёл аст.

Солаш, ки мабод агар шавад бист,
Гӯяд, ки чу ман дар ин ҷаҳон кист?
Додаст падар дигар ба ӯ дил
З-он сон, ки зи мо шудаст ғофил.
Бо ӯ ҳамарӯза шуд чунон шод,
К-аз мо накунад ба рӯзҳо ёд.
Ин дард, ки кас раво надорад,
Ҷуз куштани ӯ даво надорад.
Аввал чи ниҳон, чи ошкоро,
Ӯро ба яку ду захми коро
Созем табаҳ, чунон ки хоҳӣ,
Пас тавба кунем аз табоҳӣ.
То чанд яке нишоту даҳ ғам
Гӯ бош як аз дувоздаҳ кам.
То чанд хурем хори ғам фош,
Гӯ як гул аз ин дарахт кам бош.
З-он ҷумла яке, ки буд меҳтар
В-аз ҷумла ба aқлу ҷуд беҳтар,
Мегуфт, ки куштанаш маҷӯед,
З-ин гуна сухан дигар магӯед.
Куштан гунаҳе аҷаб бузург аст,
На кори шубон – ст, кори гург аст.
Куштан раҳи аҳли дин набошад,
Сад ҷавр кунӣ, чунин набошад.
Он беҳ, ки дарафканем гоҳе,
Пӯшида чу Бежанаш ба чоҳе.
То худ, кӣ аз он чаҳаш раҳонад?
В-ар мурд дар он касе чӣ донад?
В-ар зинда шавад халос аз он чоҳ
Ёбад зи Замин бар Осмон роҳ.
Шояд барадаш замона ҷое,
К-он ҷо нарасад ба ошное.
Ҷое зи билоди ғайри машҳур,
Яксола раҳ аз диёри мо дур.
Боре ба ҳалокаш ин яке шод,
В-он як ба ҷафову ҷавру бедод

Ин теғи ситез тез мекард,
Дар куштани ӯ ситез мекард.
Он сар чу кулоҳ мефикандаш,
Ин зинда ба чоҳ мефикандаш.
Охир ҳама аз хаёли ботил
Дар куштани ӯ шуданд якдил.
Лекин падараш чу дидабоне
Ғофил нашудӣ аз ӯ замоне.
Як дам бародарон-ш танҳо
Нагзоштӣ, ар шудӣ суханҳо.
Доим ба тани хамида чун дол
Буд он қади тозаро ба дунбол.
Рӯяш ҳамарӯза сӯйи ӯ буд,
Доим назараш ба сӯйи ӯ буд.
Сад бор бародарон ба зорӣ
Карданд басе сухангузорӣ,
К-эй шуста Хизир ба дида поят,
Равшантар аз Офтоб роят.
Маҳ нур ба пояи ту резад,
Хуршед зи сояи ту хезад.
Ин соя, ки пояест олӣ,
Ҳеҷ аз сари мо мабод холӣ.
Аз чист, ки Юсуфи накӯрӯй
Бо мо наравад яке ба ҳар сӯй?
То чанд ба гӯшае нишинад,
Саҳроеву сабзае набинад?
Мо гарчи зи дигарон фурӯем,
Охир, на бародарони ӯем?
Он ҷо, ки ниҳояти тамиз аст,
Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?
Гар з-он ки ба рухсати ту боре
Пӯяд чу сабо ба лолазоре,
Ояд суйи дашту кӯҳ бо мо,
Гардад ба ҳавои дашт бо мо.
Бӯсем ба ҷойи дида пояш,
Бар дидайи худ кунем ҷояш.

Гар з-он ки замон диҳад амоне,
Ғойиб нашавем аз ӯ замоне.
Ҳам хотири мо шавад ба ӯ шод,
Чун табъи касон ба сарви шамшод.
Ҳам шодии ӯ зиёда гардад,
З-он гашт дилаш кушода гардад.
Бинад нафасе ба булбуле чанд,
Чинад ба фароғи дил гуле чанд.
Дил боз кунад, ба ҳар чӣ хоҳад,
Бозӣ кунад он қадар ки хоҳад.
Лекин падараш ба он фасона
Берун нагузоштӣ зи хона.
Ҳар к-ӯ шудияш ба ин ҳавас пеш,
Гуфтӣ сухане ба хотири хеш.
Гирам дури обдор суфтӣ,
Нашнидӣ, агар ҳазор гуфтӣ.
Охир ҳама бе яке таваққуф
Рафтанд нуҳуфта пеши Юсуф.
Як-як ба фасоҳате зи ҳад беш
Гуфтанд ба ӯ хикояти хеш,
К-эй ҷони бародарон фидоят,
Худ ҷони бародарон-ст ҷоят.
Эй хоки ҷаҳон ба бод бе ту,
Ҷойи ту даме мабод бе ту.
То чанд ба хона банд бошӣ?
Биншаста ба хона чанд бошӣ?
Духтар бувад, он ки ҷовидона
Мастур зияд ба кунҷи хона.
Марде, ки ба хона хӯй гирад,
В-аз аҳли замона рӯй гирад,
Рӯзе агар афтадаш, ки ноком
Аз хонаи худ бурун ниҳад гом,
Гар худ зи ҳадаш фузун бувад чиз,
Монанди занон забун бувад низ.
Мо, к-ин ҳама изтироб дорем,
Аз баҳри ту дил ба тоб дорем.

Хотир зи ту дарҳам аст моро,
Дил баҳри ту дар ғам аст моро.
В-ар на раҳи мо ҳамон кушодаст,
Ин кор ҳамин туро фитодаст.
Гар дил кашадат ба он, ки боре
Ойӣ ба шукуфта лолазоре,
Чун ғунча, ки гирд карда домон,
Бар сабзаи тар шавӣ хиромон.
Гаҳ наргиси шаб нахуфта бинӣ,
Гаҳ ғунчаи ношукуфта чинӣ.
Бинӣ рамаро ба тарфи саҳро,
Чун анҷуму Осмон Хизирро.
Чун Меҳр, ки шуд ба Барра моил,
Яъне, ба ҷамал кашид маҳмил.
Пайваста зи рӯйи дилнавозӣ
Бо барра кунӣ зи меҳр бозӣ.
Бояд, ки чу мо бародарон боз
Ойем бари падар ба овоз,
Бо як даму сад шафоат аз пай
Хоҳем туро иҷозат аз вай.
Бошӣ ту дигар шафоатангез,
На бод шавӣ бар оташи тез.
Дар ҳалқаи дида ашки чун дур
Гардониву дарди дил кунӣ пур.
Гирён зи тазарруъе зи ҳад беш,
Хоҳӣ зи падар-т иҷозати хеш,
Шояд ту дигар ба хотири шод
Гардӣ зи азоби мактаб озод.
То чанд ҷигар ба хун сириштан,
Хун хӯрдану хондану навиштан?
Юсуф ҳам аз он фусунтирозӣ
Кард аз сари тора майли бозӣ.
Ҳам з-он ҳама лобаи гаронаш
Дил шуд хиҷил аз бародаронаш.
Гуфт аз сари ҷону дил дар он кор
Бошад шуда бо бародарон ёр.

Оре, сухан аз риё бурун аст,
Ёрӣ зи бародарӣ фузун аст.
Гар ёр набошадат бародар,
Гирад дил аз он бародар озар.
Лек ар на бародар аст ёрат,
Наншинад аз ӯ ба дил ғуборат.
Боре дил аз ӯ пурозарат нест,
Ёр аст, агар бародарат нест.
Аз хайли бародарон кеҳу меҳ
Ёре, ки бародарӣ кунад беҳ.
Ёр аст, ки ҷон барқарор аст,
Ҷон аст бародаре, ки ёр аст.
Боре ҳамаи бародарон боз
Гаштанд бародарона дамсоз.
Рафтанду бари падар ситоданд,
Пас лобакунон забон кушоданд,
К-эй хоки дарат ба чашми мо нур,
Ҷуз хоки дарат зи чашми мо дур.
Хоҳем, зи ҳазратат, ки гоҳе
Як рӯз на, ҳафтае на, моҳе.
Юсуф, ки маҳи дуҳафтаи мост,
Осоиши ҷони тафтаи мост,
Бо мо чу маҳе, ки бо ситора
Ояд ба сипеҳр як савора,
Аз хона равад ба сӯйи саҳро,
Пойе биниҳад ба рӯйи саҳро.
Дилбастагӣ аст мушкили ӯ,
Бинад гулу во шавад дили ӯ.
Чинад гулу бинад Осмоне,
Бар сабзаи тар давад замоне.
Ӯро, ки беҳ аст ҳамдам аз мо,
Гӯяд ду, ду бишнавад ҳам аз мо,
Ҳам зан набаранд дӯстдорон
Аз мо, ки ба ӯ наем ёрон.
Чун ҳеҷ гаҳаш ба мо набинанд,
Лобуд ба раҳи камон нишинанд.

Гӯянд, ки ин набуда дастур,
Ҳаст аз равиши бародарӣ дур.
Оранд зи роҳи зан фароҳам,
К-инҳо ҳама душмананд бо ҳам.
Он низ, ки рӯ ба мо надорад,
Ин нанг ба мо раво надорад.
Яъқуб чу ин шунид аз эшон,
З-ин гуфтушунид шуд парешон.
Он гуфта, ки тоби ҷонаш омад,
Бар дил чӣ аҷаб гаронаш омад.
Гуфто: – Чӣ кунам, дилест бадром,
Бе ӯ нафасе нагирад ором.
Гар дида набинадаш замоне,
Аз гиря набошадаш амоне.
Гӯянд касон, ки ҷон азиз аст,
Ӯ ҷони ман аст, аз он азиз аст.
Теғест ба чашми ман гаронсанг
Хоре, ки ба доманаш занад чанг.
Тарсам, ки зи гурги одамихор
Ногаҳ бирасад ба ҷонаш озор.
Гӯянд, ки буд он рамида,
З-ин гуна шабе ба хоб дида.
Доим ба дарун ҳароси ӯ дошт,
Пайваста ба дида поси ӯ дошт.
Он воқеае набуд осон,
К-аз вай нашавад касе ҳаросон.
Дарде, ки расад зи қатъи пайванд,
Набвад ба алам чу дарди фарзанд.
Фарзанд ниҳоли боғи ҷон аст,
Гар ҳаст, чу ҷон азиз аз он аст.
Гар нек в-агар бад аст ҳосил,
Навбоваи ҷону меваи дил.
Дар нохалафӣ чу ҷон азиз аст,
В-ар худ халаф аст, ҷон чӣ чиз аст?
Юсуф, ки зи ҷон азизтар буд,
Шоистаи тоҷу тоҷи сар буд.

Чун дид, ки аз бародарон боз
З-он ғусса бурун наёяд овоз,
Шуд пеши падар ба дидаи тар,
Пас рехт зи дида иқди гавҳар.
Чун хуни ҷигар зи дида полуд,
Бикшод даҳони шаккаролуд,
К-эй гашта чу кон макони гавҳар,
Ман гавҳари кон, ту кони гавҳар.
Ҳарчанд, ки як дам аз ту дурӣ
Беҳтар зи ҳазор беҳузурӣ.
Чашме, ки бимонд аз дарат дур,
Дур аз ту бувад чу чашми бенур.
Лекин зи ғами бародаронам,
Ҳар лаҳза расад ғаме ба ҷонам.
Гӯянд, ба дил вафо надорӣ,
З-он аст, ки майли мо надорӣ.
Чун рӯй кунам ба сӯйи эшон,
Шарманда шавам зи рӯйи эшон.
Хоҳам, ки зи рӯйи меҳрубонӣ
В-аз роҳи ризо чунон ки донӣ,
Як рӯз маро зи бомдодон
Созӣ чу гули шукуфта шодон.
Бе он ки кунӣ фиғону зорӣ
Ҳамроҳи бародарон гузорӣ,
То ҳам дилашон зи мо намонад,
Ҳам андуҳи мо ба ҷо намонад.
Ман худ зи ту бас ҷудо напоям,
Гаште кунаму бари ту оям.
Ин гуфту ба гиря дида тар кард,
То дар падараш яке асар кард.
Бо ӯ ба ду дидаи гуҳарбор
Гаштанд бародарон дигар ёр.
Хоҳиш чу расид то ба ғоят,
Бигзашт ҳикоят аз ниҳоят.
Дармонд падар ба кори эшон,
Дармонда шуд аз шумори эшон.

Охир ба диле малолатандуд
Фармуд иҷозату нафармуд.
Бо сад ғами дил, ки дошт ҳосил,
Гуфташ, ки бирав, вале на аз дил.
Додаш ба шудан иҷозате хом,
Чун хаста, ки ҷон диҳад ба ноком.
Якрӯза фироқи он париваш
Дар хирмани ҳастияш зад оташ.
Бар дуриву дарди дергоҳӣ
Медод магар дилаш гувоҳӣ.
Ман ҳам, ки диле табоҳ дорам,
З-ин гуна шабе сиёҳ дорам.
Дерест, ки дур мондаам, дур,
Аз дидаи худ чу дида аз нур,
Дур аз ҳама кас чу беҳузурам,
К-аз ҷони азизи хеш дурам.
Эй вой, ки дарди дуриям сӯхт,
Бар дарди чунин сабуриям сӯхт.
Дурӣ барад аз ду чашми тар нур,
Бодо ғами дурӣ аз назар дур.
Дурӣ дили ман ба бод – бар дод,
Дод аз ғами дурии писар, дод.
Дурам мани хаста бо дили реш
Яъқубсифат зи Юсуфи хеш.
Аз дурии ӯ, ки бас фигорам,
Наздик ба мурдан аст корам.
Гирянда шаҳ аст, агар шубон аст,
Бар зодаи хеш меҳрубон аст.
Фарзанд агар хас аст, агар хор,
Пеши падараш гулест пурбор.
Бар гулбуни ин кабуд гулшан
Нашкуфт гуле чу чашми равшан.
Чизе, ки ду чашми равшан аст он,
Фарзанди Муҳаммади ман аст он.
Дар чашми ман аз раҳи накӯйӣ
Ороста Юсуфест гӯйӣ.

Ё раб, ба ду чашми тори Яъқуб,
Ё раб, ба тани фигори Яъқуб,
К-аз Юсуфи худ мадор дурам,
Мотам макун ин хуҷаста сурам.
Рӯзам чу шаб аст тиразоте,
Рӯзӣ кун аз ин шабам наҷоте.
Дода пайи ҷони ҳақпарастам
Дар пирӣ аз ин гуле ба дастам.
Дурии ваям фигор дорад,
Ин аст гуле, ки хор дорад.
Масъуд, чӣ хор-хор дорӣ,
Бо он ки гуле ба бор дорӣ.
То лола пиёлавор хезад,
Хор аз гулу гул зи хор хезад.
Худро ба диле кушода аз банд,
Эй дарди дилат зиёда аз чанд.
Чун гул бари хор ғамсипар соз,
Бо хору гули замона дарсоз.

## ҶАФО НАМУДАНИ БАРОДАРОНИ ЮСУФ БА ҲАР ШЕВАВУ ФАН ВА БИЛОХИРА ОН МОҲИ СИПЕҲРРО ДАР ЧОҲ АНДОХТАН

Меҳнаткаши ин фироқнома
Ин бардиҳад аз ниҳоли хома.
Саргаштаи ин сипеҳри хазро
Ин дарди дил оварад ба саҳро,
К-он дам, ки зи Юсуфи парирӯй,
К-ӯ бурд зи Меҳру Муштарӣ гӯй,
Бо сад ғами дил ба ҷониби дашт
Фармуд падар иҷозати гашт.
Аввал ба ҳазор ашкборӣ,
Монандаи абри навбаҳорӣ
Фармуд, ки то бародаронаш
Бошанд ба ҷон нигоҳбонаш.
Дар роҳ пиёдааш намонанд,
Бар гардани хештан нишонанд.

Боре наниҳанд бар дил аз вай,
Як дам нашаванд ғофил аз вай.
Доранд нигоҳ аз Офтобаш,
В-ар ташна шавад, диҳанд обаш.
Имрӯз басе зи рӯзҳо беш
Карданд равон ба хонаи хеш.
В-он гаҳ, ки равон шуданд эшон,
Ӯ монду ҳамин дили парешон.
То аз паяшон нигоҳ мекард,
Мерехт сиришку оҳ мекард.
Гӯйӣ, ки аз он балои ногоҳ
Ӯ ношуда гашта буд огоҳ.
В-он ғам, ки кашид дар нафираш,
Пӯшида набуд бар замираш.
Оре, дили равшан инчунин аст,
Дар кори замона пешбин аст.
Яксон набудаш зи бахти фирӯз
Фардову пареру диву имрӯз.
Ҳар дидаи дил, ки гашт бино,
Бинад ҳамаро зи чархи мино.
В-он ҷумла чу шодмону масрур
Гаштанд зи дидаи падар дур,
Он як, ки зи роҳи дӯстдорӣ
Ё он ки зи навъ бурд борӣ,
Бардошта буд он париро,
Чун чархи баланд Муштариро.
Афканд ба хоку хорӣ аз дӯш,
В-он панди падар шудаш фаромӯш.
В-он сарви равон ба рӯйи чун Моҳ
То рафт пиёда пораи роҳ,
Чун қатраи шабнаму гули тар
Зад обилаҳо зи пойи ӯ сар.
Ё худ зи ду чашми фитназояш,
Ашк омада буд то ба пояш.
В-аз бими бародарон ба он по
Мерафт чамон ба рӯйи саҳро.
Аз пай ба Замин чу мубталое
Ночор ҳамекашид пое.

То аз пайи чанд печутобаш,
Болои сар омад Офтобаш.
Шуд ташна ба ғояте, к-аз он тоб
Аз чашми тараш равона гашт об.
Аз ҳар кеҳу меҳ, ки хост обе,
Кардаш аҷаб оташин итобе.
Он гуфт, ки хунхӯр, эй бадахтар,
Аз хун шавадат магар гулӯ тар?
Ин гуфт бисоз, то шабат об
Ояд чу Маҳу ситора дар хоб.
Он гуфт, ки фикри ҷон кун имрӯз,
Ҷон кандани худ аён кун имрӯз.
Ҷон мекану изтироб мекун,
Хун мехуру фикри об мекун.
Он гуфт, манат чунонки донам,
З-ин тобу итоб вораҳонам.
Обе диҳамат зи ҷӯйи шамшер,
З-он сон, ки зи ҷони худ шавӣ сер.
Ӯ монда ба хотире пурозар
Бекас ба миёни даҳ бародар.
Рӯ ҷониби ҳар кадом кардӣ,
Онаш ситаме тамом кардӣ.
Ин як ба ситам чу кардияш паст,
Дар домани он дигар задӣ даст.
Онаш задӣончунон ба силӣ,
К-аш лола шудӣ, чу ҳола нилӣ.
Он мӯйи сараш чунон кашидӣ,
К-аш ҳар сари мӯ фиғон кашидӣ.
Монандаи мушки ноб мӯйе,
Чун панҷаи Офтоб рӯйе.
Аз силии он сиёҳ гаштӣ,
В-аз панҷаи ин табоҳ гаштӣ.
Ӯ гиряи зор-зор мекард,
Ӯ зории бешумор мекард.
Мегуфт, чӣ кардаам Худоро,
Беҳуда чӣ гуфтаам шуморо?
Он кас, ки бадиш гуфтаам, кист?
В-он гавҳари бад, ки суфтаам, чист?

Худ одамӣ аз баду накӯйе,
Холӣ набувад ба ҳеҷ рӯйе.
Гар з-он ки гаҳе хилофи дастур
Гуфтам сухане зи ростӣ дур,
Гӯянд ягон-ягон ба рӯям,
То тавба кунам, дигар нагӯям.
Ҳаққо, ки зи ман ба дасти зӯре
Озурда нагаштааст мӯре.
Гирам, ҳама сар ба сар хатоям,
Охир, на бародари шумоям?!
Имрӯз агарам ба хун бишӯед,
Фардо ба падар чӣ узр гӯед?
Донам, ки кунун дар интизор аст,
Чашмаш нигарон, дилаш фигор аст.
То шаб ба дили шикастабаста
Бошад ба раҳи шумо нишаста.
Чун боз шумо ба коми дил боз
Гирад суйи ошёна парвоз.
Яъне, чу шумо ба хонаи хеш,
Чун мурғ ба ошёнаи хеш.
Гардид ба хушдилӣ шитобон,
Ман кушта фитода дар биёбон.
Мурғони ҳаво ба рӯйи хонам
Меҳмон шуда баҳри устухонам.
Зоғон, на, ки зангиёни хунхор
Дар хуни дилам ниҳода минқор.
Ман аз пайи меҳмоннавозӣ
Дил карда яке ба ҷонгудозӣ.
Ин роз ду дида хон ниҳода,
Он роз ҷигар кабоб дода.
Он ғамзада бо дилеву сад оҳ
Чун мунтазирон нишаста бар роҳ.
Аз дур чу бингарад шуморо,
Бар хоки ҷабин ниҳад Худоро.
Лекин чу маро ба ҷо набинад,
Бинад ҳамаро, маро набинад.
Бар синаи худ қабо кунад чок,
Дуд аз сари ӯ равад бар афлок.

Пурсад ба ду дида ашкрезон
Аҳволи ман аз шумо азизон,
К-он тифли ҷаҳоннадидаам ку ?
В-он нав ба ҷаҳон расидаам ку?
Шаб баҳри чӣ бар саро наёмад?
Ҳамроҳи шумо чаро наёмад?
Охир чӣ ҷавоби ӯ тавон гуфт?
Ё худ чӣ дури накӯ тавон суфт?
Ин гуфту гурехт дар Яҳудо
Он шоҳи ниҳону Моҳи пайдо.
Гуфт аз дигарон раҳи ту пеш аст,
Соли туву ҳурмати ту беш аст.
Бингар, ки чӣ зору беқарорам?
Магзор, ки мекушанд зорам.
Он сӯз, ки сар ба санг дар кард,
Ҳам дар дили ӯ яке асар кард.
З-он гуфта дилаш чунон бипечид,
К-аз куштани ӯ инон бипечид.
Аксар паи ҳифзи амну имон
Гаштанд зи куштанаш пушаймон.
Шамъун, ки дилаш макони кин буд,
Чун шамъ забонаш оташин буд,
Зад дар камараш ба зӯри бозу
Он даст, ки сохташ тарозу,
Пас бурд кашон ба рӯи хокаш,
В-аз рӯй чунон набуд бокаш.
То бар лаби тору танг чоҳе,
Чун табъи авоми девгоҳе.
Чоҳе, чӣ аҷаб дарозу дилгир,
З-он рӯи Замин гузашта як тир.
Обаш асари ҳаво надида,
Аз дидаи аждаҳо чакида.
Оромсарои мору каждум,
Аз дам чу даруни мор то дум.
Чандон зи нишеб то лабаш роҳ,
К-аз нофи Замини тира то Моҳ.
Аз лаб ба нишеби он табоҳӣ
Чандон ки зи Моҳ то ба моҳӣ.

Гар чархи мунаввари мудаввар
З-ӯ тори фурӯғи меҳри анвар
Созад расане ба қадди он чоҳ,
Бошад қадаре ҳанӯз кӯтоҳ.
В-он гоҳ бародарон саросар
Карданд ғулув бар он бародар,
Як дам заданаш,, амон надоданд,
Чусташ камар аз миён кушоданд,
То пираҳан аз танаш ба хорӣ
Канданд чу лолаи баҳорӣ.
Будаш тани ҳамчу сим сода,
Бе шиша гулобе истода.
Азбаски чу гил гудохтандаш,
Гул буд, гулоб сохтандаш.
Чоҳе, ки зи лат сияҳ шудаш бар
Будӣ ба гулоб мушку анбар.
Бастанд пас он гаҳаш ба бозу
Муҳкам расане сабук тарозу,
Чун ришта, к-аз Офтоб зода,
Борику дарозу тобдода.
Чун дил, ки ба тори зулфи дидор
Дар чоҳи зақан равад нигунсор,
Ё партави Меҳру Моҳ гоҳе,
К-аз авҷ даруфтад ба чоҳе.
Нокарда бар ӯ яке нигоҳаш,
Карданд ба он расан ба чоҳаш.
То кас наравад чу кӯза дар хум,
Дар чоҳ ба ресмони мардум.
В-он гаҳ нарасида то таҳи чоҳ,
Карданд расан ба теғ кӯтоҳ.
Яздон, ки зи қаъри хоки тира
То авҷи сипеҳри пурзахира
Ҳар чиз, ки буду бошаду ҳаст,
Ё бинияш ӯст як кафи даст.
Чун дид, ки он ситамрасида
Шуд ҳам ба ҳаво расанбурида,
Фармуд, ки то ба як такупӯй
Ҷибрил расад ба он парирӯй.

Пас бар пари худ нишонд ӯро,
З-он гуна ба чӣ расонд ӯро?
Ӯ низ кушод болу пар зуд,
Кард он чи Худои пок фармуд.
Гӯянд, ки ҳаргиз он сабукхез
Парвоз накард őнчунон тез.
Пас шуд зи миёни об зоҳир,
Санге чу гулу гулоб зоҳир,
Санге чу ақиқу яшм дар ҳам,
Бас нозуку нарм ҳамчу марҳам.
Чун моҳи чаҳордаҳ мудаввар,
В-он гоҳ чу Меҳру Маҳ мунаввар.
В-он меҳрҷабин, ки буд сад бор,
Дар ҳусн беҳ аз Маҳи даҳу чор,
Биншаст бар он сарири сангин
Бо сад манишу ҳазор тамкин.
То шуд ба инояти Илоҳаш
Он санги сариру чоҳу ҷоҳаш.
Ҳар гӯша ба ҷои мору каждум
Гаштанд аён Ҳилолу анҷум.
З-он рӯйи чу боғи хулд равшан
Он қаъри ҷаҳим гашт гулшан.
Ҷибрил зи Ҳақ паёмаш овард,
В-аз боғ чунон таомаш овард.
Чун шуд, ки он гаҳ Меҳри гулчеҳр
Худ гул чӣ бувад,чу сар занад Меҳр.
Созад чу зи шамъи лола гулшан,
Аз чеҳра чароғи шоми равшан.
Он чанд бародари ҷафоҷӯй
Карданд ба хонаи падар рӯй.
Куштанд зи рӯи рою тадбир
Як бара зи галла ё бузи пир,
В-он пираҳане, к-аз он гуландом
Чун пӯст, ки баркашӣ зи бодом,
Канданд в-аз он тане чу гул нарм
Дар чашми яке наёмад озарм.
Карданд ба хуни барра рангин,
Яъне, ки зи хуни Юсуф аст ин.

Пас чок заданд ҷомаи хеш,
Карданд фурӯ амомаи хеш.
Худро ба ҳиял нижанд карданд,
Фарёду фиғон баланд карданд.
Карданд замон –замон ба рӯе
Мотамзадагона ҳоюҳуйе.
Масъуд, марав ба хоб, бархез,
З-ин қавм ба сад шитоб бигрез.
Ҷасте кун аз ин миён карона,
Бингар, ки чиҳост дар миёна?
Аз халқи ҷаҳони сустбунёд
Дил баркану то кунун макун ёд.
Тангӣ зияд, он хаёли хом аст,
Гар бишнавӣ, ин қадар тамом аст.

## БОЗ ОМАДАНИ БАРОДАРОНИ ҶАФОКЕШ ПЕШИ ПАДАР ВА БА ҲУКМИ ФАЪКУЛАҲУ – З-ЗАЪБ, ТУҲМАТИ ХУНИ БАРОДАР БАР ГУРГИ БЕГУНОҲ БАСТАН ВА ПАДАРИ ПИР БА НОЛАВУ ОҲ АНО АШКУ АБСИ ҲУЗНӢ ИЛАЛЛОҲИ ДАР ЗОВИЯИ БАЙТУЛАҲЗОНИ КАНЪОН НИШАСТАН

Ҳамхонаи хайли дарду андӯҳ
З-ин гуфта гирифт кӯҳ то кӯҳ.
Вомондаи гӯшаи сабурӣ
Ин гуфт зи дарду доғи дурӣ,
К-он рӯз, ки дур аз он дилафрӯз
Бар чашми падар сиёҳ шуд рӯз,
Буд аз ғами ӯ ба нолаву оҳ
Биншаста, ниҳода чашм бар роҳ.
То кай расад он маҳи ягона
Ҳамроҳи бародарон ба хона?
Аз гиря ду дида ғарқи хун дошт,
Як по ба дарун, яке бурун дошт.
Гоҳе ба қади хамида чун нун,
Яъне, чу ҳилоли иду гардун.

Бар бом шудиву оҳ кардӣ,
В-аз ҳар тарафе нигоҳ кардӣ.
Гоҳе ба тани шикаста чун дол
Рафтӣ сӯи дар, диле ба дунбол.
З-ин гуна чу Меҳр бо рухи зард
Гирди дару бом гаштӣ аз дард.
То ногаҳаш аз дили биёбон,
К-аз тоби тамуз буд тобон,
Мотамзадагона як замоне
Омад суи гӯши ҷон фиғоне.
Чун гӯш ба сӯи он фиғон кард,
В-аз гӯшаи дида хун равон кард,
Омад суи гӯш аз он фиғонаш
Бонги писарони меҳрубонаш.
Ҳар мӯ зи танаш забон баровард,
З-он бонгу фиғон фиғон баровард.
З-он сон, ки Замину Осмон сӯхт,
Оҳе заду оташе барафрӯхт.
Бо риштаи ҷон чу шамъи сӯзон
Шуд з-оташи оҳи худ фурӯзон.
Расм аст, ки чун яке зи мардум
Шаб хонаи хештан кунад гум,
Чун бод ба ҳар тараф шитобон,
Монад шаби тира дар биёбон.
Саргашта шавад басе чу паргор,
Берун набарад саре аз он кор.
Дар хона касон ба чашми хунрез
Созанд баланд оташи тез.
То кам шуда з-он чароғи тобон,
Ояд суи хона аз биёбон.
Яъқуб дигар ба оҳи дилсӯз
З-он шуд чу чароғи маҷлисафрӯз,
То гумшудааш ба шуълаи оҳ
Осон суи хона оварад роҳ.
Он к-ӯ чу шаб аст тира рӯзаш,
Оҳ аст чароғи шабфурӯзаш.

Он хона, ки ин чароғ дорад,
Аз Зуҳраву Маҳ фароғ дорад.
Оҳе ки чу оташ аст сӯзон,
Шамъест зи пиҳи дил фурӯзон.
Оҳе, ки зи ҷони дардманд аст,
Оҳе чӣ ки оташе баланд аст.
Дурӣ кашад аз дил оҳи ҷонкоҳ,
Оҳ аз дили дурмондагон, оҳ.
Охир чу шуд аз карона пайдо,
Он даҳ писари ягона пайдо,
Афканда зи сар амома бар хок,
Пироҳану ҷома сарбасар чок.
Дар мотами Юсуф аз сари сӯз
Гирён чу саҳоби фасли Наврӯз.
Яъқуб чу ҳолате чунон дид,
Мискин на Замин, на Осмон дид.
Чун ғунча зи сар амома во кард,
Пироҳани хештан қабо кард.
Бе худ шуда бо тане ба сад чок,
Чун сояи худ фитод бар хок.
Аз хуни дилаш ду дида тар буд,
Ӯ аз дилу дида бехабар буд.
Ҳар мӯй, ки буд бар тани ӯ,
Аз пошна то ба гардани ӯ,
Шуд ғарқи арақ зи оташи дил,
Пас з-он арақи фишурда ҳосил,
Обаш зи тане ба тоб мерафт,
В-аз ҳар мижа хуни ноб мерафт.
Эшон чу фиғонкунон расиданд,
Аз кардаи худ фиғон кашиданд,
Диданд, падар чунон фитода,
В-аз синаи раҳ фиғон кушода.
Аз хоки сараш ба бар гирифтанд,
Яъне ш зи хок бар гирифтанд.
Он рӯй ба раҳ фитода чун хок
Карданд равон зи хоку хун пок.

З-он рӯ, ки ҷаҳад зи дида хобаш,
Аз дида ба рӯ заданд обаш.
Ӯ худ диле аз алам нигун дошт,
Дар дида ба ҷои хоб хун дошт.
Омад чу ба хештан замоне,
Яъне, ба ҷаҳоне аз ҷаҳоне,
Пурсиду ду дида сохт гирён,
З-он гуна, ки хун чакад зи бирён,
К-он мардумаки ду дидаам ку?
В-он ҷони ба лаб расидаам ку?
Он ҷони падар куҷост имшаб,
К-аз ҷони падар ҷудост имшаб?
Оё ки шавад шабе чунин тор
Дар доми кадом дад гирифтор.
Гӯянд ба ман ба як забоне
Аз мурдаву зиндааш нишоне.
Гуфтанд, чу мо ба нияти гашт
Гаштем равон ба ҷониби дашт,
То он ки зеҳ аз камон фикандем,
Тире ду ба ину он фикандем.
Як-як паи тири худ шитобон
Рафтем чу тир дар биёбон.
Гард аз бару рахти ӯ фишондем,
Ӯро бари рахти худ нишондем.
Чун як – ду нафас бар ин баромад,
Гурге магар аз замин баромад.
Озурд танаш ба нохуни тез,
В-аз хӯрдани ӯ накард парҳез.
Хӯрд он тани пок дар замоне,
З-он сон, ки намонд устухоне.
Мо чун бари рахти худ расидем,
В-он нури ду дидаро надидем,
Гаштем равон ба ҷустуҷӯяш,
Аз ҳар тарафе давон ба бӯяш.
Бо дидаи тар чу об дар ҷӯ
Фарёдкунон шудем ҳар сӯ.

Ҳарчанд, ки ҷо ба ҷо давидем,
Аз вай асаре ба ҷо надидем.
Дидем пайи даде, ки бар хок
Бурдаст кашида он тани пок.
Рафтем давон–давон бар он пай,
З-он сон, ки шудем ғарқа дар хай.
То аз пайи бас фиғону фарёд
Дидем, он чи ки кас мабинод!
Пироҳани ӯ фитода аз бар
Оғушта ба хун чу лолаи тар.
Ё барги гуле, ки боди пурзӯр
Афканда бувад зи гулшанаш дур.
З-он пайкари чун пури ҳавосил
Ҷуз пираҳане намонда ҳосил.
В-он пираҳани кашида дар хун
Бурданд ба назди он ҷигархун.
Ӯ хун заду чашми худ равон дид,
К-он пираҳани ба хун ниҳон дид.
Дастор зи сар ба хок зад боз,
Пироҳани хеш чок зад боз.
Афтод ба хоку хун замоне,
Чун ҳушрамида нотавоне.
Чун шамъ ба мотами тани хеш
Гирён ба ду чашми равшани хеш.
Эй дил, чу сиришк кун инон тез,
В-аз мардуми дида низ бигрез.
Бас нохалаф аст одамизод,
Аз вай накунӣ ба мардумӣ ёд.
Абвоби хилоф шуд кушода
З-ин нохалафи халифазода.
Одам, ки хилофати Замин дошт,
Ӯ ҳам писарони инчунин дошт.
Яъқуб чу баъди як замоне
Омад, ба танаш рамида ҷоне,
Гуфт: – Эй писарон, Худойро, боз
Чун бозу чӣ бози тезпарвоз.

Гӯянд ба ҳар тараф замоне
Ҷӯянд зи Юсуфам нишоне.
Дар ҷустани ӯ абас шуморед,
Он гурги дарандаро биёред.
То пурсам аз ӯ мани ҷигарреш
Ҳоли тани зори Юсуфи хеш.
Ин гуфту ҳамон ба гиряву сӯз
Чун шамъ нишасту хост то рӯз.
Чун Меҳри мунир аз накӯйӣ
Акси рухи Юсуф аст гӯйӣ.
Бо пираҳани чу лола пурхун
Ҷаст аз дами гург субҳ берун.
Он даҳ писар, ончунонки даҳ шер
Дар панҷа ба ҷойи ҷанг шамшер
Гаштанд ба сӯйи дашт пӯён,
Юсуфгӯёну гургҷӯён.
Охир чу талаб зи ҳад фузун шуд,
Гурге ба камандашон забун шуд.
Гурге на, ки як куҳан паланге
Дунбол кашида шери ҷангӣ.
Ҳар нохуни ӯ ба вақти хунрез
Монанди хамида ханҷари тез.
Ҳар дандонаш чу лаб кушода,
Пайкони ба заҳр обдода.
Чун монд ба ҳасби коми эшон,
З-ин гуна даде ба доми эшон,
Бастанд равон-ш сахту сангин,
Карданд ба хун даҳон-ш рангин.
Пас баста чунонки хаст ҷонаш,
Бурданд бари падар равонаш.
В-он гургаки дастбаста бар чӯб
Чун дид ба рӯйи хуби Яъқуб,
Бар хок ниҳод рӯ паёпай,
В-он гоҳ салом кард бар вай.
Яъқуби набӣ ба чашми хунбор
Гуфт: – Эй чу замона одамихор!

Бо Юсуфи ман чӣ кина будат?
В-аз хӯрдани ӯ чӣ хун фузудат?
Чун хурдӣ, инчунин равонаш?
Хунхӯрд, шикастӣ устухонаш?
Сӯяш ба кадом рӯ давидӣ?
Рӯяш ба кадом сӯ кашидӣ?
Чанголи ту чун кашид мӯяш?
Дандони ту чун дарид рӯяш?
Бар хурдии ӯ дилат нашуд нарм?
В-аз хӯрдани ӯ наёмадат шарм?
Эй канда сарат ба панҷаи шер,
Охир, ба чӣ ҷойи ӯ шудӣ сер?
Эзад, ки зи бастагист раста,
Бикшод равон забони баста.
Бар сурати ростӣ замоне
Бикшод забони безабонӣ.
Он кас, ки ба безабон тавон дод,
Бишнав, ки тавонадаш забон дод.
Чун гурги даҳан ба хун сиришта
Бишнид ҳадиси он фаришта,
Гуфт: – Эй сари сад паямбари пок
Помоли ту сидра то сари хок.
Гӯёст забони сӯзноком,
К-аз туҳмати ин гуноҳ покам.
Дар ҳукми шариате, ки ом аст,
Бар мо хурише чунин ҳаром аст.
Ман худ чӣ касам, ки гардам, эй нур,
Гирди саги галлаи ту аз дур?!
Худ кай бувад он вуҷуди чун шир
Дар хурди чу ман даде забунгир?
Кому даҳани мани шикаста
Аз хуни паямбарон-ст баста.
Дар хун шудаам ба хун гулӯтар,
З-ин хӯрдани хун бувад накӯтар.
Он хун на хурои ин даҳон аст,
Хокам ба даҳан, чӣ ҷои он аст!

В-он гаҳ ба бародарони Юсуф
Рӯ карду чӣ гуфт бетакаллуф,
Гуфт: – Эй зи шумо дилам шикаста
Ман бастадилам, шикастабаста.
Туҳматзадаи шумост ҷонам,
Бас шоҳиди адли ман забонам,
Онро, ки чу ман гуноҳ набвад,
Гӯё беҳ аз ин гувоҳ набвад.
Ин ҳам, ки ба хун тар аст комам,
Бо он ки даранда аст номам,
Биллоҳ, ки Эзад аст огоҳ,
К-он ҳам зи шумост, сумма биллоҳ.
Охир ба чӣ шуд яқин шуморо
Коре, ки накардаам, Худоро?
Гуфтанд дар он Замин, ки шуд зор
Юсуф зи ҷафои гурги хунхор,
Ҳарчанд ба ҳар тараф давидем,
Ғайр аз ту дарандае надидем.
Гуфтем ба ҳасби занни мақдур,
К-ин кардаи тусту нест ҳам дур.
Яъқуб зи пойи бастааш банд
Бикшод ба узрхоҳии чанд.
То ҳам пайи ризқи худ шитобон
Рӯ кард чу бод дар биёбон,
В-он пири ситамрасидаро дил
Бигрифт, зи ҳар чӣ дошт ҳосил.
Шуд гӯшанишин ба кунҷи ғоре,
Ҳамдам на ба ҷуз фиғону зорӣ.
Афканд бинои хонаи паст,
З-он сон, ки ба сақфи ӯ расад даст.
Не, не, ки зи пастӣ ончунон буд,
К-аш фарш ба сақф ҳаминон буд.
Тифле ба чаҳор норасида
Дар вай нашудӣ магар хамида.
Пайдо на тафовуте ба ҷуз ном
Аз фарши бинош то лаби бом.

Дар вай раҳи хӯрду хоб баста,
Аз равзанаш Офтоб ҷаста.
Мотамкадаи сиёҳу дилгир,
Андудаву тира ғоре аз қир.
Чун ҳуққае аз раҳи тасаввур
Гаштӣ ба нафас кашидане пур.
Пур буд зи ҷинси ҳузну ғам з-он
Хонданд касон-ш байти аҳзон.
Ҷӯйе зи сиришки он равон буд,
Гирд омада ин ҳубоби он буд.
Пурбори фироқ агар набудӣ,
Бодаш чу ҳубоб даррабудӣ.
Дар ғамкадае чунин мукаддар
Биншасту бибаст бар ҷаҳон дар.
В-он пираҳани ба хун кашида
Мешуст, вале ба хуни дида.
Месӯхт ба доғи лоларӯйе,
Месохт зи хуни дида ҷӯйе.
Пайваста ба дида ҷӯйи хун дошт,
Равшан шуд аз ин, ки ҳоли хун дошт.
Ҳоли ҳама бар хилофи омол,
Ҳоле, ки мабод кас бад-ин ҳол!
То шаб ҳама рӯз дар ғаму сӯз
Гирён ҳама шаб чу шамъ то рӯз.
Мебурд ба ёди дилфурӯзе
Рӯзе ба шабе, шабе ба рӯзе.
З-оҳи дили пур зи сӯзу доғаш
Равшан шуда базми бечороғаш.
Гашта дили зормондааш хун,
В-аз рахнаи дида рафта берун.
Не дил, ки ғаме бигӯяд ӯро,
Не кас,ки диле биҷӯяд ӯро.
Не сабр, ки гӯшае нишинад,
Не дида, ки оламе бубинад.
Олам чӣ баланд, чӣ мағокаш
Торик ба чашми гирянокаш.

Чун наргису ғунча дошт ҳосил
Торикии чашму тангии дил.
Зӯре ба дили сабур мекард,
Сабре ба ҳазор зӯр мекард.
Месӯхт ба оташи сабурӣ,
Месохт ба дарду доғи дурӣ.
З-ин сон ҳама рӯз оҳ мекард,
Чун шаб рӯзе сиёҳ мекард.
Худ буд ба чашми он дилафгор
Яксон шабу рӯзи равшану тор.
Кам буд нишот дар каминаш,
Ғам буд ҳамеша ҳамнишинаш.
Бе Юсуфи худ надид сӯйе,
К-аз дида равон накард ҷӯйе.
Чашме, ки ба хун ҳамеша тар дошт,
Пӯшид, зи ҳар чӣ дар назар дошт.
Он дида, ки ҷуз бало набинад,
Пӯшида беҳ аст, то набинад.
Чашм аз пайи он бувад, ки рӯзе
Бинад ба ҷамоли дилфурӯзе.
В-ар на чӣ ҳазор чашми хира
Чӣ хоки сияҳ, чӣ оби тира?
Кӯрӣ беҳ аз он ду чашми пурнур,
К-аз нури ду чашми худ бувад дур.
Дурӣ, на ки андак ибтилоест,
Дур аз ҳама дӯстон балоест.
Дуриву ҳазор беҳузурӣ,
Наздик ба мурдан аст дурӣ.
Чашме, ки на рӯйи ёр бинад,
Дигар зи пайи чӣ кор бинад?
Пое, ки на сӯйи ӯ гарояд,
Он беҳ, ки напояду сар ояд.
Кӯрист давои дарди дурӣ,
Дурист, ки гуфтаанд кӯрӣ.
Яъқуб, ки Юсуф аз бараш рафт,
Дидан зи ду дидаи тараш рафт,

Чандон бигирист дар ҷудой̣,
К-аз дида бишуст рӯшной̣.
Аз дида бирехт он қадар об,
К-аш хона гирифт сар ба сар об.
З-он шустани пур зи ноумедӣ,
Дар дида аён шудаш сафедӣ.
Ҳар чиз, к-аз ин хуми каҷоҳанг
Як навъи аҷаб бароварад ранг,
Гар баста чу ранги бед гардад,
Аз шустани пур сапед гардад.
Масъуд, ту ҳам зи гиряи пур
Мерез зи дида ашки чун дур,
То шуста шавад чунонки хоҳӣ
Аз номаи ҷурми ту сиёҳӣ.

## РАСИДАНИ КОРВОНИ МИСР ДАР СОҲАТИ САҲРОИ КАНЪОН БА КАНОРИ ҲАМОН ЧОҲ ВА БАРОВАРДАНИ ОН ОБИ ЗИНДАГОНӢ АЗ ОН ВАРТАИ ЗУЛМАТ, ИШТИБОҲ ВА ХАБАР ЁФТАНИ БАРОДАРОН ВА ФУРӮХТАНИ ОН ГАВҲАРИ МАҚСУД БА АМИРИ КОРВОН БА ДАРОҲИМИ МАЪДУД

Гӯяндаи ин накӯ сароғоз
Ин гуна кунад сари сухан соз.
Донандаи ин ҳадиси ҷонранд,
З-ин даст кушояд аз забон банд,
К-он моҳи тамом, балки сад моҳ
Чун монд се шаб тамом дар чоҳ,
Вақте ки аз ин баланд торум
Сар зад шаҳи маснади чаҳорум,
Яъне, гаҳи он ки Меҳри тобон
Сар бар кунад аз уфуқ шитобон,
Аз роҳ расид корвоне,
Ҷо кард бар он Замин замоне.
Молик, ки ба молу мулки бисёр
Ӯ буд бар он гурӯҳ солор.

Дар қофила дошт як ғуломе,
Бас шердиле, Башир номе.
Фармуд равон, ки чусту ширин
Пӯяд суйи он мағоки дерин.
Чун чанбари Маҳ шавад расантоб,
З-он чаҳ ба расан бароварад об.
Ӯ низ ба гуфтаи Худованд
Бо ҳам расане ду дод пайванд.
Пас рафт равон ба ҳасби дилхоҳ
Бо далву расан ба ҷониби чоҳ.
Афканд ба чоҳ далви холӣ,
То баркашадаш пуроб ҳолӣ.
Дарҳол зи назди ҳаййи довар
Он бандкушои бандапарвар
Ҷибрил расид хурраму шод,
В-он гоҳ забони баста бикшод,
К-эй тифли ситамрасида, бархез,
Худро ба ҳамин расан даровез.
Дар далв даро чу оби ҳайвон,
В-он гоҳ баро ба авҷи Кайвон.
К-он банданавози бандагидӯст
Озод касе, ки бандаи ӯст,
З-ин тира чаҳат наҷот бахшид,
В-аз нав дигарат ҳаёт бахшид.
Пас чуст ба ҳукми ҳазрати пок
К-ӯ сохт чу об ҷисме аз хок,
Дар далв нишаст он суманбар,
З-он сон, ки ба далв меҳри анвар.
Ӯ буд чу оби гавҳаре ноб,
З-он далвнишин фитод чун об.
Меҳр ин ҳама ришта з-он ба ҳам баст,
К-он гулбуни тар дар ӯ занад даст.
То он дилу ҷон бароял аз чоҳ
Шуд далв дили ситораву Моҳ.
Лекин маҳи ман зи бас накӯйӣ,
К-он Меҳри мунир дошт гӯйӣ.

Дармонд Башираш аз кашидан,
З-он сон, ки бихостӣ хамидан.
Шуд чуст яке дигар ба ӯ ёр,
В-он ҳар ду ба ҷидду ҷаҳди бисёр
З-он пастии чоҳи тира то лаб
Чун ҷон, ки ба лаб расад зи қолаб,
Он оби ҳаётро кашиданд
В-он дам, ки ба коми худ расиданд.
Диданд ба ҷойи тираобе,
Дар далв нишаста Офтобе.
Сар то қадамаш накӯ чу рӯяш,
Маҳпораи ӯ рухи накӯяш.
Симинбадане, сиёҳмӯе,
Хуш сурху сафед, моҳрӯе.
Чун з-он чӣ тира бар сар омад,
Нуре дигар аз Замин баромад.
Чун гул, ки шукуфт гулшан аз вай,
Гашт он бару бум равшан аз вай.
Пас рафт Баширу кард огоҳ
Мар молики хешро аз он Моҳ,
К-аз чоҳ баромадаст Моҳе
Чун Меҳри мунири субҳгоҳӣ,
Сарве, гулу лола пой то сар,
Чун оби ҳаёт тозаву тар.
Молик чу давид сӯйи он чоҳ,
Чандон, ки бидид рӯйи он Моҳ,
Ҳайратзадагона монд хомӯш,
Гуфтӣ, ки сухан шудаш фаромӯш.
З-он Моҳ, ки чоҳ ҷоҳи ӯ шуд,
Чун чоҳ яке ба худ фурӯ шуд.
Гӯянд зи як-ду тири партоб
Буданд бародарон-ш дар хоб.
Он дам, ки аз он чароғи тобон
Равшан шуда буд он биёбон,
Бедор шуданду дергоҳе
Карданд ба ҳар тараф нигоҳе.

Ҳар сӯ, ки ба печу тоб диданд,
Нуре беҳ аз Офтоб диданд.
Диданд, ки аз канори он чоҳ
Нурест кашида пораи роҳ.
Гуфтанд зи чаҳ ба сад накӯӣ
Юсуф бадар омадаст гӯӣ.
В-ин нур на нури Моҳу Меҳр аст,
Нури рухи он фариштачеҳр аст.
Пас ҷониби он чароғи пурнур
Рафтанд давон чу боди пурзӯр.
Худ кай ба чароғи субҳгоҳӣ
Аз боди вазон расад табоҳӣ?
Шамъе, ки зи Ҳақ фурӯғ гирад,
Аз боди бурути кас намирад.
Онро, ки Худо нигоҳдор аст,
Душман чӣ кунад, агар ҳазор аст.
Чун чашми бародарон саросар
Афтод ба рӯйи он бародар,
Карданд сабук ба ҷавраш оҳанг,
Чун сангдилон ба силиву санг.
Инаш ба забон чу душманон хаст,
Оташ заду ин кашиду он баст.
Молик чу маломате чунон дид,
Гӯйӣ, ки қиёмате аён дид:
Гуфт : – Ин чӣ маломату ситез аст?
Бо бекасе ин чӣ растахез аст?
Тифлест надида орзӯе,
Охир, чӣ бад ояд аз чу ӯйе,
Ӯ гӯяд агар накӯ чӣ бошад ?
Пайдост, бадии ӯ чӣ бошад ?
Гуфтанд, ки ин на тифли хомест,
Бас пухта гурезпо ғуломест.
Ҳалвош диҳем, дӯғ гӯяд,
Дуздӣ кунаду дурӯғ гӯяд.
Сад хислати бад ба даст дорад,
Ҳар хислати бад, ки ҳаст, дорад.

Бо ин ҳама хубии хасоил
Пайваста ба хӯрду хоб моил.
Бе дарди ғамин чу дардманде
Гирён ҳама рӯз бе газанде.
Ҳар лаҳза ба ҳеҷ чиз гиряд,
Чизеш диҳем, низ гиряд.
З-ӯ тангдилист ҳосили мо,
Танг омадааст аз ӯ дили мо.
Чун нест аз ӯ умеди коме,
Гӯ, нест шав инчунин ғуломе!
Дандон, ки аз ӯ ҷавон-ст номат,
Чун дард кунад, кашӣ зи комат.
Хуне, ки аз ӯст ҷусса фарбеҳ,
Чун фосид шуд, набудияш беҳ.
Фарзанд, ки чизе аз тани туст,
Чун нохалаф аст, душмани туст.
Душман беҳ аз ин ғулом моро,
К-ӯ сӯхт ба хӯйи хом моро.
Ӯро, ки аз ӯ чунин ба ҷӯшем,
Бо ин ҳама айб мефурӯшем.
Лутфе куну бо чунин табоҳӣ
Аз мо бихараш, ба ҳар чӣ хоҳӣ.
В-он гаҳ ба забони хоси худ боз
Карданд баланд ҳар як овоз.
Гуфтанд ба он дури ягона
Не дур, ки муҳити бекарона,
К-аз бандагӣ гар инон битобӣ,
Аз ханҷари мо амон наёбӣ!
Имрӯз даме ба коми мо бош,
Иқрор куну ғуломи мо бош.
Ҷуз рост магӯ раҳе, ки пӯем,
Инкор макун, ба ҳар чӣ гӯем.
Беҳ зинда чу банда ранҷ бурдан,
Аз мурдану ҷон ба Ҳақ супурдан.
Худ зиндагӣ аст афсари ту,
Чун мурдӣ, хок бар сари ту.

В-он бекаси мубтало ба зорӣ
Мекард яке сухангузорӣ.
Мемонд ба рӯйи чун зари хеш
Бар пойи ягон-ягон сари хеш,
К-охир ба Худо кунед рӯе,
Як раҳ ба вафо кунед рӯе.
Сӯйи мани синареш бинед,
Ҷурми ману лутфи хеш бинед.
Ман худ на бародарам, ғуломам,
Як ҳиндуваки Баширномам.
Сад борам агар ба хун бишӯед,
Ҳаргиз накунам, ҷуз он ки гӯед.
Гаҳ об кашам, гаҳ оби хонӣ,
Гоҳе рамаро кунам шубонӣ.
Чун тир кунам ҳаме такутоз,
Орам зи нишона тиратон боз.
Шинед, зи дида пошам обе,
Ронам магас, ар кунед хобе.
Гардам саратон раҳе кашида,
Молам кафи поятон ба дида.
Бошам зи гузашта шокиру шод,
В-аз ҳар чӣ гузашт, н-оварам ёд.
Гуфтанд, ки ин хаёли хом аст,
В-аз мо тамаъе чунин ҳаром аст.
Ё зиндаву банда бош чанде,
Чун корфитода дардманде.
Ё кушта зи хоки роҳ гашта,
Ҷон рафтаву тан табоҳ гашта.
Гар гиря куниву гар гаронӣ,
Ин аст сухан, дигар ту донӣ.
В-он тифли падарзидастдода
Дар пои бародарон фитода.
Он Моҳи тамому сарви озод
Он рашки ҷамоли сад паризод,
Он бандкушои садфиканда,
Озодкуни ҳазор банда

Чун натвонист, ҷон раҳо дод,
Ночор ба бандагӣ ризо дод
Озодии ҷисму ҷони худро,
Шуд банда бародарони худро.
В-он сангдилони сахтбозу,
Дар сангдилӣ гаронтар аз ӯ,
Буданд чунон ба кини ӯ гарм,
К-охир дилашон ба ӯ нашуд нарм.
Ҳам з-оташи хашм сӯхтандаш,
Ҳам хашмкунон фурӯхтандаш.
З-он сон гуҳаре сазои таъзим
Доданд ба ҳиҷдаҳ дирам сим.
Молик зи бародарон-ш хат хост,
К-ин байъу широ ба хат шавад рост.
Алқисса, чунонки буд дастур,
Шамъун вараҷе ду сохт мастур.
Пас даст гирифт он париро,
Маҳ дод ба даст Муштариро.
Машрут бар он, ки муддате чанд
Даранд варо чу ғунча дар банд.
Дар по фиканаnd ройи ӯро,
Занҷир кунанд пойи ӯро.
Доим назаре ба роҳ доранд,
Ӯро ба назар нигоҳ доранд.
Ӯ ҳам ба ҳикояте парешон
З-он сон парие харид аз эшон.
Кардаш ба миёни бандагон ҷой,
Бандеш гарон ниҳод бар пой.
То рӯ накунад чу моҳ сӯе,
Бигмошт бар ӯ сиёҳрӯе.
Оташдаҳане, сияҳ чу ангишт,
Пурзӯр забоневу аҷаб зишт.
Чун гулханаш оташин даҳоне,
Чун кафчаи гулханаш забоне.
Рӯеву дар ӯ ду чашми хунрез,
Чун дар шаби тор оташи тез.

Чашмеву дар ӯ ҳазор ман хун,
Ин чун шафақ, он чу тоси гардун.
Бас талху туруш чу кинахоҳӣ,
Бе раҳму бад, андарун сиёҳӣ.
Чун шаб алами сиёҳ бардошт,
Шабдези замона роҳ бардошт.
Шуд боз аён ба чашми мардум
Омадшуди корвони анҷум.
Он қофила сорбону солор
Карданд ягон-ягон шутур бор.
В-он рашки чароғи Меҳру Маҳро,
В-он Моҳи шаби чаҳордаҳро
Якбора ба зери бор карданд,
Бар бори шутур савор карданд.
Карданд чу бод бас шитобон
Рӯ ҷониби Миср аз он биёбон.
Рафтанд чу фарсахе каму беш,
Уштур зи пайу пиёда аз пеш,
Пеш омадашон мазори Канъон,
К-он буд ҳам аз диёри Канъон.
Юсуф чу бидид гӯри модар,
Шуд тофта чун танӯри озар.
Бехуд зи сари шутур дарафтод,
Дар хоки мазори модар афтод.
Бигрист чу абри навбаҳорон,
Борид зи дида хун чу борон.
Он хок ба хуни дида мерӯфт,
Мерехт зи дида хуну мегуфт,
К-эй модари меҳрубон, Худоро,
Бингар чӣ ба сар расид моро,
Фарёд, ки гар ғамам бидонӣ,
Фарёд ба Осмон расонӣ.
Аз сад ғами дил, ки тохт сӯям,
Ғамгин шавӣ, ар яке бигӯям.
Боре яке аз ҳазор бишнав,
В-ин гиряи зори зор бишнав.

Карданд нахуст қасди ҷонам
Ин сангдилон бародаронам.
Аз пеши падар пас аз басе ҷаҳд
Карданд маро ҷудо ба сад аҳд.
Пас дасти мани шикаста бастанд,
В-он аҳд ягон-ягон шикастанд.
Бурданд ба чашми хунфишонам,
Чун гашта ба хоку хун кашонам.
То тирачаҳе, ки чоҳи Бобил,
Як ашр ашири ӯст ҳосил.
Пас пираҳанам ба ҷавр канданд,
Бе пираҳанам ба чаҳ фиканданд.
Чун боз ба фазли Эзади пок
Ҷон бурдам аз он чаҳи хатарнок.
Эшон дигарам ба сар расиданд.
Шамшери итоб бар кашиданд.
Бо он ҳама банди ҷонгудозам
Чун банда фурӯхтанд бозам.
Инак, ту бубин ҳам, эй Худованд
Ман бандаву пойбанд дар банд.
Бардор зи хок сар замоне,
Дарёб балабрасида ҷоне.
Дар зории бешумори ман бин,
Ҳоли ману ҳоли зори ман бин.
Дил хун шуда, ҷон ба лаб расида,
Чандин аламу тааб расида.
По баста ба хории тамоме,
Монанди гурезпо ғуломе.
Ҳоли ман агар падар бидонад,
Донам, ки ба ҳоли худ намонад.
Худ ҳоли ман аз тани чу нолам
Бингар, ки мабод кас ба ҳолам.
Ин ҳол ба зиндагӣ муҳол аст,
Ҳолам бинигар, бубин чӣ ҳол аст?
Он хокнишин паямбари пок
З-ин гуна ниҳода рӯй бар хок.

В-он зангии сангдил шитобон
Мечуст пояш дар он биёбон.
То ёфт дар он куҳан мазораш,
Он низ ба нолаҳои зораш
Гуфташ: – Мабарод раҳ ба коме
Мисли ту гурезпо ғуломе!
Алҳақ, чӣ дуре дуруст суфтанд
Ҳар чиз, ки дар ҳаќи ту гуфтанд.
Ин гуфту задаш ҳазор силӣ,
То гашт бунафшавор нилӣ.
З-он гуна ба рӯи ашкнокаш
Мебурд кашон ба рӯи хокаш.
То ҳам зи нами ду дидаи ӯ
В-аз дуди дили рамидаи ӯ
Бархост ҳамон дар он миёна
Абре, ки сиёҳ шуд замона,
Абре, ки чу абри навбаҳорон
Дар оташу бод дошт борон.
Бодаш дили кӯҳ чок мекард,
Дар чашми сипеҳр хок мекард.
В-аз оташи ӯ дар он бару бум
Мешуд дили санг об чун мум.
З-ин гуна бар он Замин замонҳо
Оташ борид аз Осмонҳо.
Аз оби саҳобу оташи барқ
Дар оташу об шуд Замин ғарқ.
Чун мардуми корвон шаби тор
Гаштанд ба он бало гирифтор.
Аз бехудии сипеҳру анчум
Карданд нахуст роҳи худ гум.
Монданд чу хар ба гил фитода,
Бар мурдани хеш дил ниҳода.
Молик, ки амири корвон буд,
Бас коршиносу кордон буд,
Аз мӯҷиби он балои ногоҳ
Охир ба тариқае шуд огоҳ.

Он зулми ниҳон чу кард маълум,
Омад бари он фақири мазлум.
Аз хории он сиёҳи хунхор
З-ӯ хост нахуст узри бисёр.
Аз пой кушод низ бандаш,
В-аз ҳалқаи бандагон фикандаш,
Гуфто: – Чӣ касӣ, ту, эй гиромӣ,
К-ат нест ғуломату ғуломӣ?
Чун об зи ҳар ғубор покӣ,
Фарзанди кадом обу хокӣ ?
То кай хати нонавишта хонам?
Ному насабат бигӯ, ки донам.
Дар ғамзадагӣ макӯш дигар,
Аз ман ғами худ мапӯш дигар.
Ҳар чиз, ки хоҳӣ аз каму беш,
Аз ман биталаб, ки орамат пеш.
Он ғунчаи гулбуни нубувват,
В-он гулбуни гулшани мурувват
Гуфто, ки «Мапурс ҳоли зорам,
К-аз ғам сари гуфтугӯ надорам.
Хоҳам зи ту, эй сипеҳри эҳсон,
Чизе, ки ба дасти туст осон.
В-он нест ҷуз он хате, ки дирӯз
Он чанд ҷавони кинаандӯз
Дар байъи мани ситамрасида
Карданд рақам ба хуни дида.
Яъне, ки ба хуни дидаи ман
В-аз дуди дили рамидаи ман
Карданд рақам хате парешон,
К-он аст гувоҳи ҷурми эшон».
Молик чу шунид гуфтугӯяш,
Бӯсид равон рухи накӯяш.
В-он хатти ғуломӣ аз дили шод
Биспурд ба он ғуломи озод.
Чун хотири он сипеҳри тамкин,
К-аз ҷаври замона буд ғамгин,

Як лаҳза ба хушдилӣ даромад,
Шуд шод чу субҳу хуш баромад.
Он абри сияҳ шуд аз миён гум,
Бинмуд аён сипеҳру анҷум.
В-он гумшуда корвониён боз
Карданд ба раҳ чу боз парвоз.
Дар пӯя инон зи даст доданд,
Пӯён суи Миср рӯ ниҳоданд.
Сар карда чу кавкаби намоён
Бурданд чунон рӯз ба поён.
Ё раб, ба тану тамизи Юсуф,
Ё раб, ба сари азизи Юсуф,
К-ин гуфта, ки саргузаштаи ӯст,
Поён-ш расон зи мағз то пӯст.
Ҷон аст, ба ҷои ҷон расонаш,
Дар хотири инсу ҷон нишонаш.

## РАСИДАНИ КОРВОН БА МИСР ВА РАСОНИДАНИ ОН ГАВҲАРИ ҚИМАТӢ БА БОЗОРИ НАХХОСОН ВА ХАРИДАНИ АЗИЗИ МИСР ӮРО БА БАҲОИ ГАРОН

Байёъи ҷавоҳири маъонӣ
З-ин гуна кунад гуҳарфишонӣ.
Гавҳаркаши риштаи сухан боз
Ин навъ кунад ҳикоят оғоз,
К-аз Молику он ғуломи чун моҳ
Гаштанд чу халқи Миср огоҳ,
Рӯ сӯйи мақоми ӯ гирифтанд,
Гирди дару боми ӯ гирифтанд.
Хос аз пайи рӯйи ҳамчу моҳаш
Карданд чунон ғулув ба роҳаш,
К-аз абр гар омадӣ ҳазорон
Оташ ба Замин ба ҷойи борон,
З-он оташи пурсаҳифаи хок
Мондӣ чу замири муъминон пок.
То сӯзиши ҷисму ҷон набудӣ,
Касро сари дафъи он набудӣ.

Аз бас, ки назорагӣ ба кӯяш
Шуд, то нигарад рухи накӯяш.
Мемонд ба зери пой сарҳо,
Мебаст зи пову сар гузарҳо.
Чун қисса ба шаҳру кӯй даршуд,
З-он қисса Азизро хабар шуд.
Ӯ низ ба раҳ ниҳод рӯро,
Шуд муштарӣ он рухи накӯро.
Худ қиссаи Юсуф инчунин аст,
Ҳар ҷо, ки расид, дилнишин аст.
Онро, ки ҷаве тамиз бошад,
Юсуф бари ӯ азиз бошад.
Гӯянд, касе надид он рӯз
Рухсори чу рӯзи он дилафрӯз.
То рӯзи дигар, ки Меҳри гулчеҳр
Бар зад зи уфуқ сареву сад меҳр,
Бо марҳами сад ҳазор озор
Овард гуле дигар ба бозор.
То дил барад аз ҳазор булбул,
Бар гирди саре чу як табақ гул.
Райён, ки Азизи Миср ӯ буд,
Чун ӯ ҳама кори ӯ накӯ буд.
Ӯ буд дар он замона номӣ,
Султони замонаро гиромӣ.
Комаш ба лабу даҳон расида,
Номаш ба ҳама ҷаҳон расида.
Соҳибхираде, ситудахӯе,
Дар Миср набуд ҳамчу ӯе.
Фармуд, ки халқи Миср яксар
Аз пиру ҷавону миру навкар
Рӯ карда раванд сӯи майдон,
Рӯбанд зи гард рӯи майдон.
Як-як паи хеш ҷо гузинанд,
Якбора ба ҷои худ нишинанд.
Худ низ ба шавкати тамоме
Бар шуд ба баландтар мақоме.

Молик ба ҳазор гиряи зор
Овард матои худ ба бозор.
Ҳарчанд нахост з-ӯ ҷудоӣ,
Дарсохт ба ҳикмати Худоӣ.
Юсуф ба саманде осмончеҳр
Шуд сохта чун бар Осмон Меҳр.
Чун Муштарияш амома бар сар,
Ҳамчун гулу лола ҷома дар бар.
Рух чун гулу дил чу ғунча пурхун,
Чун ғунчаву гул даруну берун.
Чун най қаду чун шакар даҳоне,
Пас баста чу найшакар миёне.
Он рӯю даҳон дар ӯ нуҳуфта,
Ин ғунчаву он гули шукуфта.
Ӯ чеҳрнамо чу як табақ гул,
Дар чеҳра арақ, чу дар арақ гул.
Чун ғунчаи танг ӯ сухан ронд,
Чун ғунча даҳони халқ во монд.
Чун наргиси ӯ зи гиря шуд тар,
Хун кард зи чашми мардумон сар.
Халқе чу бар ӯ назар кушода,
Аз даст шуда, зи по фитода.
В-аз дидани ӯ ба чашми бедор
Ҳайрон шуда ҳамчу нақши девор,
Ҳар к-он рухи меҳрфом дида,
Дил додаву меҳри ӯ харида.
Ин дидаи худ кашида ӯро,
Он рафта зи худ чу дида ӯро.
Чун чашми Азиз рӯйи ӯ дид,
В-он холу хати накӯйи ӯ дид,
Дар ҳайрати он ҳама накӯйӣ
Шуд маҳв чунон, ки мурд гӯйӣ.
Чун боз ба бӯи он хату хол
Омад ба худ он сипеҳри иқбол,
Дид он қади хушхирому ғаш кард,
Сар то қадамаш тамом х(в)аш кард.

Он моҳи тамомро ба сад дил
Шуд муштарии тамом ҳосил.
Он гоҳ мунодии суханвар
Бигрифт инони он суманбар.
Пас гуфт: – Кӣ хоҳад аз кеҳу меҳ
Моҳе, ки зи ҳар чӣ дидаӣ беҳ.
Симинбадане, саҳихироме,
Бас нозуку нозанин ғуломе.
Аз айб тиҳӣ тамом чун дур,
Чун моҳи тамом аз ҳунар пур.
Чун ғунча надида доманаш чок,
В-аз ҷумлаи айбҳо танаш пок.
Бо ин ҳама сурати накӯйе
Арзон-ст ба ҳар баҳо, ки гӯйӣ.
То ҳар писарест бе падар зор,
Н-омад писаре чунин ба бозор,
К-ӯ он ки ба хоҳиши тамоме
Меҷуст зи мо чунин ғуломе,
Инак, писаре зи сад парӣ беҳ,
Моҳе зи ҳазор Муштарӣ беҳ.
Юсуф чу шунид гуфтаи ӯ,
Шуд ғунча гули шукуфтаи ӯ.
Гуфташ, ки «Чунин магӯ, Худоро,
Ин хор ғуломи камбаҳоро.
Ин гӯ, ки ғуломакест ночиз,
Каҷдасти басе гурезпо низ.
Дар вай ҳама ҷо зи пой то даст
Ҳар айб ки нест, гуфтанӣ ҳаст.
Дурмондаи аз диёри худ дур,
Аз хешу табори хеш маҳҷур.
Биншаста ҳамеша тираву тор,
Пайваста ба меҳнате гирифтор.
Сад банда кас ар харида бошад,
Оҷизтар аз ин надида бошад».
Алқисса, ҳазор кас каму беш
Аз хоҷа гирифта то ба дарвеш

Он ҷони азизро, ки сад дил
Мебурд ба як назора ҳосил,
Хос аз паи як нуҳуфта дидор
Гаштанд ба ҷону дил харидор.
Аввал зи Яман хуҷастаноме,
К-аш буд чу гил зари тамоме,
Гуфто: – Диҳамаш, агар пазирӣ,
Ҳамсанги зари сафеду мирӣ.
Молик ба ҳадиси ӯ назад гӯш,
Кард, он чӣ шунид, ҳам фаромӯш.
З-он кас, ки шинохт гавҳар аз зар,
Арзон натавон харид гавҳар.
Аз мардуми Миср ҳам равоне
Бархост фариштафар ҷавоне.
Шуд пеш чу гул ба рӯи хандон,
Гуфто, ки «Манаш диҳам ду чандон».
Он гуфта дигар ба бод бар шуд,
З-он гуфта сухан зиёдатар шуд.
Аз сурхии лаъли ҷонфизояш
Охир зари сурх шуд баҳояш.
Райён чу матои ройгон дид,
Шуд пеш, чу суди худ дар он дид.
Ҳамсанги чунон дури гаронсанг,
К-аз гавҳари ноб доштӣ нанг.
Чун субҳи дувум ба зӯри бозу
Кард аз зари сурх пур тарозу
В-он гаҳ чу шабе пас аз зари хушк
Пур кард ду раҳ тарозу аз мушк.
Аз гавҳару лаъл то пашизе,
Аз ҳар чӣ ки дошт, дод чизе.
Ҳарчанд, ки муштарии он дур
Буданд чу халқи инсу ҷон пур.
Райён зи тамом бар сар омад,
Не чун дигарон ба сар даромад.
Чандон зари сурху мушки азфар
Овард, ки баргузашташ аз сар.

Халқе ғами суд ё зиён бурд,
Ӯ мояву суд аз миён бурд,
Яъне, ба зару ба зӯри бозу
Бурд он гуҳари гаронтарозу.
Чун бихраду кордон шумурдаш,
Бихриду ба сӯйи хона бурдаш.
Гӯянд, Азизро зи фарзанд
Абвоби мурод буд дар банд.
Гар ашҳаби ком дошт дар зин,
Лекин гаҳи ком буд иннин.
Онро, ки дили хирад басиҷ аст,
Нахле ки баре надод, ҳеҷ аст.
Деҳқон, ки барорад аз Замин зар,
Аз бех канад дарахти бебар.
Аз паҳлуи дур садаф азиз аст,
Чун дур набувад, садаф чӣ чиз аст?
Бе гавҳар кон чи кону чи хок?
Бе дона чи хӯшаву чи хошок?
Ҳарчанд зан орзунишон аст,
Бе меваи дил балои ҷон аст.
Суд ар зи ҷаве фуруд бошад,
Савдо зи барои суд бошад.
Райён чу харид он париро,
Он ғайрати Меҳру Муштариро,
Додаш ба тафаққуде, ки донӣ,
Сад гуна навиди меҳрубонӣ.
Бо хеш ба рӯи хон нишондаш,
Фарзанди азизи хеш хондаш.
Оре, чӣ, агар ғулом низ аст,
Фарзанд чу хондияш, азиз аст.
Дар хона чунон зане накӯ дошт,
К-ӯ ҷони худ аз барои ӯ дошт.
З-ин ғамза зани карашмасозе
Чун гул тару тоза сарвинозе,
Мӯйе чу кашида шохи сунбул,
Хандон даҳане чу ғунчаи гул.

Рӯйе, ки ситуда Офтобаш,
Чашме, ки надида кас ба хобаш.
Хуш симбаре, сумансурине,
Парварда ба ноз нозанине.
Парварда сурини симгунаш,
К-аз хирмани гул ниҳам фузунаш.
Кӯҳе ҳама лола, балки лӯълӯ
Овехта з-он миён ба як мӯ.
Чун ганҷи гуҳар гаронбаҳое,
Ганҷе, ки надида аждаҳое.
Чун ғабғаби ӯ касе надида,
Себи ба лабу даҳон расида.
Дар пой фиканда зулфи танноз,
По то сари ӯ карашмаву ноз.
Беҳ з-оби ҳаёт хандаи ӯ,
Ҳалвои набот бандаи ӯ.
Моҳи пуру холӣ аз табоҳӣ,
Носуфта дуре, чунонки хоҳӣ.
Бас чобуку нозуку шакархо,
Номаш сари чойгон Зулайхо.
Ҳамхоби Азиз буд чанде,
Лекин накушода ҳеҷ банде,
З-ӯ буд Азиз монда бе ком,
Ӯ низ набуд ҳам басе ром.
Қонеъ шуда з-ончунон нигоре,
Бечора ба бӯйеву каноре.
Рӯзе, ки маҳи чунон ягона
Овард тарабкунон ба хона,
Аввал чу яке хуҷаста фарзанд
Додаш ба дили шикаста пайванд.
В-он гоҳ ба он парӣ супурдаш,
Маҳ буд, ба Муштарӣ супурдаш,
К-ин зуҳраҷабин ғуломи маҳрӯй,
К-аз Зуҳраву Маҳ ҳамебарад гӯй,
Хубест, ки ҳеҷ бад надорад,
Моҳест, ки мисли х(в)ад надорад.

Мислаш, ки кам аз ҳазор Маҳ нест,
Дар хонаи ҳеҷ подшаҳ нест.
Дар пеш фиканда аз ҳаё сар,
Гӯйӣ, ки ҳаёст пой то сар.
Ҳарчанд, ки бандагист кораш,
Пок аст зи бандагӣ шумораш.
Ин бандагияш басандаам нест,
Фарзанди ман асту бандаам нест.
Бояд, ки азиз донӣ ӯро,
Фарзанди азиз хонӣ ӯро.
Ӯ зодаи як ситуда ройест,
Ин ҳусну ҷамоли ӯ зи ҷойест.
Ӯро ба ту месупорам имрӯз,
Кораш ба ту мегузорам имрӯз.
Озода шумору бод ромаш,
Чун зодаи худ кун эҳтиромаш.
Ҳам рӯзӣ аз ӯ накӯ бияндеш,
Нафъе бирасад ба мо каму беш.
Дар мазҳаби мардуми хирадманд
Мар бандаи нек беҳ зи фарзанд.
Фарзанди бад офате бузург аст,
Юсуф макунаш лақаб, ки гург аст.
Аз банда ҳазор ком ёбӣ,
В-аз вай алами тамом ёбӣ.
Ҳар банда чунин гузин набошад,
Аз сад яке инчунин набошад.
Юсуф на ки банда, подшаҳ буд,
Зебандаи тоҷу тахтгаҳ буд.
Чун дид зани Азиз чеҳраш,
Ӯ низ ба ҷон харид меҳраш.
Ҷояш дили хеш кард якчанд,
Медошт варо ба ҷои фарзанд.
Медидашу нури дида мегуфт,
Гард аз раҳи ӯ ба дида меруфт.
Месӯхт чу модарон барояш,
Мешуст ба дасти хеш пояш.

Ҷуз дидани ӯ ҳавас намекард,
Медид басеву бас намекард.
Як чашм задан гараш намедид,
В-аз талъати ӯ гуле намечид,
Медошт ба дил чӣ хор-хоре,
Чун монда зи гул ҷудо ҳазоре.
Худ ғофил аз он, ки охири кор
З-он гул халадаш ба пои дил хор.
Ҳам зуд, ки рӯйи тобнокаш
Оташ фиканад дар обу хокаш.
Чун сабзаи хатти ӯ занад сар,
Ошуфтагӣ аз сар оварад бар.
Сар карда чу тири тезпое
Ҳар дам ба сараш расад балое.
Чун қомати ӯ кашад сари ноз,
Бар вай чӣ қиёмате шавад боз?
Солаш чу ба чордаҳ дарояд,
В-он рӯи накӯ чу маҳ барояд.
Ӯ чун Маҳи нав зи бори дил хам
Ангуштнамо шавад ба олам,
Май нозада ҷом дар хум афтад,
Номаш ба даҳони мардум афтад.
Ин хонадаш аз занони зонӣ
Он таъна занад бар ӯ ниҳонӣ.
Кас ҷониби ӯ басе набинад,
Ҷуз сарзаниш аз касе набинад.
Алқисса, чу соли чор ё панҷ
Бурд он маҳи меҳрубон бар ӯ ранҷ.
Як лаҳза чу модар аз сари меҳр
Ғофил нанишаст аз он паричеҳр.
З-он гуна ба меҳри ӯ сухан ронд,
К-аш ҷони азизи хештан хонд.
В-он гоҳ, ки бадр шуд ҳилолаш,
Яъне, чу ду ҳафт гашт солаш,
Аз ғунча гулаш яке бурун шуд,
Сарваш сару гардане фузун шуд.

Шуд чун асари Ҳақ аз мазоҳир
Аз вай асари булуғ зоҳир.
Хубии вай аз ҳисоб бигзашт,
Дар хубӣ аз Офтоб бигзашт.
Он Маҳ чу ба дилбарӣ самар шуд,
Ҳоли дили он парӣ дигар шуд.
З-он шуъла, ки дар ҷигар фитодаш,
Дар сар ҳаваси дигар фитодаш.
Чун шаҳвати хуфта гашт бедор,
Шуд бандаи хешро харидор.
Ишқ омаду бар миён камар баст,
Иффат зи миёна рахт барбаст.
Шуд баҳри ҳавои нафси худком
Он номаи сарбамуҳр бадном.
Якбора зи даст рафт кораш,
Барҳамзада гашт рӯзгораш.
Оре, чӣ аҷаб, ки ишқи пурзӯр
Гаҳ талх кунад даҳон, гаҳе шӯр.
Ширин фиканад ба пойи дил қайд,
Шерони далерро кунад сайд.
Пайваста ба бедилон нишинад,
Девона кунад диле, ки бинад.
Чун оташи тезу саркаш аст ӯ,
Дилсӯхтаест, оташ аст ӯ.
Чандин дили бурда пеш дорад,
Сад куштаву мурда беш дорад.
Сад нақши аҷаб ба пардаи ӯст,
Сад хона харобкардаи ӯст.
Ғоратгари ақлу офати дил,
Девонакуни ҳазор оқил.
Бас хун, ки ба хок рехт аз бод,
Дар гардани ӯст хуни Фарҳод.
Ишқ аст, ки мекунад чунинҳо,
Аз ишқ аҷаб набошад инҳо.
Масъуд, хуш он замон, ки будат,
Ишқе, ки зи хеш мерабудат.

Ҷуз ишқ агарат набуд коре,
Коре дигарат набуд боре.
По то камарат набуд дар гил,
В-ин кӯҳи ғамат набуд дар дил.
Он гарчи намонд ҷовидонӣ,
Ин низ ба сар расад, чӣ донӣ?

## ШЕФТА ШУДАНИ ЗУЛАЙХО – МАҲБУБАИ АЗИЗИ МИСР БАР ҶАМОЛИ БОКАМОЛИ ЮСУФ ВА МАРОВАДАИ БИСЁР ДАР ИСТИДЪОИ ҲАРОМ ВА ИМТИНОЪУ САРКАШӢ НАМУДАНИ ОН ПОКИЗАГАВҲАР (АЛАЙҲИССАЛОМ)

Гӯяндаи базми ишқу мастӣ,
К-он аст давои худпарастӣ,
Созандаи арғунуни савдо
Ин нукта рақам зад аз Зулайхо,
К-он дам, ки зи дасти дидаву дил
Дар оташу об кард манзил,
Чун рафта зи дасти бедилӣ маст,
Дил дод ба меҳри Юсуф аз даст,
Аз хӯрдани ғам гирифт тобаш,
В-аз ёд бирафт хӯрду хобаш.
Домони дилаш зи даст во шуд,
Пироҳани исматаш қабо шуд.
Дину дили худ варо биҳил кард,
Ошиқ шуду тарки дину дил кард.
Чун ғунчаи лола бо дили танг
Зад шишаи ному нанг бар санг.
Шуд ҳар мижае чу сӯзани тез,
То дӯхт назар бар он диловез.
Шуд ҳар назараш зи гиря пурдур,
То рехт ба пойи он маҳи нур.
Чашмаш ҳама бар даҳони ӯ буд,
Дасташ ҳама дар миёни ӯ буд.
Мехост, ки аз маҳи тамоме
Гирад ба муроди хеш коме.

Дасте ба миёни кораш орад,
Бӯсад лабу дар канораш орад.
То даст диҳад чу мӯи пайваст,
Гирад камараш, магар кунад даст.
Бо дасту дили чунин ҳаваснок
Дар домани покаш афканад чок.
В-он покназар чу некномон
З-он кор ҳамекашид домон.
Чун ғунчаи тангдил бағоят
Мебуд гирифта з-он ҳикоят.
Ӯ гавҳари иштиёқ месуфт,
Ин масъалаи фироқ мегуфт.
Ӯ майли бару канор мекард,
Ин аз бари ӯ канор мекард.
Ӯ пеши худаш ба дида мехонд,
В-ин ашк чу хун зи дида меронд.
Ӯ буд чу оташе забонкаш,
В-ин об ҳамезадаш бар оташ.
Ӯ аз паи ин ду чашми ғаммоз
Мекард сияҳ ба сурмаи ноз.
Ин з-он ҳама ғунҷу ноз месӯхт,
Чашм аз рухи ӯ чу ғунча медӯхт.
Ӯ рӯй ба ишва ол месохт,
В-аз донаи мушк хол месохт.
В-ин холӣ аз ӯ зи ҳол мешуд,
В-аз шарм чу лола ол мешуд.
Як рӯз нишаста ҳар ду бо ҳам,
Мардум ҳама давру дар фароҳам.
Он ҳурнасаб бути паричеҳр
Рӯ кард ба Юсуф аз сари меҳр.
Гуфт:-Эй Маҳу Меҳр хоки поят
Ҷон бандаи лаъли дилрабоят.
Чашми ту накӯ ба фитнаҷӯйӣ,
Абрӯйи ту тоқ дар накӯйӣ.
Ин ҳамчу камонкашон хамида,
В-он ҳамчу ду оҳуи рамида.

То чанд чунин нажанд бошӣ?
Оҳуи рамида чанд бошӣ?
Ҳайф аст, ки он ду чашми майгун
Бошад ҳама дам зи гиря пурхун.
Ё он даҳане, ки мебарад ҳуш,
Пайваста бувад чу ғунча хомӯш.
Дастам ба миёни худ даровар,
Комам зи даҳони худ баровар.
Ҷони мани дилфигор бистон,
Як бӯса бидеҳ, ҳазор бистон.
Кори дили ман мадор дар банд,
З-ин беш дилам фигор мапсанд.
Юсуф чу ҳикояте чунин дид,
Чун Моҳ зи шарм дар Замин дид.
Мерехт арақ аз он дилафрӯз
Чун анҷум аз Осмон гаҳи рӯз.
Бехуд чу балабрасида ҷоне
Мерафт ба худ фурӯ замоне.
Бо худ гуҳаре нуҳуфта месуфт,
Бо он гуҳари насуфта мегуфт,
К-эй бонуи меҳрубон, Худоро
Озурда макун мани гадоро.
Ман худ чӣ бувам ба дидаи ту?
Як бандаи зархаридаи ту.
Чанд ориям аз хато ба фарёд,
Чанд аз хату холи ман кунӣ ёд?
Ин рӯ, ки ту хоҳӣ инчунинаш,
Фардост, ки ҷо шавад Заминаш.
В-ин дидаи зормонда ҳам зуд
Пажмурда шавад чу наргис аз худ.
В-ин абруи каҷ зи чашми мардум
Ҳам зуд шавад чу моҳи нав гум.
Ин хат, ки ту бинӣ аз хати пок,
Хоҳад чу бунафша рехт дар хок.
З-ин лаб, ки аз ӯст дар ту ин шӯр,
Наздики раҳест то лаби гӯр.

В-ин қад, ки аз ӯ шудат қабо чок,
Ҳам зуд фитад чу соя бар хок.
Хубии чу ман касе чӣ бошад?
Кас хуб бувад басе, чӣ бошад?
Ин дар аҷаб ар кушояд аз ман,
Коре, ки ба даст н-ояд аз ман,
Ман худ зи Азиз шармсорам,
К-андозаи шукри ӯ надорам.
Ин қисса, ки дархури баён нест,
Сад шукр, ки бар ту ҳам ниҳон нест.
Бо ҳамчу мане ба ҳар чӣ будаст,
Сад мардиву мардумӣ намудаст.
Хондаст ба лутфи худ азизам,
Фарзанд гирифтааст низам.
Охир ба чунин кас, эй дилафрӯз,
Ман чун кунам ин хиёнат имрӯз?
Имрӯз агар аз паи ту пӯям,
Фардо ба Худои худ чӣ гӯям?
Боз он санами шакарзабонон
Ҷононаи ҷону ҷони ҷонон
Чун ғунча, ки мекунад даҳан боз,
Бикшод лаби шакаршикан боз.
Гуфт:-Эй маҳи орамидаи ман,
Эй дидаву нури дидаи ман.
Гар ин ҳама шармат аз Азиз аст,
Ҷое, ки ту бошӣ, ӯ чӣ чиз аст ?
Ман як-ду-се қатра заҳри қотил,
К-оташ фиканад нуҳуфта дар дил,
Дар мекунам имшабу аз он май
З-он сон, ки на ҳеч пай барад вай,
Ҷоме бидиҳам лаболаб ӯро,
Ночиз кунам ҳам имшаб ӯро.
Юсуф чу яке шунид розаш,
Афрӯхта гашту гуфт бозаш,
К-ин кори бад аз ту х(в)ад наёяд,
Некӣ, зи ту кори бад наёяд.

Ин гарчи ки аз яқин нагӯӣ,
Беҳтар бувад, ар чунин нагӯӣ.
Шахс ар на ба худ залум бошад,
Кай пайрави нафси шум бошад.
Олуда масоз домани пок,
Дар дидаи деви нафс кун хок.
Талх аст шаробу шӯр беҳтар,
Шайтони раҷим кӯр беҳтар.
Андешаи бад бад оварад пеш,
Инҳо макун, аз Худо бияндеш.
Ин дард, ки худ даво надорад,
Донам, ки Худо раво надорад.
Аз нафси бад ар инон битобӣ,
Ҳар ком ки хоҳӣ, он биёбӣ.
В-ар сар назанӣ зи нафси кофар,
Аз нафси ту сад хатар занад сар.
То ёбӣ аз он хатар амоне,
По бар сари нафс неҳ замоне.
Аз ман тамаъи канор дорӣ,
З-он ин ҳама хор-хор дорӣ.
Ҷаҳл аст тамаъ, баҳона бигзор,
Андешаи ҷоҳилона бигзор.
Бар нафси ту, к-аш хирад имом аст,
Ҷуз шӯи ҳалоли ту ҳаром аст.
Рафтан паи деви нафс то кай?
Охир на қиёмтест дар пай?
Ҳарчанд, ки он ғариби танҳо
Мегуфт аз ин намат суханҳо,
Он хирмани гул ба бод мешуд,
Майлаш суи ӯ зиёд мешуд,
Медод на як замон амонаш,
Мехонд ба худ замон – замонаш.
Чун савсану гул ба он хушахлоқ
Гаҳ сина ҳаменамуду гаҳ соқ.
Рӯй аз ҳама рӯй сӯи ӯ дошт,
Пайваста назар ба рӯи ӯ дошт.

Дар кор ба орзуи ӯ буд,
Кораш ҳама гуфтугӯи ӯ буд.
Як дам чу сурохии пур аз май
Холӣ нагузоштӣ дил аз вай.
Дидӣ ҳама дам ниҳон даҳонаш,
Хондӣ ба даҳони ҷон ниҳонаш.
Гуфтӣ, ки ду чашми равшанӣ ту,
Ҷони ману дилбари манӣ ту.
Ту моҳи манӣ бад-ин накӯӣ,
Ман доҳи туам, ба ҳар чӣ гӯӣ.
Васли чу туе ба ҷон гарон нест,
Гар ҷон талабӣ, сухан дар он нест.
Сад ҷон на яке фидои ҷонат,
Ҷон чист, лаби ту ё даҳонат?
Ҷон аст лаби ту, ҷон барад з-он,
Рӯят дилу дин барад, лабат ҷон.
Абрӯи ту турфа дилрабоест,
Болои ту дилрабо балоест.
Чашми ту ду оҳуанд хуфта,
Рӯят ду чаман гули шукуфта.
Гирди ду лаби шакармисолат,
Ҷонест балабрасида холат.
Танҳо на рухат сазои зеб аст,
Сар то қадами ту дилфиреб аст.
Ман то зи ту коми худ наёбам,
Аз роҳи ту рӯй бар натобам.
Гирам, ки чу хоки раҳ шавам паст,
Домони ту кай гузорам аз даст.
Аз ноз ба ман даҳон макун боз,
Ҳарчанд ки метавон, макун ноз.
Донам, ки ту худ маҳи тамомӣ,
Сад подшаҳӣ, на як ғуломӣ.
Ман низ на он, ки хоки роҳам,
Гар нестам Офтоб, Моҳам.
Чун ман бути симтан кӣ дорад?
Носуфта дуре чу ман кӣ дорад?

Гар бо ту сари ниёз дорам,
Сад банда чу сарви ноз дорам.
Аз рашки даҳони ман ниҳонӣ,
Ҷон медиҳад оби зиндагонӣ.
Парвардаи меҳри анварам ман,
Ҳамшираи шаҳду шаккарам ман.
Сунбул нашунидааст бӯям,
Гул сер надидааст рӯям.
Ман сарву санавбарам саросар,
Бо ман нашавад парӣ баробар.
Сад банда чу Меҳру Моҳ дорам,
Чун Зуҳра ҳазор доҳ дорам.
Наргис чу ба чашми ман дарояд,
Гул кист, ки бо рухам барояд?
Меҳри ту маро чунин забун кард,
Лаъли ту дилам бибурду хун кард.
Мискин дили ман мушавваши туст,
Хункардаи лаъли дилкаши туст.
Хуни дили ман ҳамин ту хӯрдӣ,
Аз ман дилу дин ҳамин ту бурдӣ.
Ман майл ба кас басе надорам,
Ғайр аз ту сари касе надорам.
Рӯят, ки гарав зи Моҳ бурдаст,
З-ин гуна маро зи роҳ бурдаст.
Худ нест аҷаб, ки донӣ ин ҳам,
Кӯдак наӣ, охир, инчунин ҳам.
Афсонаи кӯдакона бигзор,
Комам бидеҳу баҳона бигзор.
Ҳар дам макун оташи маро тез,
Ҳар лаҳза баҳонае маянгез.
Ман худ, агарам ба лаб расад ҷон,
Як ҷон на азизи ман, ки сад ҷон.
Бо ин хату холу рӯи чун Моҳ
Дил барканам аз ту ҳошалиллоҳ.
Юсуф дигараш ба лафзи чун дур
Гуфто: – Макун, эй парӣ, дилам пур.

Чанд ин магасам зи реш ронӣ,
Чандам дилу ҷони хеш хонӣ.
Ман бандаи ту, на дил, на ҷонам,
Ҳарчанд ба ҳеҷ ҳам гаронам.
Бифрӯш маро ба ин гаронӣ,
Беҳтар зи мане бихар, ту донӣ.
Ин гуфту бурун давидаш аз пеш,
Рӯ кард ба кунҷи хонаи хеш.
Биншасту ба сони наргис аз ғам
Якдам наниҳод дида бар ҳам.
Бо хотири решу табъи вайрон
Сар пеш фиканд чун фақирон.
В-аз шавқи вай он нигори маҳрӯй
Меканд гаҳе канору гаҳ рӯй.
То бо ӯ рӯ ба рӯ намешуд,
Обаш ба гулӯ фурӯ намешуд.
Бас шаб, ки ҳаменишаст то рӯз
Дар ҳасрати он Маҳи шабафрӯз.
Чун наргису лола он гули ноб
Аз дидаву дил дар оташу об.
Сад гиряи синасӯз мекард,
То як шаби тира рӯз мекард.
З-ин гуна миёни гиряву сӯз
Мекард ба дарди дил шабе рӯз.

## ФУНУНИ ТАДБИР ВА МАШШОТАИ ЗУЛАЙХО ДАР БОБИ ТАЙСИРИ МУВОСИЛАТ ВА МУОШИРАТ БАЙНАҲУМО

Суратгари ин саҳифаи роз,
Ин нақш аҷаб чунин кунад соз.
Наққоши равоқи ин гулистон
Ин сурати хуш кашад ба дастон,
К-аз шавқи гули ҷамоли Юсуф,
В-аз ҳасрати хатту холи Юсуф
Охир, ки пас аз ҳазор найранг
Шуд рӯи зани Азиз беранг,

Рӯ кардаш аз он ғами ниҳонӣ,
Дар чеҳра нишони нотавонӣ.
Будаш паси парда дояи пир,
Бо мӯи саре сафед чун шир.
Чун шир шуда сафед мӯро,
В-он хуни сафед дода ӯро.
З-ин пирзане, ҷавонфиребе,
Огаҳ зи фарозу ҳар нишебе.
Фарҳодкуше, ки вақти талбис
Бастӣ ба финеб дасти Иблис.
Гар Зуҳра бихостӣ вурудаш,
Овардӣ аз Осмон фурудаш.
Золе, ки чу доми худ кушодӣ,
Симурғ ба доми ӯ фитодӣ.
Бо қомати чун камон хамида
Рафтӣ ба асо раҳе кашида.
Кардӣ чу зеҳ аз асо камонро,
Аз роҳ бибурдӣ Осмонро.
Даррафтӣ чун ба раг дарун хун,
Дар сурати беравон ба афсун.
Чун зулфи бутон ба рою тадбир
Бар оби равон ниҳода занҷир.
Дар сеҳри фариди ҳафт иқлим
Ҳорут аз ӯ гирифта таълим.
Чун дид, ки он паришамоил
Ҷое чу маҳи нав аст моил,
З-он зард шудаст рӯи олаш,
В-аз ҳол бигаштааст ҳолаш.
Мӯяш, ки кашида то миён аст,
Дарҳам шуда аз барои он аст.
Хам гашта миёни ӯ, ки мӯест,
Аз бори фироқи моҳрӯест.
Гуфташ: – Зи чӣ рӯ шуд, эй паричеҳр,
Рӯят чу гаҳи фурӯ шудан меҳр?
Чунат гули сурх тирагун шуд?
Ранг аз гули орази ту хун шуд?

Қад хам шуда чун маҳи нав аз чист?
Чашми ту фитода дар гав аз чист?
Чандин ба ҳавои кистӣ ту?
Ғамгин зи барои чистӣ ту?
Аз ман, ки туро яке канизам,
Ё дояи меҳрубон-т низам,
Ҳоли дили худ мапӯш, то ман
Хорат бикашам чу гул зи доман.
Гар пай барам, он чи дар дили туст,
Осон кунам, он чи мушкили туст.
В-он ҳурнасаб ба зории зор
Аз сина бигӯ, чӣ рехт, озор?
Гуфт: – Эй ту маро ба ҷои модар,
Худ сар кӣ кашад зи рои модар.
Шуд дасту дилам зи кори ғам паст,
Дарёб, ки рафт корам аз даст.
Дасте ба миёни корам овар,
З-ин варта суи канорам овар.
Бурдаст ба шеваву шамоил
Ин турфа ғуломи ибриям дил.
В-акнун, ки дилам зи даст бурдаст,
Пиндорад, ҳар кӣ ҳаст, мурдаст.
Ҳарчанд, ки сӯи ӯст рӯям,
Ӯ рӯй намекунад ба сӯям.
Гар ман биравам ба зорӣ аз ҳуш,
Ӯ зории ман намекунад гӯш.
Дар ҳар коре, чи саҳлу осон,
Бошад зи Худои худ ҳаросон.
Аз ман на каму на беш гӯяд,
Доим зи Худои хеш гӯяд.
Аз ҷо равад, ар манаш ба таскин
Гӯям, ки марав зи ҷову биншин.
Ҳарчанд, ки гашт оҳи ман гарм,
Мутлақ дили сахти ӯ шавад нарм.
Бад гуфт ба ҳар гуҳар, ки суфтам,
Дар вай нагирифт, ҳар чӣ гуфтам.

Як дам бари ман нагирад ором,
Алқисса, ки тавсанест бадром.
Чун доя шунид гуфтаи ӯ,
Донист ғами нуҳуфтаи ӯ.
Гуфт: – Эй гуҳари насуфтаи ман,
Як хона гули шукуфтаи ман.
Гар з-он, ки барои ман кунӣ кор,
Хору хасакат гул оварад бор.
Сайдат ҳама гирди дом гардад,
Оҳуи рамида ром гардад.
Боз он Маҳ аз ин фусунтирозӣ
Шуд тоза ба кори ишқбозӣ.
Дар ҳар чӣ, ки хост дояи пир,
Он нахли ҷавон накард тақсир.
Чун барг, ки рехт дар хазон бод,
Ҳар чиз, ки хост, беш аз он дод.
В-он дайрнишин аҷузи дерин
Шуд бар сари кор чусту ширин.
Афканд бинои хонаи чуст,
З-он гуна, ки гӯӣ аз Замин руст.
Чун тоқу равоқи хона шуд рост,
В-он гаҳ ба такаллуфаш биёрост.
Суратгари ончунон сабукдаст,
К-ӯ чиз надида нақш мебаст,
Оварду хамида кардаш аз мол,
Пас боз намуд сурати ҳол.
В-он ҳар ду ҳарифро ниҳонӣ
Бинмуд ба ӯ, чунон ки донӣ.
То сурати ҳар дуро паривор
Тасвир кунад ба рӯи девор.
В-он Монии сонӣ аз сари ҳуш
Як-як суханаш гирифт дар гӯш.
Монӣ чӣ, ки соҳире фусунсоз,
К-андар тани мурда орад овоз.
Соҳир на, ки турфа нақшбанде,
З-ӯ сурати даҳр нақш чанде.

Сурат, ки рақам кашидани ӯст,
Ҳам мағз дар ӯ аён-ст, ҳам пӯст.
Гар нақши парӣ кашад ба девор,
Он нақши парӣ пару паривор.
Ҳам сурати ӯ ба дида шинад,
Ҳам дидаи сураташ бубинад.
Хандад даҳане, ки ӯ кашидаст,
Хандон даҳане чунин кӣ дидаст?
Суратгаре инчунин ҳунарманд,
К-аз нӯки найи қалам кунад қанд,
Аз мӯйқалам кунад даҳоне,
К-аш як сари мӯ беҳ аз ҷаҳоне.
Чун сурати ҳол кард маълум,
З-он гуна, ки нақши хотам аз мум,
З-он ҳол, ки шуд бар ӯ падидор,
Ҳайрон шуду кард рӯ ба девор.
Аз сурати он ду ҳамтарона
Орост чаҳор рукни хона.
Як сӯй чунон ки он ду гулчеҳр
Буданд нишаста чун Моҳу Меҳр.
Ин чун Маҳи нав кушода оғӯш,
Бархӯрда яке аз он бару дӯш.
В-он танг нишаста рӯбарӯяш,
Дар гардани худ фиканда мӯяш.
Чун бода ба шиша соф дар соф,
Бикшода зи рӯи сина то ноф.
Сӯи дигар ончунон ки Моҳе
Дар хоб бувад ба базмгоҳе.
Ё симтане ба сад таҷаммул
Бар бистари ӯ фитода чун гул.
З-ӯ хубтаре бараш нишаста,
Дар бар рухи хубу зишт баста.
Оварда зи мӯза по бурунаш,
Рӯ суда ба соқи симгунаш.
Сад бӯса зи шаккараш гирифта,
Бӯсидаву дар бараш гирифта.

Сӯи дигар он ду ҳурпайкар,
Рӯ карда ба ҳам чу ширу шаккар.
Ин карда канори худ маконаш,
Печида чу мӯй бар миёнаш.
Он як зада бӯсае лабашро,
Дар мушт гирифта ғабғабашро.
Ин банди қабои ӯ кушода,
Пас ҳамчу қабо дар ӯ фитода.
Як сӯй фиканда бистаре нағз,
Бар бистар хуфта духтари нағз.
Духтар чӣ, ки хирмани гули тар,
Сар то қадамаш зи гул накӯтар.
Юсуф на, яке кашида сарве
Бар синаи он чунон тазарве.
Часфида чу як гурусна шаҳбоз,
Аз бозу карда болҳо боз.
Он тозаву тар хуҷаста бону
Аз фарқ бараҳна то ба зону.
Чун боғи пур аз гули шукуфта
Дар баставу боғбон-ш хуфта.
Ин як зи паи бару висоле
Биншонда ба боғи ӯ ниҳоле.
Хуш танг ба бар гирифта ӯро,
Бар карда ниҳоли орзуро.
Ӯ карда ду пои худ ба сад ноз
Монанди ду пои ломалиф боз.
Чун ҳалқаи лом алиф намуда,
Ин як алифе дар ӯ фузуда.
Ӯ ломалиф ба сурати ҳол,
Ин бар забараш хамида чун дол.
З-он хам шуда қадди ошиқона,
Тир омада рост бар нишона.
То хам накунад камон рагу пай,
Тираш ба нишона кай расад, кай?
Наққош чу хонае чунон хуб
Орост ба чанд ваҷҳи марғуб,

Шуд дояву з-он бино, ки бар кард,
Мар бонуи хешро хабар кард.
В-он ҳурнасаб чу дид кораш,
В-он тоза бинои устувораш,
Нек омадаш он бино, ки шояд
З-он хона варо даре кушояд.
Ҳар гӯша зи худ нишонае дид,
Пурнақшу нигор хонае дид.
Алқисса, ба ҳар тараф, ки рӯ кард,
Он дид, ки вақти орзу кард.
Ҳар сӯй, ки боз кард дидор,
Шуд шаҳвати нимхуфта бедор.
Ҳар гӯша, ки чашм боз мекард,
Мерехт ниёзу ноз мекард.
Худро чу замони навҷавонӣ
Медид ба коми худ замоне.
Оре, ки ҷавонӣ он замон аст,
К-аз ранҷи замона дар амон аст.
Чун шарҳи шабобу шайб гуфтанд,
Пириву ҳазор айб гуфтанд.
Пирӣ на зи қисми зиндагонист,
Алқисса, ки зиндагӣ ҷавонист.
Табъест тарабфизо ҷавонро,
Чун пир шавӣ, бидонӣ онро.
Боре чу шуд он паришамоил
З-он сон ба хаёли ёр моил,
Шуд дояву ёри дилбарашро,
В-он тозаниҳоли бебарашро,
Овард равон ба ҳар баҳона
Чун сарви равон ба нақши хона.
Пас худ зи миёна рахт барбаст,
Як-як дари хона низ дарбаст.
В-он зуҳраҷабини муштаричеҳр
Моҳе чӣ, ҳазор Моҳу сад Меҳр.
Даршуд, чу ба хона дид Моҳе
Биншаста ба рӯи хобгоҳе.

Пӯшида чу гул ба сад хаму печ,
Як пираҳани тунук, дигар ҳеч.
Чун чашм ба рӯи ӯ фитодаш,
Аз шарм арақ зи рӯ кушодаш.
З-он шарм чу тофт рӯ паривор,
Яъне, ки чу кард рӯ ба девор,
Он рӯву лаби шакарфишон дид,
Ҳар сӯй, ки кард рӯ, ҳамон дид.
З-он ҳол, ки омадаш дигар пеш,
Шарманда шуду фиканд сар пеш.
В-он пешнишини хубрӯён,
Тоҷ омада бар сари накӯён.
Бигрифт миён зи рӯи нозаш,
То рӯй бар ӯ нишонд бозаш.
Гуфташ: «Пас аз ин макун дуруштӣ,
Бо куштаи худ магир куштӣ».
Ман худ ба ду чашми ҳақпарастат,
К-аз пой фитодаам зи дастат.
То як нафасе ту хуш баройӣ,
Оростаам чунин саройе.
Худ ҳамчу шукуфаӣ, ки хушбӯст,
Баҳри ту бурун фитодам аз пӯст.
Инак, бари ҳамчу сими ман бин,
Як баста пури гулу суман бин.
Кас нест ба дар, басе маяндеш,
Дар бастаам, аз касе маяндеш.
Юсуф дигараш ба тозарӯӣ
Гуфт:-Эй гули гулшани накӯӣ,
Гуфтӣ, ки ба хона ҳеҷ кас нест,
Ин хонахудо, ки ҳаст, бас нест?
Худ чашм бидӯхтӣ касонро,
Охир на Худо бубинад онро.
Кай он ки ғами нуҳуфта донад,
Ин сурат аз ӯ нуҳуфта монад.
Ӯ ҳозиру марг дар камин аст,
Метарсам аз ӯ, сухан ҳамин аст.

Боз он бути дилзидастдода,
Не, не, бути бутпарастзода
Гуфт: – Эй шаби тираи маро нур,
Бодо зи шаби ту тирагӣ дур!
Гар худ ту ба ҳамчу кори осон
Ҳастӣ зи Худои худ ҳаросон,
Ман ҳар чӣ, ки дорам аз каму беш,
Пеши ту кашам ба дидаи хеш,
То он ҳамаро ба узри ин ҳарф
Дар роҳи Худои худ кунӣ сарф.
Ман ҳам ба ҳамон Худо, ки ҷӯӣ,
Имон орам, чунонки гӯӣ.
В-ар нашнавӣ ин фиғони зорам,
Як ғам накунӣ кам аз ҳазорам,
Ман низ накарда ҳеҷ парҳез,
Худро бикушам ба ханҷари тез.
Ин гуфту равон зи зери бистар
Бардошт яке кашида ханҷар,
То синаи хеш чок созад,
Худро ба ситам ҳалок созад.
Чун Юсуф сурате чунон дид,
Шуд нарм, ки маслиҳат дар он дид.
З-он нийяти хайру шарти имон
Шуд з-он ҳама саркашӣ пушаймон.
Зад дасту кашид теғаш аз даст,
Хуш даст ба дасти дил дар ӯ баст.
Чун хост, ки сӯи ӯ гарояд,
Як раҳ зи дилаш гиреҳ кушояд.
З-он сарв баре хурад ниҳонӣ,
Дар бар кашадаш, чунонки донӣ.
Ногаҳ бишикофт ганҷхона,
Дасте бинамуд аз он миёна.
Дар даст хате ба зар навишта,
Як роҳату сад хатар навишта,
К-охир ба фиреби нафси маккор
Аз роҳ бирафтӣ, эй накӯкор.

Ин кор на кори аҳли дин аст,
Коре, ки наёяд аз ту, ин аст.
Дигар ба Худои хеш рӯ кун,
Рӯй аз ҳама рӯй сӯи ӯ кун.
З-ин кор, ки нест кори мардон,
Гар мардӣ раҳӣ, инон бигардон.
Юсуф ба хате чунин, ки бархонд,
Печиду ба кори хеш дармонд.
Нокарда ҳанӯз қатъи манзил,
Печид инони тавсани дил.
Норафта рутаб ҳанӯз дар шир,
Шуд сер дилаш аз он задугир.
Аз бими Худои ғайбдонаш
Афтод навола аз даҳонаш.
Дигар ба ҳазор аҳду савганд
Хондаш ба худ он наволаи қанд,
К-ин ҷоми балабрасида аз даст
Бигзорам агар, сарам шавад паст.
Оре, ки на оби теғ бошад,
Аз ташна чаро дареғ бошад.
Ман ташна чу оби зиндагонӣ,
Тар соз лабам, чунонки донӣ.
З-ин обам агар ту рад кунӣ хост,
Он ханҷари обдор барҷост.
Боз он шаҳи офтобпайкар,
Не,не, ки зи Офтоб беҳтар
Кард олати кори ӯ зи сар соз,
Шуд бар сари кори хештан боз.
Боз аз тарафе дигар аён шуд,
Хатте, ки хаёл ғайри он шуд.
Чун як – ду – се навбат он маҳи бадр,
К-аз Зуҳраву Маҳ фузуда дар қадр.
Чун Маҳ, ки ба Зуҳра гашт моил,
Шуд моили он паришамоил,
То хост, ки коми ӯ барорад,
Бархезаду сар бар ӯ дарорад.

Шуд воқеае зи ғайб зоҳир,
К-ӯро дил аз он рамид охир.
Охир, ки ба саъйи нафси маккор
Аз даст бихост рафтанаш кор.
Омад малаке ба шакли Яъқуб,
Яъне, ки ба сурате аҷаб хуб.
Чун писта гаҳе, ки ҳаст хандон,
Ангушти шаҳодаташ ба дандон.
Гуфташ, ки зи ман намекунӣ шарм,
Ё худ зи Худо надорӣ озарм?
Тарсам кунаду набошадаш бок,
Номи ту зи лавҳи анбиё пок.
Кардӣ паи як канору оғӯш
Ҷанноти наъимро фаромӯш.
Охир, падари туам мани зор,
Эй ҷони падар, маро маёзор.
Аз худ мақисанд ноумедам,
Бингар ба маҳосини сафедам.
Дур аз ману ту зи ҷаннату ҳур
Бошанд зинокунандагон дур.
Гуфтам ба ту шарҳи кор, гуфтам,
Ин кор макун, ду бор гуфтам.
То ман нашавам ба зории зор
Аз кори ту зору аз ту безор.
Юсуф чу шуниду дид ҳарду,
Норафта яке ҳанӯз дар ту.
Он гуфта яке дар ӯ асар кард,
Аз ҷой биҷасту рӯ ба дар кард.
З-он роҳ, ки ӯ фароз мешуд,
Дарҳои фирор боз мешуд.
Ӯ чеҳра зи шарм карда пурхай,
Меҷасту зани Азиз дар пай.
Чун хост ба дар расид пояш,
Он як бирасид аз қафояш.
То дом шавад ба гардани ӯ,
Зад дасту гирифт домани ӯ.

Дар домани поки он гули пок
Афканд чу дар қабои гул чок.
Гӯянд, дар ин миёна аз дар
Сар кард Азизу шуд мукаддар.
Ин ҳол чу шуд бар ӯ ҳувайдо,
В-он сирри нуҳуфта гашт пайдо.
Бардошт фиғон зани Азизаш,
Сад нуктаи талх гуфт низаш,
К-ин бандаи баргузидаи ту,
Не банда, ки нури дидаи ту.
Бо он ки манаш дигар чу фарзанд
Кардам бари хеш ҷо яке чанд.
Ҳам ҳамдаму ҳамзабон-ш будам,
Ҳам модари меҳрубон-ш будам.
Имрӯз нуҳуфта қасди ман кард,
В-он хост, ки хост, то сухан кард.
Хоҳам ба дили ман, эй дилафрӯз,
Ӯро ба сазо расонӣ имрӯз.
Донам, ки ҷазои ӯст, донӣ,
Зиндону азоби ҷовидонӣ.
Пас гашт Азиз аз ин ҳикоят
Ошуфтаву хашмгин бағоят.
Дартоб шуда чу мӯи Юсуф,
Рӯ карда зи хашм сӯи Юсуф.
Юсуф зи дурӯғи ончунон гарм
Дар обу арақ фурӯ шуд аз шарм.
Дил тобеъи ростӣ шуд ӯро,
Бикшод забони ростгӯро.
Гуфташ сухане, ки бефурӯғ аст,
Гар дар паи он равӣ, дурӯғ аст.
Ин қисса, ки бо ту рӯ ба рӯ шуд,
Ҳаққо, ки зи ман нашуд, аз ӯ шуд.
Ман майл накардаам ба сӯяш,
Пайваста надидаам ба рӯяш.
Доим ба ду дида ашкрезон
З-ин воқеа будаам гурезон.

Сад нуктаи чун дур аз сари ҳуш
Ӯ гуфтаву ман накардаам гӯш.
Чун домани ғунча доманам чок
З-он аст, ки ҳастам аз гунаҳ пок.
Пас кард ба ҷониби Худо рӯй,
Бикшод ду даст чун дуогӯй,
К-эй аз ҳама гуна роз огоҳ,
Пеши ту яке пиёдаву шоҳ.
Асрори даруни парда донӣ,
Ҳам кардаву ҳам накарда донӣ.
Дар кори чунин ниҳон гуноҳе
Ку мисли ту кордон гувоҳе?
З-ин рози нуҳуфта парда бардор,
В-ин пардаи каҷ нуҳуфта магзор.
Эй ҳам шунаво ту, ҳам ту бино,
Бино ба ту чашми чархи мино.
З-ӯ ҳар чӣ шунидаӣ, баён кун,
В-аз ман чӣ ки дидаӣ, аён кун.
Гӯянд, ки ҳам зи аҳли эшон
В-аз ҷумлаи ақрабову хешон
Як тифли чу ғунча ношукуфта
Дар маҳд чу ғунча буд хуфта.
Як солу ду моҳ гашта рӯзаш,
Олуда ба шир лаб ҳанӯзаш.
Чун сиюдусолае ба тамкин
Бикшод равон лабони ширин.
Шуд ҳам ба бадеҳа ҳамчу ӯе,
Аз сунъи Худо бадеҳагӯе.
В-он гаҳ ба Азиз гуфт, к-ин роз
Ман фош кунам, ту гӯш кун боз.
Ин домани чок агарчи пок аст,
Бингар зи кадом сӯй чок аст.
Гар чок зи пеш бошад онро,
Бошад гунаҳ ин накӯ ҷавонро.
Яъне, ки чу пора бошад аз пеш,
Ҷурми писар аст порае беш.

В-ар худ зи пас аст доманаш чок,
Домони вай аз гунаҳ бувад пок.
В-ин ҳол, ки бар ту шуд ҳувайдо,
Гирад ҳама домани Зулайхо.
Райён чу каромате чунон дид,
Не, не, ки қиёмате аён дид,
Донист, ки Юсуфи паричеҳр
Пок аст аз он гуноҳ чун Меҳр.
В-он рози ниҳон зи мағз то пӯст
Ангехтаи азизаи ӯст.
Гуфташ, ки ман ин фусунтирозӣ
Донам,ки ба дасти туст бозӣ.
Ин бозии зери пардаи туст,
Бозӣ накунам, ки кардаи туст.
Ин карда, ки маҳз хавфу бим аст,
Макри туву макри зан азим аст.
Бишнав зи ман инчунин, макун беш,
Бехуд машав аз Худо, бияндеш.
Пас гуфт ба Юсуфи паричеҳр,
Не аз сари хашм, аз сари меҳр,
К-ин нукта, ки нест мағзи ӯ нағз,
Дар пӯст нуҳуфта дор чун мағз.
З-ин сирри нуҳуфта бош хомӯш,
Ин кор набуду шуд фаромӯш.
Лекин ба тариқае ҳам охир
Он рози нуҳуфта гашт зоҳир.
З-он фитна, ки нафси фитнагар кард,
Шайтон ҳама шаҳрро хабар кард.
Сирре, ки шуд аз ду лаб фаропеш,
Рӯзе ду ниҳон бувад каму беш.
Рӯзе, ки ду лаб шавад ба он боз,
Мушкил, ки нуҳуфта монад он роз.
Хоҳӣ, ки бади ту во нагӯянд,
Бадкор мабош, то нагӯянд.
Хоҳӣ, ки нуҳуфта монад асрор,
В-он гоҳ дар он намоӣ исрор.

Душман, ки накарда айб ҷӯяд,
Чун кардиву дид, пас, чӣ гӯяд?
Оташ ба миёни хас маяфкан,
Худро ба забони кас маяфкан.
Дар раҳгузари баҳона маншин,
Яъне, ки бар остона маншин.
Масъуд, дигар чӣ соз кардӣ?
Бас кун, ки сухан дароз кардӣ.
Кас ҳикмати неку бад надонад,
Донад якеву дусад надонад,
Дам даркашу тарки ин нафас кун,
Неку бади худ бубину бас кун.

## ҶАМЪ СОХТАНИ ЗУЛАЙХО ХАВОТИНИ МИСРРО БА РАСМИ ЗИЁФАТ ВА АРЗ КАРДАНИ ЮСУФ ДАР НАЗАРИ ОН ГУРӮҲ ВА ДАСТ БУРИДАНИ ЭШОН БА ҶОИ НОРАНҶ ДАР БЕХУДИИ НАЗЗОРАИ ОН ҶАМОЛИ ПУРОФАТ

Ҳақ азза ва ҷал ҳакими мутлақ
Дар ҳикмату ҳукм ҳар ду барҳақ.
Ҳукмаш ба тариқи ҳикмат аз пеш
Кардаст ҳисоби ҳар каму беш.
Ҳар бешу каме, ки ӯ расонад,
Сирри каму беши он кӣ донад?
То ҳикмати ӯ чӣ иқтизо кард,
Он карду ҳавола бо қазо кард.
Дар ҳар вараќе зи зулмату нур
Сад нуктаи ҳикмат аст мастур.
Дарбастагӣ аст растагорӣ,
Меъроҷи азизӣ аст хорӣ.
Он, к-ин ҳама нақшҳо кунад соз,
Ҳар дар, ки бубаст, во кунад боз.
Рӯзе ба карашма дилфурӯзе
Гуфт: «Аз паи ҳар шабест рӯзе».
Гул в-он ҳама рангу бӯ, ки дорад,
В-он гуна рухи накӯ, ки дорад,

Якчанд чу ғунча тангдил буд,
Вомонда миёни обу гил буд,
То з-он гилу об сар бурун кард,
Даврон-ш пиёла пур зи хун кард.
Ҳам хор шуд аз ҳаво тани ӯ,
Ҳам хор гирифт домани ӯ.
Алҳақ, ки насохт ҳеҷ коре,
То бору бараш насӯхт боре.
Чун сӯхт, баҳои худ фузун сохт,
Он сӯхтанаш бубин, ки чун сохт.
Сиҳҳат, ки мулозими ҷавонист,
Баъд аз шаби тор нотавонист.
Роҳат ғаразест даври беранҷ,
Оре, ба хароба – дар бувад ганҷ.
Озодиву бандагӣ яке нест,
Лек аз паи ҳам бувад, шаке нест.
Ҷоҳил бувад аз алам ҳаросон,
Осонии муфт нест осон.
Алқисса, ки қиссаи Зулайхо,
З-он рӯз, ки шуд чу рӯз пайдо,
Афтод ба шаҳр гуфтугӯе,
Бад шуҳра гирифт хубрӯе.
Сад даст забон-ш дар дам афтод,
Дар дасти забони мардум афтод.
З-он роз забон кушода ногоҳ,
Гаштанд занони Миср огоҳ.
Пас таъназанон аз он ҳикоят
Карданд ягон-ягон шикоят.
То чашм ба ину он кушоданд,
Дар ғайбати ӯ забон кушоданд.
З-он сар, ки забон расондаш аз ғайб,
Карданд варо ба сад забон айб.
Гуфтанд: «Чунин зане кӣ дидаст?
К-ӯ пардаи худ чунин даридаст?»
Пухтаст ба худ хаёли хоме,
Ошиқ шудааст бар ғуломе.
Ӯ ҳаст чу ашк аз ин гурезон,
Ин аз паи ӯст ашкрезон.

Ӯ ҷаста чу бод бо дами сард,
Ин дар паи ӯ фитода чун гард.
Гӯям, зи Худо надорад озарм,
В-аз шавҳари худ намекунад шарм.
З-он қисса, ки ҳар тараф самар шуд,
Мар соҳиби қиссаро хабар шуд,
Алқисса, тамоми Миср аз он кор
Бар чашми зани Азиз шуд хор.
Чун мунфаъилон фиканд сар пеш,
Шуд мунфаъил аз ҳикояти хеш.
Як рӯз ба узри он ҳикоят
Орост нишемане бағоят.
Базме чу биҳишти ҷовидонӣ,
Пеши ҳама беш аз он, ки донӣ.
Чун ҳуққа, ки пур кунандаш аз дур,
Аз зинату зеб оламе пур.
Орост чу инчунин сарое,
Ороста чун биҳишт ҷое,
Он гоҳ чиҳил зани ситуда,
Ҳам кӯчаку ҳам бузург буда,
Аз хонаи мардумони номӣ,
Дар дидаи мардумон гиромӣ,
Овард чу икд дар баробар,
Биншонд зи садри суфра то дар.
Аз Маҳ қадаҳ, аз сипеҳр хон кард,
Ҳар чиз, ки бояд, ончунон кард.
Овард ба ҷо чунонки донӣ
Як-як ҳама расми мизбонӣ.
Чун суфра зи пеш баргирифтанд,
Дар пеш раҳе дигар гирифтанд.
Доданд ба дасти ҳар диловез
Норанҷеву газлаке аҷаб тез.
То пора кунанду обаш аз бар,
Чун оби зар аз пиёлаи зар,
Нӯшанду ҳарорате нишонанд,
Обе, ки бар оташе фишонанд.
Он сафзада лолаҳои ҳамро
З-он об кунанд дафъи сафро.

Гӯянд, ки ҳам дар ин миёна
Он чорда шаб Маҳи ягона
Юсуф, ки зи Моҳу Меҳр беҳ буд,
Дар мартаба аз сипеҳр беҳ буд,
Ӯ буд диле ба ҷон сиришта,
Дар сурати одамӣ фаришта.
Меҳр аз рухи ӯ чу гашт оҷиз,
Маҳ даҳяки ӯ набуд ҳаргиз.
Ороста шуд чу гул ба дебо,
Он низ ба гуфтаи Зулайхо.
В-арна набувад фариштаро зеб,
Сер аст маҳ аз шукуфаи себ.
Хуршед, ки гавҳари мунир аст,
Бе зинату зеб дилпазир аст.
Гӯянд, ки сабза паст некӯст,
Ҳар чиз чунончи ҳаст, некӯст.
Тобандаву равшан аст ҷовид
Бе равғани кас чароғи Хуршед.
Гул гарчи ки зинаташ басе нест,
Муҳтоҷ ба зинати касе нест.
Дур аст зи соқи арш халхол,
Холист Маҳи пур аз хату хол.
Бас пираҳане гули тариро
Зинат пари худ бувад париро.
Боре чу маҳе бидон накӯӣ
Зебанда ба ҳар сифат, ки гуӣ.
Чун сарви саҳӣ, вале хиромон
Омад бари он хуҷистаномон.
Шарманда зи саргузаштаи хеш,
В-аз шарм саре фиканда дар пеш.
Хубӣ, ки гул аз рухаш барад ранг,
Аз хубии хеш монда дилтанг.
Дар ҳар лаби ӯ нуҳуфта, гӯӣ,
Сад гуна шикоят аз накӯӣ.
Оре, ба ҷиёси гавҳару сим
Колои ситударо бувад бим.
Ҳарчанд, ки бад зи ҳад бувад беш,
Дар некон чашми бад расад беш.

Он чашм, ки нек айбнок аст,
Аз айб расиданаш чӣ бок аст?
Ҳаргиз набувад гуле чу қоқум,
Бар чиз накӯст чашми мардум.
Чун дидаи он гурӯҳи дилҷӯ
Афтод ба рӯи он парирӯ,
Аз ҳайрати он ду лаъли хомӯш
Карданд худии худ фаромӯш.
Мижгони чу теғи ӯ, ки диданд,
Як-як ҳама дасти худ буриданд.
Карданд зи бехудӣ, на аз ғанҷ
Он сарвқадон ба ҷои норанҷ
Мар панҷаи худ ба як назора
Чун панҷаи сарв пора-пора.
Азбаски зи дасти пора хун рафт,
Норанҷ зи дасташон бурун рафт,
Он хуни равон зи ҷӯ фузун шуд,
Норанҷ ҳубоби ҷӯи хун шуд.
З-он дасти баланди ҷамъи дилхоҳ
Ҳар кас, ки бидид рӯи он Моҳ,
Аз даст бирафт чун яке маст,
Дил хун шуду рафт он ҳам аз даст.
Дар пои гуле чу сарви дилҷӯй
Карданд зи хуни дасти худ ҷӯй.
Бо дасте пора з-он назора
Рафтанд зи даст пора-пора.
Диданд равон чу қадди он Моҳ,
Гуфтанд равон, ки ҳошалиллоҳ.
Ин нест башар, яке фаришта-ст,
В-аз ҷавҳари ҷону дил сиришта-ст.
Набвад башар, инчунин яқин аст,
Илло малакулкарим ин аст.
Ин ҷуз дили ҷону ҷони дил нест,
Ин ҷону дил аст, обу гил нест.
Чун дид зани Азиз, к-аз даст
Рафтанд занон чу мардуми маст,
З-он даст буридани аҷаб тез
Бас тез ғамин шуд он диловез.

Ҳам кор зи ғам ба ҷон расидаш,
Ҳам корд ба устухон расидаш.
З-он кор ҳам андаке барошуфт,
В-ошуфта касони хешро гуфт,
К-эй дастбуридагони дилреш,
Дасте биниҳед дар дили хеш.
Зӯр аст намудан ин қадар шӯр
Бо худ кӣ кунад ба дасти худ зӯр?
Охир на, ки ин ҳамон ғулом аст,
К-афтода дили манаш ба дом аст.
Гар з-он, ки ба муддате кашида,
Ӯ бурд зи ман дили рамида,
Ё ман ба фиреби нафси бадром
Пухтам ҳавасе барои худ хом.
Ё ӯ паи ман гирифт, ё ман
Дар пой фитодамаш чу доман.
Якбора шудам зи дасти ӯ маст,
Дар домани ӯ яке задам даст.
Кардед шумо ба ин ҳикоят
Аз ман бари ҳар касе шикоят.
Дар ғайбати ман бад-ин баҳона
Гуфтед нуҳуфта сад баҳона.
Сад гавҳари обдор суфтед,
Нодида яке ҳазор гуфтед.
Ё аз сари хашм ё ба тибат
Кардед маро ҳазор ғайбат.
Аз дасти шумо шудам мани зор
Ангуштнамои кӯю бозор.
То инак аз он ду лаъли чун нӯш
Рафтед ба як назора аз ҳуш.
Бехуд шуда дил зи даст додед,
Хун аз дилу дасти худ кушодед.
Кардед аён ба як назора
Дасту дили хеш пора-пора.
Як дидани ӯ қароратон бурд,
Мансубаву даҳ ҳазоратон бурд.
Ку он ҳама даъвии накӯйӣ?
Худ некӯӣ он набуд, гӯйӣ.

Ё худ зи шумо накӯст инҳо,
В-аз ман баду бад бувад чунинҳо.
Ман худ нашудам чунин ҳам аз даст,
Ошиқ будам, на бехуду маст.
Гардид ба як нуҳуфта корам
Исботи ҳазор айбу орам.
В-имрӯз ба боди нафси ношод
Гардид ҳамон, ки шарматон бод!
В-он ҷумла зи шарми кардаи хеш
Афканда ба пеши ӯ саре пеш.
Як-як ба ҷазои он табоҳӣ
Карданд ҳазор узрхоҳӣ.
Гуфтанд, ки рост гуфтӣ, эй дӯст,
Мағзест ниҳон миёни ҳар пӯст.
Ҳар ғунча, ки рӯ нуҳуфта дорад,
Дар парда гуле шукуфта дорад.
Мо сурати ин ҷавон надида,
В-ин дидаи нотавон надида,
Аз кори ту дилфигор будем,
Инкоркунон ба кор будем.
Акнун, ки дар ин шукуфта гулшан
Дидем, ҳисоб гашт равшан.
Ҳақ кардӣ, агар гирифтияш дӯст,
Худ кист, бигӯ, ки душмани ӯст?
Ҳар кас, ки бубинад он шамоил,
Гардад ба ҳазор ваҷҳ моил.
Чун ӯ набувад ба ҳеҷ рӯйе,
Дил чун наравад ба ҳамчу ӯйе?
Ҳар сар, ки аз ӯ дареғ бошад,
Алҳақ, ки сазои теғ бошад.
Мо аз ту дар ин хилофкорӣ
Дорем ҳазор шармсорӣ.
Гар з-он, ки дили ту медиҳад бор,
То мо бари ӯ равем як бор.
Аз қавли туаш диле биҷӯем,
Бо ӯ ду ҳикояте бигӯем.
Гӯем сухан, чунонки шояд,
Шояд, ки чунон шавад, ки бояд.

Пас панҷ зан аз миёни эшон
Ҷамъ омада бо дили парешон,
Ғофил зи ҷазои онҷаҳонӣ,
Рафтанд ба гӯшаи ниҳоне.
В-он Юсуфи Мисри ақлу ҷонро
В-он ҷони азиз ину онро
Хонданду ба дида барнишонданд,
Гоҳаш дилу гоҳ дида хонданд.
Як-як ба ба дилу даме пурозар
Гуфтанд, ки: – Эй азизи модар,
То чанд чунин ниҳону пайдо
Аз шавқи ту хун хурад Зулайхо?
То чанд зи дида ашк ронад,
Чанд аз паят ашки худ давонад?
То кай ба умеди субҳи дидор
Бошад ҳама шаб чу шамъ бедор?
Оре, ту ҳазор сарви нозӣ,
В-аз нозу ниёз бениёзӣ.
Лекин яке он рухи накӯ бин,
Дар нози худу ниёзи ӯ бин.
Бингар, ки чӣ сон ба домӣ ӯро,
Гар банда наӣ, ғуломи ӯро.
Ӯ худ ба ниёз нест ночиз,
Охир, на ҳадест нозро низ?!
Чанд ин ҳама гӯшагир будан?
Сард аст зи тифлӣ пир будан.
Тифлӣ ту ҳанӯз, ин чӣ ноз аст?
Охир, на ки боби тавба боз аст.
Хуш бигзар аз ин ситезарой,
На ҷинси сабост порсой.
Рӯз аз паи касбу кори рӯзист,
Шаб навбати айшу дилфурӯзист.
Ҳар хат қалами дигар нигорад,
Ҳар кушта бари дигар барорад.
Доранд ба иқтизои гардун
Ҳар фасл табиати дигаргун.
Он сабза, ки дар баҳор хезад,
Чун фасли хазон шавад, бирезад.

Булбул бипарад дай аз гулистон,
Ях сард бувад шаби зимистон.
Ҳар кори накӯ ба рӯзгорест,
Ҳар мавсиме аз барои корест.
Дар вақт, чи кам, чи беш, некӯст,
Ҳар чиз ба вақти хеш некӯст.
Имрӯз, ки ғунчаат шукуфтаст,
Хандон накунӣ лаб, ин кӣ гуфтаст?
Фардо, ки намонад ин ҷавонӣ,
Монад қадамат зи нотавонӣ.
Он лаҳза зарурат аст парҳез,
К-аз даст бишуд инони шабдез.
Давлат ба ту рӯй дорад имрӯз,
Он рӯй бубин, яке барафрӯз.
Дилтанг мабош ғунчаосо,
Айше куну соате биёсо.
Сарвест расида, дар бар овар,
Як хирмани гул ба бар даровар.
Мегир ба коми хеш ҷоме,
Мерон ба ҳавои нафс томе.
Моҳ ар на яке ҳазор бошад,
Он беҳ, ки ба Зуҳра ёр бошад.
Чун Зуҳра ба Муштарӣ нишинад,
Кас рӯи фурӯтаре набинад.
Гар гӯш кунӣ дуре, ки суфтем,
Маҳмил нагузорӣ, ин ки гуфтем.
Ҳар чиз, ки хоҳӣ аз каму беш,
Ӯ бе каму беш орадат пеш.
Аз гавҳару лаъл то пашизе
Пӯшида надорад аз ту чизе.
Номат, ки ба бандагист машҳур,
Аз номаи бандагон кунад дур.
Гар хоҳӣ аз ӯ асоси шоҳӣ,
Ӯ ҳам бишавад, чунонки хоҳӣ.
Хоре агарат бувад нуҳуфта,
Он хор гуле шавад шукуфта.
В-ар з-он ки инон битобӣ, эй моҳ,
Аз гуфтаи мо, наузу биллоҳ,

З-ин гул на гулу на хор бинӣ,
Хорӣ на яке, ҳазор бинӣ.
Аз сар фиканад сабук ҳавоят,
Занҷири гарон ниҳад ба поят.
Холӣ кунад аз ту хонаи ту,
Зиндон кунад ошёнаи ту.
Созад ба ҳазору як забунӣ
Ҷои ту миёни дузду хунӣ.
В-он гаҳ шавад он даҳони чун нӯш
Аз зикри ту ҳамчу ғунча хомӯш.
Гар баҳри ту сӯзаду гудозад,
Бо сӯхтане чунон бисозад.
Инак ҳама хубу зишти ин кор
Гуфтему гузашт, ёд медор!
Юсуф чу шунид рози эшон,
З-он рози шунида шуд парешон.
Гуфт: – Ин чӣ ҳадиси ҷонгудоз аст?
Ман сӯхтам, охир, ин чӣ соз аст?
Гар кор ба ҷон расад, мани зор
Тан дарнадиҳам дигар ба ин кор.
Зиндон агарам кунад ҳавола,
В-аз банди гарону оҳу нола,
Ҳаққо, ки азоби банду зиндон
Бар ман беҳ аз ин баҳори хандон.
Бошад таби тан зи тоби ҷон беҳ,
Зиндон зи азоби ҷовидон беҳ.
Гӯ, бош бадан харобу ҷон нағз,
Дар пӯст шарора беҳ, ки дар мағз.
Ин гуфту ба хотири парешон
Бархост равон зи пеши эшон.
Пас рӯй ба ҳазрати Худо кард,
Гирён-гирён яке дуо кард,
К-эй холиқи ҳар ниҳону пайдо,
Эй пеши ту ҳар ниҳон ҳувайдо,
Эй рӯзу шаб аз ту дар таку дав
Ин гунбади куҳнаву маҳи нав.
Донӣ ҳама ҳасту нест хонӣ,
Ҳар чиз, ки ҳасту нест донӣ.

Донӣ, ки гарам бад оварӣ боз,
З-ин доми фиреб н-оварӣ боз.
Ё дар кафи макри ин баде чанд
Дорӣ дили ман чу ғунча дар банд?
Ман майл кунам ба сӯи эшон?
Пӯям пайи орзуи эшон?
Бар нафс, ки хору нотавон беҳ,
Эмин наям, аз ваям амон деҳ.
Хоҳам, ба раҳи хато наяфтам,
Дастам ту бигир, то наяфтам.
Ҳошо, ки бувад ба барги коҳе
Ҷуз фазли туам умедгоҳе.
Фазли ту, ки дастгири ман бод,
Оташкуши боди ин фитан бод.
Зиндон, ки сарои хавфу бим аст,
Маъвои басе сияҳгилем аст.
Беҳ з-он ки фарози тахти шоҳӣ
Шаб рӯз кунам дар ин табоҳӣ.
Ҳақ, к-ӯ ба сар оварад балоро,
Фармуд иҷобат он дуоро.
Додаш ба инояти худойӣ
Аз офати он бадон раҳойӣ.
Охир чу зани Азиз аз он кор
В-аз гуфтаи он занони маккор
Донист, ки он паришамоил
Чун Меҳр ба Зуҳра нест моил.
Аз вай, ки парӣ бараш чу хок аст,
Доим чу парӣ гурезнок аст.
Аз қадди чу сарви ӯст озод,
Мӯе наканад миёни ӯ ёд.
Парвои даҳони ӯ надорад,
Яъне, ғами ҷони ӯ надорад.
То нангарад он рухи накӯ беш,
Чун бингарадаш, сар афканад пеш.
Пайваста ба он ду чашми дилҷӯ
Моил нашавад яке чу абрӯ.
Бодест нуҳуфта дар димоғаш,
Хом аст ҳанӯз себи боғаш.

Донад ба яқин, чу пухта шуд мард,
К-аз меваи хом дил кунад дард.
Ночор дилаш гирифт аз он моҳ,
В-аз нолаи сарду оҳи ҷонкоҳ.
З-ин ғам, ки ғамаш ба сар наёмад,
Ёраш ба канор дарнаёмад.
Аз гиря шудаш канору бар тар,
Бархост чу мӯй дудаш аз сар.
Гуфт: – Ин на вафопазир ёрест,
Бар шохи умед руста хорест.
Сад хори ғамам ба дил нишаста
З-ин гулбуни шохи ношикаста.
Бо он ки маро ба бод бардод,
Як соат аз ӯ дилам нашуд шод.
Ҳарчанд фитодамаш ба доман,
Накшод лабе чу ғунча бо ман.
Розе нашунидам аз забонаш,
Як ханда надидам аз даҳонаш.
З-ин сон ҳама рӯз бо дили танг
Мекард чу дилрамидагон ҷанг.
Ҳар лаҳза аз он ситуда гавҳар
Мебурд шикояте ба шавҳар.
Мегуфт ҳикояте зи ҳар боб
Чандон, ки шуд он Азиз дар тоб.
Ӯ низ чу хашмгин шуд аз вай,
В-он меҳри нахуст кин шуд аз пай.
Ин рой ба дил даромад ӯро,
К-он меҳрҷабини моҳрӯро
Маҳбус кунад ба кунҷи зиндон,
Чандон ки басе бувад дучандон.
То он ҳама гуфтугӯ шавад гум,
Афтад яке аз забони мардум.
Алқисса, ба сад дурӯғу як рост
Карданд баҳонае аҷаб рост.
В-он гумшударо ба он баҳона
Бурданд равон ба бандхона.
В-аз кардаи худ шуданд хомӯш,
Карданд ҳадиси ӯ фаромӯш.

Масъуд чӣ шуд, ту ҳам замоне
Хомӯш нишин, чу безабоне.
Вомонд забон, қалам раҳо кун,
Шуд кунд қалам, забон-ш во кун.
Дорад мижаат зи ҳад қалам беш,
Аз дида давот кун, бинеҳ пеш.
Аз дудаи дида кун сиёҳӣ,
В-он гаҳ бинавис, ҳар чӣ хоҳӣ!

## ТАЪБИР ФАРМУДАНИ ЮСУФ ХОБИ ШАРОБДОР ВА ХОНСОЛОРИ МАЛИКИ МИСРРО, КИ БА САБАБИ ҶАРИМАЕ, КИ БО ЭШОН ИСНОД МЕНАМУДАНД, МУДДАТЕ МУТАМОДӢ ДАР ҲАБСИ ЗИНДОНИ ИДБОР ГИРИФТОР ГАШТА БУДАНД

Рӯзихури қаҳтхонаи даҳр,
Фарсудаи тозиёнаи қаҳр.
Зиндонии ин уқубатобод,
Ҳамхонаи хоку ҳамдами бод.
То меҳнати худ кунӣ фаромӯш,
Ин воқеа гуфту гашт хомӯш,
К-он бандии бегунаҳ чу якчанд
Чун ғунчаи гул бимонд дар банд,
Яздон-ш ба нӯки килки тақдир
Бар сина навишт илми таъбир.
Кардаш ба суруши олами роз
Аз тоҷи паямбарӣ сарафроз.
З-он нукта, ки бошад он ҷаҳоне,
Омӯхт ба ӯ басе ниҳоне.
Дар парда ниҳон ҳанӯз моҳаш,
Дар пардаи айб дод роҳаш.
Зиндон чу зи шамъи лола гулшан
Шуд з-он рухи ҳамчу лола рӯшан.
В-онҳо, ки дар он сарои дилгир
Буданд асири банду занҷир,
Гаштанд ба рӯи ӯ чунон шод,
К-он меҳнаташон бирафт аз ёд.

Ӯ мар ҳамаро ба гуфтани нағз
Медод хабар зи пӯст то мағз.
Меронд сухан ба ҳар тирозе,
Мекард ба ҳар сухан намозе.
Инро хабар аз ҷаҳим медод.
Онро зи ҷаҳим бим медод.
Онро зи наиму ноз мегуфт,
В-аз боғи биҳишт боз мегуфт.
Инро ба Худои хеш мехонд,
В-аз сирри дилаш ҳадис мехонд.
Мегуфт: «Чӣ хоб дидаӣ дӯш?
З-он хоб чӣ кардаӣ фаромӯш?».
Андуҳи дили батобат ин аст,
Он аст хаёлу хобат ин аст.
Мегуфт, чунонки буд тақдир,
Гаҳ хоби касону гоҳ таъбир.
З-он ҷумла ду ҳамтарона буданд,
Худдоми як остона буданд.
Буданд ба як-ду расми лозим
Мар хусрави Мисрро мулозим.
Ин бодашиносу боддораш,
Доругари иллати хумораш.
Онро, ки хумор сохт ранҷур,
Дору набувад ҷуз оби ангур.
Он нонпази хосу мири хонаш
Вобаста ба ин ду обу нонаш.
Як рӯз аз он ду сахтбозу
Дар вояву поя ҳамтарозу,
Шуд ҳазрати шоҳи Миср дар тоб,
З-он сон, ки дар об акси Маҳтоб.
Фармуд, ки ҳар дуро ба зорӣ
Бурданд ба ҳабсгоҳи хорӣ.
Карданд ба ҷаврашон дар он банд
Ҳамсуҳбати дузду хуние чанд.
В-он ҳар ду қарин ба ашку оҳе
Монданд чунин қариби моҳе.

В-он моҳи ғариб ҳам дар он ҷамъ
Биншаставу даргирифта чун шамъ.
Ҳар кас, ки дар он сарои дилгир
Хобе дидӣ сазои таъбир,
Ӯ ҳар чӣ ба сурате, ки ҳақ хост,
Таъбир намудӣ, он шудӣ рост.
Ҳар қисса, ки гуфтиву шунуфтӣ,
Алқисса, чунон шудӣ, ки гуфтӣ.
Рояш чу яке чароғи пурнур
Тире нафикандӣ аз нишон дур.
Ҳар лаҳза дари дигар кушудӣ,
Як муъҷизаи дигар намудӣ.
Гуфтӣ на ба расми аҳли томот
Гаҳ муъҷизаву гаҳе каромот.
В-он ҷумла ба ҷон муриди рояш
Рӯ суда ягон-ягон ба пояш.
Ин ёфта з-он баҳори хандон
Як ганҷи ниҳон ба кунҷи зиндон.
Онро зи чунон паямбаре пок
Зиндон шуда чун ҷинон тарабнок.
То як шабе он ду ёри ҳамдӯш
Буданд ниҳода сӯи ҳам гӯш.
Аз ҳолати Юсуфу камолаш,
В-аз сидқи калому ҳасби ҳолаш,
Буданд ба гуфтугӯ нишаста,
Ин як зада такя, ӯ нишаста,
К-ин тозаҷавони ҳурзода
Моҳест зи Осмон фитода.
Аз ғояти лутфу ҳадди покӣ
Гӯӣ, ки фариштаест хокӣ.
Ҳар чиз, ки гуфт, дарзамон шуд,
Ҳар нукта ки зад, рақам ҳамон шуд.
Ҳар воқеае, ки кард таъбир,
Як зарра аз он накард тағйир.
З-он ҳар ду яке, ки буд меҳтар,
Яъне, ба ҷамолу ҷуд беҳтар,

Гуфт: – Ин саҳарам ба чашми хуфта
Чун тифли шукуфа ношукуфта.
Бинмуд, ки буд саҳни боғе,
Пурлола ҳамчу шабчароғе.
Боғе чу нишотгоҳи шоҳон,
Боғе чу биҳишти бегуноҳон.
Пурнеъмату ноз бӯстоне,
Парварда ба ноз дӯстоне.
Дар маҷмае чунин хуҷаста
Тахте зада, шоҳи мо нишаста.
Тахте, ки сипеҳр аз ӯ фурӯ буд,
Ё он ки сипеҳр гӯи ӯ буд.
Дар сояи он сарири олӣ,
К-аз ҷои хулуд буд холӣ,
Сар карда чунонки чашми бад дур
Токеву бар ӯ се хӯша ангур.
Ман карда аз он се хӯшаи дур
Хос аз паи шоҳ соғаре пур.
Шоҳ аз кафи ман гирифта соғар,
Чун меҳри муниру моҳи лоғар.
Ҷуз ӯ кӣ кунад ба ҳеч бобе
Таъбир чунин хуҷаста хобе?
Гуфт он дигаре, ки мири хон буд,
Мире чӣ, ки мушти устухон буд,
К-аз роҳи хаёли ман ҳам, эй дӯст,
Хобе созам чу мағз бепӯст.
В-онро ба ҳазор дардмандӣ
Гӯям бари он ҷавони бандӣ.
То ӯ, ки тариқи рост пӯяд,
Он хоби дурӯғро чӣ гӯяд?
Алқисса, ду хамзабони ҳамтанг
Рафтанд чу ғунча бо диле танг.
Гуфтанд баончунон ҷанобе
Ҳар як ба дурӯғу рост хобе.
Он як, ки ба ростӣ қадам зад,
Чун субҳи дувум зи сидқ дам зад.

Дар суҳбати он ситуда сиддиқ
Он ганҷи ниҳон ба кунҷи таҳқиқ.
Гуфт, он чи ба хоб буд дида,
Не сохта, не зи кас шунида.
В-он каҷманиш он чи худ рақам кард,
В-он кард, ки рӯй дар адам кард.
Ин буд, ки гуфт: – Дӯш дидам
Хобе, ки зи хоби худ рамидам.
Дидам, ки се салла парзанон буд,
Ноне, ки зи гандуми ҷинон буд.
В-он ҳар се ниҳода бар сари ман
З-он гашта гарон сару бари ман.
Мурғони ҳаво ба чангули боз
Як-як суи салла кард парвоз.
Дар нон зада чангу нохуни тез,
Чун хастаи навшикастапарҳез,
То з-он ҳама нон намонд чандон,
То ҷой кунам ба зери дандон.
Юсуф чу аз он ду ёри ҳамдӯш
Он рози нуҳуфта кард дар гӯш,
З-он нукта, ки шуд суруди эшон,
Донист зиёну суди эшон.
Лек аз пайи он зиён фитода,
То ғам нахурад аз он зиёда,
Печид инон ба сӯи дигар,
Шуд бар сари гуфтугӯи дигар.
К-эй буда маро дар ин куҳандор
Дар банд қарину дар бало ёр.
Он беҳ, ки Худопараст бошед,
Бар ҳар чӣ ки буду ҳаст, бошед.
Худ сохта пайкаре зи ҳар чиз
Он гоҳ кунед саҷдааш низ.
Онон, ки худ аз Худо надонанд,
Худсохтаро Худой хонанд.
Он аст Худо, ки сохт ҳар чиз
Кард одамӣ, одамигарӣ низ.

Биноии ҷон зи тан наёяд,
Аз сохта сохтан наёяд.
Як ҷон аст ҷисми ин ҷаҳонро,
Созанда якест ҷисму ҷонро.
Як навбати дигар он ду ғамгин
Гуфтанд, ки эй сипеҳр тамкин,
Таъбир бигӯй хоби моро,
Тағйир кун изтироби моро.
Он ростзабон ба гуфтани нағз
Бикшод лабе чу писта пурмағз,
К-аз роҳи Худо, ки шоҳроҳ аст,
Рафтан ба раҳи дигар гуноҳ аст.
Ман чун ба раҳи Худост рӯям,
Донад ҳама кас, ки ростгӯям.
Чун бар пайи анбиё ниҳам пай,
Кай як сари мӯ ғалат кунам, кай?
Ҳастед шумо зи раҳ фитода,
Бар ҳамчу худе назар ниҳода.
Худсохтаро Худо шуморед,
Шарме зи худу Худо надоред.
Ҳарчанд, ки он сипеҳр иқбол
Мехост, ки боз пӯшад он ҳол,
Эшон ба тазарруъи зи ҳад беш
Буданд ҳамон ба гуфтани хеш.
Охир чу басе дури самин суфт,
Рӯ кард ба мири хону ин гуфт,
К-аз баъди се рӯз шоҳи ин шаҳр
Дар кори ту беш аз ин кунад қаҳр.
Бар дор кашад туро ба хорӣ
Чун дору шукуфаи баҳорӣ.
В-аз ғояти хашму кин чунон хор
Дере бигузорадат дар он дор.
Мурғони ҳаво хуранд хунат,
Оранд зи хештан бурунат.
Чашмони туро чу наргиси тар
Оранд бурун зи косаи сар.

Гарданд зи ҳилаҳои пастат
Саллохи сари ҳавопарастат.
Бечора чу саргузашт бишнуд,
Чун шамъ баромад аз сараш дуд.
Гуфташ, ки ман ин чи бо ту гуфтам,
Не дидаму не зи кас шунуфтам.
Бе ҳеҷ тасаввури савобе
Худ сохтаам бадеҳа хобе.
Хобе, ки бинош бар дурӯғ аст,
Ҳазл асту чу ҳазл бефурӯғ аст.
Бо рост, чӣ к-он ҳабост набвад,
Таъбири дурӯғ рост набвад.
Юсуф ба ҷавоби он каҷоҳанг
Дигар бикушод ғунчаи танг,
Гуфташ, ки гирифтам, эй гирифтор,
К-аз ростият ҷудост гуфтор.
Лек он чӣ гузашт бар забонам,
Он кард Худои ғайбдонам.
Ҳар к-ӯ кунад, он чи ҳақ накӯ гуфт,
Ҳақ низ ҳамон кунад, ки ӯ гуфт.
Пас рӯ ба шаробдори шаҳ кард,
Ёрона дар ӯ яке нигаҳ кард,
Гуфташ, ки се рӯз баъд аз ин хоб
Гардӣ ту халос аз ин табу тоб.
Шаҳ боз раҳонадат зи хорӣ,
Бахшад амали шаробдорӣ.
Чун боз шавӣ баландпарвоз,
Ҳам бар сари кори худ шавӣ боз.
Хоҳам, ки зи ман агар тавонӣ
Як нукта ба гӯши шаҳ расонӣ,
Гӯйӣ ки зи даври чархи даввор,
В-аз хории даври одамихор,
Дерест, ки бекаси ғарибе,
В-аз ҳар касу кӯй бенасибе
Мондаст асири банду зиндон,
Мискин гунаҳе накарда чандон.

Дил бе ҷиҳатест хаста ӯро,
По бе сабабест баста ӯро.
Гӯянд, ки ҳар чӣ он накӯ гуфт,
Шуд неку бад ончунон ки ӯ гуфт.
Лекин чу шаробдор шуд боз,
Доранда чунонки буд аз оғоз,
Шайтон, ки адӯйи ақлу дин аст,
Дандонагари калиди кин аст,
Бурдаш зи дил, он чи он дилафрӯз
Гуфташ ба ҳазор гиряву сӯз.
Он дам ки чу гул зи банду зиндон
Шуд раставу ғунча кард хандон,
З-он ғунчаи тангдил нишаста,
З-он бастазабони дилшикаста
Якбора чу ғунча монд хомӯш,
Шуд гуфтаи он гулаш фаромӯш.
В-он чордасола моҳи чоҳӣ
Машҳур зи моҳ то ба моҳӣ.
Дар банд чу мӯҳрае ба шашдар,
Биншаста чаҳор соли дигар.
Оре, чӣ дурӯғ гӯям, оре,
Банд аст калиди растагорӣ.
Банд аст, ки дар пояш наҷот аст,
Зулмат раҳи чашмаи ҳаёт аст.
Ҳаст аз паи авни додхоҳон
Занҷири дари сарои шоҳон.
Худ ҳеч дақиқадон насозад,
Қуфле, ки калиди он насозад.
Юсуф чу барои растагорӣ
Аз ғайри Худой ҷуст ёрӣ,
Ғайрат бигузошташ чунон хор
Якчанд дигар чу ғунча дар хор.
Масъуд, агар оядат ғаме пеш,
Бо он ки бувад зи оламе беш,
Таслим шаву ба кас магӯ роз,
То ҳақ бикушоядат даре боз.
Ҳар дар, ки на лутфи ӯ кушояд,
Гар баста бувад ҳамеша, шояд.

## ХОБ ДИДАНИ МАЛИКИ МИСР ВА ТАЪБИРИ МУВОФИҚ ФАРМУДАНИ ЮСУФ, АЛАЙҲИССАЛОМ ВА БЕРУН ОВАРДАНИ МАЛИК ӮРО АЗ ВАРТАИ БАНДУ ЗИНДОН БА ВАСИЛАИ ҲАР НАВЪ ЭЪЗОЗУ ИКРОМ

Аз ровии ин хуҷаста оят
З-ин гуна шунидаам ривоят,
К-он ояти лутфу хубрӯӣ,
Султони вилояти накӯӣ
Юсуф, ки фиканда буд дар банд,
Пои дилу дасти сад хирадманд.
Чун монд ба пой баста банде
Аз дасти замона сол чанде.
Як шаб шаҳи Миср бас шукуфта
Бар бистари айш буд хуфта.
Не ҳеч ғаме, ки дил кунад реш,
Не реш, ки оварад ғаме пеш.
То дид аҷаб ба печутобе,
Бас мӯҳишу пур ғариб хобе.
Дид, омада ҳафт гови фарбеҳ,
Чун ҳафт фалак зи якдигар беҳ.
Гардун ҳамаро зи гӯш то дум
Чун байза ба дӯш чида анҷум.
Резон шуда ҷумларо зи ҳар мӯ
Як чашмаи равғане ба ҳар сӯ.
Пас ҳафти дигар заъифу безӯр
Чун мурдаи дермонда дар гӯр.
Фарсуда на ҷисмеву на ҷоне,
Як пӯстеву ду устухоне.
В-он ҳафт азимҷуссаро тез
Хӯрданд, чунонки гурги хунрез.
Чандон, ки кунад сабукравӣ ҳай,
З-он ҷумла на пӯст монду не пай.
Пас чорда хӯша дид дар бар,
З-он ниме хушку нимае тар.
Печида ба ҳам чу душману дӯст,
Ин мағз намуда в-он дигар пӯст.

Чун субҳи дувум намуд дидор,
Шаҳ гашт зи хоби хеш бедор.
Биншаст фарози тахти шоҳӣ
Бо дабдабае, чунонки хоҳӣ.
Якчанд муаббири куҳансол
Биншонду намуд сурати ҳол.
В-он воқеаро чунон парешон
Таъбир талаб намуд аз эшон.
Эшон ба тааммуле зи ҳад беш
Монданд саруфканда дар пеш.
Баъд аз нафасе ду хаҷлатогин
Гуфтанд, ки эй сипеҳр тамкин,
Ин хоб на хобе дар онҷунон аст,
К-аш суд натиҷа ё зиён аст.
Чун равзанаи димоғ шуд тор,
Чун сақфи саро зи дуди бисёр,
Дар хобу хаёл аз он сиёҳӣ
Рӯ кард ҳазору як табоҳӣ.
Ҳам пайки хаёл дар сар омад,
Ҳам хоб яке ба ҳам баромад.
Таъбири чунин хаёлу хобе
Натвон кардан ба ҳеҷ бобе.
Шаҳро сухане чунин парешон
Ошуфтадимоғ кард аз эшон.
З-он сон, ки зи боди ваҳшатангез
Шуд ахгари тира оташи тез.
Чун ёфт хабар шаробдораш,
Аз тундии хӯи тобдораш,
Ёд омадаш он ғарибу бандӣ,
К-аш буд нишони арҷмандӣ.
Шуд пешу пас аз дуои бисёр
Гуфт: – Эй фалакат ба корҳо ёр,
Ман донам аз ин касе, ки хоҳӣ,
Донанда зи моҳ то ба моҳӣ.
Аз олами хок то Маҳу Тир
Донад ҳама, хоса илми таъбир.

Дерест, ки ҳамчу бадписандон
Мондаст асири банду зиндон.
Ин гуфту ба гуфтаи Худованд
Шуд тохта сӯи он хирадманд.
Аввал бинишасту боз бархост,
В-аз ҳоли гузашта узрҳо хост.
З-он ҷурм, ки кард аз ӯ фаромӯш,
Бигрифт яке чу муҷримон гӯш.
В-он гаҳ ба забони узрхоҳаш
Гуфт, он чи ба хоб дид шоҳаш.
Юсуф лаби ҷоннавоз бикшуд,
В-он пистаи баста боз бикшуд.
Гуфт: – Он чи шаҳат ба хоб дидаст,
На Моҳу на Офтоб дидаст.
Хобест, ки шарҳ аз он забун аст,
Таъбири вай аз баён бурун аст.
З-он ҳафт расида гови фарбеҳ
Гӯям сухане зи сад гуҳар беҳ.
Он ҳафт далел ҳафт сол аст,
Соле, ки муназзаҳ аз завол аст.
Як ҳафта аз он ба ҳолату ҳол
Беҳтар зи хазор моҳу сад сол.
Он дам зи Замин ҳаёт рӯяд,
Ҳанзал корӣ, набот рӯяд.
Як хӯшаи гандум афканӣ пеш,
Маҳсул барӣ зи хирмане беш.
Он кас, ки ба сад расида бошад,
Як сол чунин надида бошад.
В-он ҳафт заиф ҳафт сол аст,
К-аш рӯз васолу шаб завол аст.
Он ҳафт чу сар ниҳад ба поён,
Ин ҳафти дигар шавад намоён.
Аввал раги рустанӣ шавад суст,
Нопухта бирезад он чӣ ҳам руст.
Аз номия кас наёбад осор,
Маъзул шавад табоеъ аз кор.

Дар абри баҳор нам намонад.
Нам чист? Ки абр ҳам намонад.
Резад ба Замин зи чашми мардум
Сад донаи ашк баҳри гандум.
Қаҳтӣ шавадончунон, ки Ноҳид
Пӯшад зи гурусна қарзи Хуршед.
Гар ҳайати нон кашанд бар хок
Хок аз намади Замин шавад пок.
Онро, ки бувад азиз ҷоне,
Нон гӯяду ҷон диҳад ба ноне.
Нон гӯйӣ, сад фиғон барояд,
Нонро падар аз писар рабояд.
В-он чорда хӯша ҳам на мол аст,
Осоре аз ин ду ҳафт сол аст.
Чун хусрави Миср гашт огоҳ
З-он айши хушу балои ногоҳ,
Гуфто, ки чунин муаббире нағз,
К-огоҳ бувад зи пӯст то мағз,
Пайдост зи қавли дилпазираш,
К-аз ғайб хабар диҳад замираш.
Ҳайф аст, ки дилфигор бошад,
Бо банд ӯро чӣ кор бошад?
Чун соате аз ғамаш барошуфт,
Бо соқии симсоқи худ гуфт:
Бархезу ба сӯи ӯ равон шав,
Аз ман ду ба ӯ бигӯ, ду бишнав.
Бандаш бикушо зи по равоне,
Пас пеши ман овараш замоне,
То з-он даҳани дақиқапардоз
Чун гул шунавам ба гӯши худ роз.
Шуд соқии шоҳ аз ин ҳикоят
Хушвақт чу субҳ дар бидоят.
Ҳамчун гули навшукуфта масрур
Шуд ҷониби он ғариби маҳҷур.
Гуфташ, ки чу ғунча бош хандон,
К-озод шудӣ зи банду зиндон.

Шаҳ хонд сӯи ҷаноби хешат,
То хони карам кашида пешат.
Биншинаду роз пурсад аз ту,
Асрори ту боз пурсад аз ту.
Юсуф чу шунид гуфтаи шоҳ,
З-он гуфтушунид гашт огоҳ.
Гуфто, ки чу боз карда парвоз,
Рав ҷониби шоҳи худ яке боз,
То ҷурми ман аз касон бипурсад,
Ҷурме, ки накардам, он бипурсад.
Боре шавадаш чу нақш бар мум
Ҳоли мани бегуноҳ маълум.
То ин нашавад, нахезам аз ҷой,
В-ин банди гарон нарезам аз пой.
Соқӣ дигар аз тариқи ёрӣ
Рӯ кард ба базми шаҳрёрӣ.
Шаҳро чӣ, ки он фариштафар гуфт,
Пеш омаду нонавишта баргуфт.
Шаҳ ҷуст басе зи ҳар касе роз,
То пай ба гуноҳи ӯ барад боз.
Нашнид ба он ҳама хаму печ
Ҷуз покиву ростии ӯ ҳеч.
Донист, ки бе чунин хатое,
К-онро битавон намуд ҷое,
Будаст чунон касе ситуда,
Умре ба бало асир буда.
Шуд хотираш аз барои ӯ реш,
Фармуд ҳамон ба соқии хеш,
То рафту ба чанд узрхоҳӣ
Додаш фараҷе аз он табоҳӣ.
Аз пой ба раҳ фиканд бандаш,
Раҳ дод ба пояи баландаш.
Юсуф, ки набуд Моҳ аз ӯ беш,
Чун ҳуҷҷати бегуноҳии хеш,
Бар ҳазрати шоҳ кард равшан
Бо рӯи шукуфта ҳамчу гулшан.

Аз хонаи тору танги зиндон
Чун ғунча бурун давид хандон.
Чун рух, ки ба ростӣ равад роҳ,
Рӯ кард ба сӯи хонаи шоҳ.
Чун гул, ки шукуфт гулшан аз вай,
Шуд маҷлиси шоҳ равшан аз вай.
Шаҳ чун рухи ҳамчу рӯзи ӯ дид,
В-он чеҳраи дилфурӯзи ӯ дид,
Гуфт: – Ин рухи чун баҳор хандон
Мушкил, ки бувад зи бадписандон.
Онро, ки ба чеҳра айбнок аст,
Ҳошо, ки дарун зи айб пок аст.
З-он рӯ, ки зи айб пок бошад,
Кай бо дили айбнок бошад?
Нек аз баду бад зи нек дур аст,
Зулмат бинигар, ки зидди нур аст.
Он, к-ӯ зуҳалӣ барояд аз маҳд,
Масъуд нагардад, ар кунад ҷаҳд.

## СУПУРДАНИ МАЛИК ЗАБТИ ХАЗОИН ВА ИХТИЁРИ МОЛИКИ ХУД БА ЮСУФ ВА ӮРО АЗИЗ ГАРДОНИДАН ВА ЗУЛАЙХО-ЗАНИ АЗИЗРО БАЪД АЗ СУПУРДАНИ ВАДИАТИ ҲАЁТИ Ӯ БА ҲУКМИ ТАЗВИҶ ПЕШИ Ӯ ГУЗАРОНИДАН ВА СИФАТИ ҚАҲТУ ГАРОНӢ ВА ХИСБУ АРЗОНИИ МИСР ВА ҚОИДАИ ТАРБИЯТИИ МАЪҲУД, КИ ҲАЗРАТИ ЮСУФ ДАР ОН МУДДАТ КОР ФАРМУД

Гӯянд гаҳе, ки меҳри анвар
Зер омад аз ин баланд манзар.
Чун баҳр, ки во нишинад аз мавҷ,
Рӯ кард ба сӯи пастӣ аз авҷ.
З-он пастрави баландпартав
Хуршеди баланд шуд маҳи нав.
Ӯ кард ба сӯи пастӣ оҳанг,
Ин бурд бар авҷи сад раҳ авранг.
Яъне, чу Азизро замона
Дар кӯчаи марг сохт хона,

Юсуф, ки Азизи Мисри дин буд,
Фармондеҳи ҷомеи яқин буд,
Дар Миср ба ҳукми шоҳи воло,
Не-не, ки ба ҳукми Ҳақ таоло
Шуд ҳамчу азизи оламафрӯз,
Худ шаб биравад зи ҷо, чу шуд рӯз.
Хуршед, ки анҷумаш сипанд аст,
Ҳам гоҳе пасту гаҳ баланд аст.
Чун Моҳ ба Меҳр рӯбарӯ рафт,
Ин гашт баланду ӯ фурӯ рафт.
Расм аст фитода низ будан,
Доим натавон азиз будан.
Алқисса, чу қиссаи Зулайхо
Бар хусрави Миср шуд ҳувайдо,
В-аз Юсуфу нафси бегуноҳаш
Огаҳ шуду гашт узрхоҳаш,
З-он қисса Азиз тангдил шуд,
В-аз кардаи хештан хиҷил шуд.
Афтод ба кунҷи нотавонӣ,
Сер омад аз ин ҷаҳони фонӣ.
З-ин ғамкада хонаи хатарнок
Рӯ кард ба сӯи олами хок.
З-он ғам, ки басе, на андаке буд,
Бемориву мурданаш яке буд.
Ворaст зи зиштиву накӯӣ,
Мискин ҳаргиз набуд гӯӣ.
Дар тангдилӣ чу нотавонон
Ҷон дод чаро зи ҷаври ҷонон?
Зан дархури меҳру кин набошад,
Зан бошам, агар чунин набошад.
Эй вой, куҷо кушоям ин дард,
К-аз зан тамаъи вафо кунад мард?
Зан рахнагари яқини мард аст,
Зан ноқиси ақлу дини мард аст.
Зан рехт ба хок оби мардон,
Гар мардӣ, аз ӯ инон бигардон.
Боре чу Азиз рахт барбаст,
Дар бар рухи ҳасту нест дарбаст.

Юсуф бари шоҳ муътабар шуд,
Шуд ҳар чӣ ки хост, то хабар шуд.
З-ӯ хост зи рӯи росткорӣ
Парвоначии хазинадорӣ.
Гуфт: – Эй шаҳи Мисру Мисри шоҳӣ,
Пирояи тахти подшоҳӣ.
Фармой ба банда бе каму беш
Ганҷурии ганҷи хонаи хеш.
Ман гарчи туро яке каминам,
Бар ганҷи ту ҳофизе аминам.
Ин кор ҳазор ман диҳад бор,
Ман донаму ман тариқи ин кор.
Шаҳ гуфт: – Маро ту ҳамнишинӣ,
Бар ҳар чӣ, ки бошадам, аминӣ.
Ҳам мулки маро ту мулкбон бош,
Ҳам хозини махзани ниҳон бош.
Ту ҳамчу манӣ, дар ин шаке нест,
Фармони ману ту ҷуз яке нест.
Ҳар кас, ки инон кашад зи роят,
Ё сар печад зи хоки поят,
Ман сар занамаш ба теғи хорӣ,
Аз пой дарорамаш ба зорӣ.
Пас дод ба ӯ пас аз басе чиз,
Бас чизу зани Азизро низ.
З-он васл хуҷиста шуд Зулайхо,
Як тозаву тар бути шакархо.
Худ пир набуд он суманбар,
В-ар буд, дигар ҷавон шуд аз сар.
Бе талъати он баҳори хандон
Буд аз ҳама чиз канда дандон.
Рӯ ожада чун куҳан турунҷе,
Ҳар лаҳза кашида дарду ранҷе.
Чун зулф кашида сар зи сомон,
Печида зи зулфу холи домон.
Бо дудаи оҳу дидаи тар
Чун дуда сиёҳ карда миъҷар.
Бо бахти сиёҳ хуфта ҳамрӯ,
Бар хоки сияҳ ниҳода паҳлӯ.

Лекин чу ба лаб расид ҷонаш,
В-аз дил нашуд он ғами ниҳонаш,
Сарве, ки зи боғи ҷон баромад,
Бозаш ба миёни ҷон даромад.
Юсуф, ки азизи мисри ҷон буд,
Не-не, ки азизтар аз он буд,
Шуд ҳамсари ӯ ба гуфтаи шоҳ,
Чун Меҳр, ки шуд рафиқ бо Моҳ.
Афзуд ба қадри Зуҳра аз бадр,
Шуд шоми висол лайлатулқадр.
Билқис нишаст бо Сулаймон,
Паймона шикасту баст паймон.
Печид ба узри мастии хеш
Даст аз буту бутпарастии хеш.
Соле ду-се чун бар ин баромад,
Соли хушу нозанин даромад.
Соле, ки сипеҳр дар чунин ҳол
Бошад хушу Моҳу Меҳр хушҳол.
Як дона агар ба хок резад,
Сарве шаваду зи хок хезад.
Аз обу ҳавои он замона
Як дона шавад ҳазор дона.
Гар даст барад касе сӯи хок,
Он хоки сияҳ заре шавад пок.
Гар пой ба хор барниҳад мард,
Он хок ба хосият шавад вард.
Ҳар нахл, ки мевадор бошад,
Соле бари ӯ ду бор бошад.
Чун вақти суҷуди некбахтон
Хам гашта зи бори пур дарахтон.
Пур гашта зи кишта то дару кӯй,
Пуртар шуда з-оби чашмаҳо ҷӯй.
Бар ҷо зи паре намонда хонҳо,
Пурдона чу нори хонумонҳо.
Юсуф чу ба соли ончунон нағз,
К-аш буд ба ҷои устухон мағз,
Шуд садрнишини базми шоҳӣ,
Шоҳона ба давлати илоҳӣ,

Фармуд, ки мардумон каму беш,
Аз пиру ҷавону миру дарвеш
Оранд ба хок рӯ ба оҳанг,
Чун чанга кунанд оҳанин чанг.
Пошанд ба хок донаи пок,
Парвона кунанд хонаи хок.
Созанд чу дар садаф ниҳон дур
Аз хӯшаи гандум ошён пур.
Чун анҷуму Осмони даввор
Пургандуму ҷав кунанд анбор.
Ҳар чиз, к-аз он яке тавон хӯрд,
Ё пеши хурандае тавон бурд,
Созанд захира баҳри он рӯз,
К-аз бехуришӣ фитад ба ҷон сӯз.
Худ низ ба соати хуҷаста
Аз укдаи ҳар газанд раста,
Сад хона ҳазор ҷо бино кард,
К-аш натвон даҳ, яке сано кард.
Ҳар хона ҷаҳони бекарона,
Чун Миср дар ӯ ҳазор хона.
Ҳар хона яке ҷаҳони пурбор,
Ҳар хона ду Осмони даввор.
Пас он ҳама хонаро зи гандум
Пур кард чу Осмону анҷум.
То худ хатаре наёбад аз хок,
Дар хӯша гузошт донаи пок.
Он ҳафт ситуда соли маймун,
Соле шабу рӯзи ӯ ҳумоюн.
Ҳар дона дубора кард хӯша,
Ҳар сол дусола дод тӯша.
Шуд домани гул зи бор пурчок,
Бисёр гуле баромад аз хок.
В-он гаҳ пас аз ин ҷаҳонфурӯзӣ
Тай кард фалак бароти рӯзӣ.
Гардун, ки падар бувад ба ҳар фан,
Иннин шуду шуд Замин сатарван.
Аз хок баре бадар наёмад,
Аз номия ҳеҷ бар наёмад.

Не абр ба чеҳра чин даровард,
Не дона сар аз Замин баровард.
Чун Нил сабукрикоб ҷӯе
Мерафту надошт обрӯе.
Бурд ин фалаки баландхона
Серӣ зи табиати замона.
Бар ҳам шуда чун лаби хамӯшон
Дарҳои дукони нонфурӯшон.
Нонхӯр ба фиғон чу чанги Ноҳид,
Нон гарму гарон чу қурси Хуршед.
Бас зор бимонда бе гулу нор
Гулзори ҷаҳон чу роҳи бозор.
Ҷустӣ касу ҳам наёфтӣ пур
Муште гандум ба домане дур.
Чун монд ду сол домани хок,
Аз ҳар чӣ, ки рустанӣ бувад пок,
Шуд пок чу сатҳи чарх аз анҷум
Аз гандуму ҷав сарои мардум.
Аз ҳар каму беш то пашизе
Дар хонаи кас намонд чизе.
Сад хона тиҳӣ шуд аз зару дур,
То махзани шоҳи Миср шуд пур.
Мардум ба ду дида ашкрезон,
Аз доҳу ғуломи худ гурезон.
Юсуф, ки ҷаҳони доду дин буд,
Ӯ буд фалак, ҷаҳон Замин буд.
Пургандуму ҷав яке ҷаҳон дошт,
Дар вай ҳама неъмате ниҳон дошт.
Чандон, ки тавон ба он қадар чиз
Бастан дари қаҳту он дигар низ.
Охир чу дар ончунон заволе
Бигзашт қариби як-ду соле,
Дар Миср ба кас намонд чандон
Қуте, ки ниҳанд зери дандон.
Мардум ҳамагӣ чӣ зору безӯр
Ҳамчун пайи дона лашкари мӯр
Бастанд сафе давону пӯён,
Аз гурсунагӣ наҷотҷӯён.

Бурданд зи ҳар матоъ чизе
Бар даргаҳи ончунон азизе,
То он биситонад он ҷаҳондор,
В-аз гандумашон кунад гаронбор.
В-он зинату зеби ҳар накӯйӣ
Зебанда ба ҳар сано, ки гӯйӣ.
Дар ҳар ки яке нигоҳ мекард,
Сад лутф ба ҷойгоҳ мекард.
Пас гандуми ҳамчу луълуи тар
Медоду ҳамеситонд гавҳар,
То аз зару симу гавҳару дур
Гардид тиҳӣ хазинаи пур.
Ҳамхона касон ба ашку оҳе,
Дар хона на бандае, на доҳе.
Бод омаду бурд хору хасро,
Як ҳабба намонд ҳеҷ касро.
Дар ҳеҷ бузург хонадоне
Ҳосил нашудӣ баҳои ноне.
Юсуф ба чунон рухи дилафрӯз
Хуршеди баланди аввали рӯз
Хос аз паи ҷони олами зор,
Ҳар рӯз ду раҳ шудӣ ба бозор.
Ҳар дам ба раҳи дигар гузаштӣ,
Бар шаҳру маҳалла баргузаштӣ,
То ҳар кӣ бидидӣ ончунонаш,
Аз ёд бирафтӣ обу нонаш.
Бо рӯи чу қурси моҳи тобон
Ҳар дам ба раҳе шудӣ шитобон.
Ҳар кас, ки рухе чунон бидидӣ,
Гӯйӣ, ки гурусна нон бидидӣ.
Не, не, ки ба ӯ чунон шудӣ шод,
К-аш ҳеҷ замон наёмадӣ ёд.
Якчанд алам зи ҷонашон дур
Мекард ба нон чу тирагӣ нур.
Якчанд ба чеҳраи беҳ аз ҷон
Мебурд зи ҷонашон ғами нон.
Эй беҳталабон, беҳӣ бубинед,
Ҷонбахшиву нондиҳӣ бубинед.

Бинед, ки хотире чунон пок
Чун аз пайи халқ буд ғамнок.
Ҳар гоҳ, ки даст сӯйи нон бурд,
Аввал ғами ҷони мардумон хӯрд.
То сер нашуд зи нон ҷаҳоне,
Худ бе ғами дил нахӯрд ноне.
Масъуд агарат, ки фикри нон нест,
Ё ҳаст, маро сухан дар он нест.
Ҳар кас, ки гурусна гашту нон хӯрд,
Мард, он ки ғами гуруснагон хӯрд.
Он гурсунаро, ки нест ноне,
Ту гурсуна нестӣ, чӣ донӣ?
Сиррест, ки дархури сифат нест,
Дар синаи сер маърифат нест.
Кам хур ғами нон, ки хӯрдани пур
Гаҳ ҳайза кунад, гаҳе тазаҳҳур.
Сиррест тамоми заъфу сустӣ,
Дар гурсунагист тандурустӣ.
Ин нукта ҳакимро яқин аст,
В-ар нест, дигар сухан ҳамин аст.

## ФИРИСТОДАНИ ЯЪҚУБ ФАРЗАНДОНИ ХУДРО ДАР ВАҚТИ ҒАЛО ҶИҲАТИ НАҚЛ АЗ МИСР БА КАНЪОН ВА ШИНОХТАНИ ЮСУФ БАРОДАРОНРО ДАР МАҶЛИСИ МУЛОҚОТ ВА МАҚОЛОТ БО ЭШОН

Аз раҳравӣ истода чун кӯҳ,
Яъне, ки зи корвони андӯҳ,
Ёд аст маро ҳикояте нағз,
Бас хушмаза чун дар устухон мағз,
К-аз гандуми нағзу мағзи гандум
Чун шуд тиҳӣ устухони мардум,
Дар Миср чунон балийяи ом
Шуд паҳну кашида хоса то Шом.
Он қаҳт ба як – ду сол ё беш
Бардошт думоҳа роҳ аз пеш.
Канъон ҳам аз он бало асар ёфт,
В-он меҳнати бекарона дарёфт.

Яъқуби ҳазин, ки он бару бум
З-ӯ буд чу тоза нахле аз мум.
Канъон, ки замонаро дар он ҳин
Ӯ буд чу Каъба қиблаи дин.
З-он бар шуда Офтоби пурнур,
Буд аз ҳама гуна офате дур.
Ӯро худ аз он, ки насли ӯ буд,
Даҳ хонаи пур ба шаҳру кӯ буд.
Кардӣ ба муҷарради дуое
З-он кишвар дафъи ҳар балое.
Чун дид гаронии чунон пур,
Бо он ки надошт майли нон пур.
Хӯрд аз паи он гурӯҳи дилбанд
Чун нон, ки касе хурад ғаме чанд.
З-он қаҳт, ки монда буд бас дер,
Ҳарчанд ки хӯрд ғам, нашуд сер.
Дар қаҳт ба рӯзӣ ар хурад кас,
Даҳрӯза таом набвадаш бас.
Бас хонду нишонд бо дили реш
Ҳар даҳ писари ягонаро пеш.
Гуфт: – Эй писарони дилнавозам,
Дафъи аламе кунед бозам,
К-аз баҳри шумо дилам ба тоб аст,
На қиссаи хӯрду фикри хоб аст.
Даҳ хонаи пураёлу атфол,
В-аз нон холӣ, чӣ сон бувад ҳол?
Ман худ зи хуриш кашидаам даст,
Сер омада, з-он ки нест ё ҳаст.
Ин лоба, ки дар сад анҷуман нест,
Аз баҳри шумост, баҳри ман нест.
Сад ҳамчу маро, ки хаст ҷонам,
Гирам на Заминам, Осмонам.
Бас моҳ ба моҳ то бувад ҷон,
Дар суфра чу моҳи нав басе нон.
Хам гашта қадам чу чанг аз он аст,
К-ам чанг тиҳӣ зи обу нон аст.

Ҳамсуфраи ҳар кӣ ғам бувад, ғам,
Сер аст зи нон хӯриши ҳам.
Ғам гарчи ғизои ногувор аст,
Ғам нест, ки ҳам гаҳе ба кор аст.
Пур беҳ бувад, ар кунӣ тасаввур,
Ғам хӯрдани пур зи хӯрдани пур.
Охир писарони дилнавозаш
Карданд ба гӯш сӯзу созаш,
Гуфтанд, ки эй нубувватоин,
Пои ту баланду чарх поин.
Эй ҳазрати ту барӣ зи монанд,
Поядаву ҳазратат Худованд.
Мар ҷамъи мусофирон, ки боре
Оранд ба сӯи мо гузоре,
Гӯянд, ба Миср он чӣ чиз аст?
Он аст, ки шоҳро азиз аст.
Бас нағзу фариштафар ҷавоне
Зебанда танаш ба ҳар тавоне.
Холӣ зи халал хаёлгоҳаш,
Бар дини Халил расму роҳаш.
Бо хубии рӯю покии рой
Дорад караме чӣ оламорой.
Дар Миср, ки нимаи ҷаҳон аст,
Ниме чӣ бувад, ҷаҳон худ он аст.
Ӯ дораду бас яке ҷаҳон пур,
Аз гандуми ҳамчу донаи дур.
Симу зари худ баранд мардум,
В-аз ҳазрати ӯ харанд гандум.
В-онро, ки на зар, на сим бошад,
Лутфаш мадади азим бошад.
Боре писарони меҳрубонаш
Карданд ба дӯш бори ҷонаш.
Ҳар сим, ки доштанд ҷое,
Пинҳон пайи базли ошное,
Бурданду ба Миср рӯ ниҳоданд,
Рӯ дар паи орзу ниҳоданд.

Карданд чу қатъи он биёбон,
Чун қатъи фалак нуҷуми тобон.
Бар даргаҳи он Азизи ҷонҳо
Рафтанд дуокунон забонҳо.
В-он Каъбаи даркушодаманзар
Бишнохт, чу дидашон ҳам аз дар.
Аввал зи ғами падар дилаш сӯхт,
Чун сӯхтае рухаш барафрӯхт.
Бигрист чу он ятими безод,
К-омад гаҳи сахтияш падар ёд.
Чун сохт зи гиря тар Заминро,
Бардошт зи дида остинро.
Фармуд ба ходиме, ки аз ҷой
Бархезу чу бод шав сабукпой.
З-он қавм, ки пеши дар ба поянд,
Рав пешу бипурс, к-аз куҷоянд?
Ходим чу аз он ситудакешон
Пурсид баёни ҳоли эшон,
Гуфтанд, ки мо на з-ин диёрем,
На шаҳрнишин, на шаҳрёрем.
Аз насли Халили хуллатойин
Моем чунин фитода пойин.
Аз ҳоли табоҳ оҳ дорем,
Ҳоле чӣ бало табоҳ дорем.
В-акнун ба ишорати илоҳӣ
То боз раҳем аз ин табоҳӣ,
Рӯ карда ба сӯи он диёрем,
В-аз кас тамаъе чунон надорем.
Муште сара сим бо рухи зард
Дорему туӣ давои ин дард.
Он сим ба акси чарху анҷум
Бистону ба мо фурӯш гандум.
Юсуф ба ҷавоби даҳ бародар
Бикшод ду лаб чу гандуми тар:
Гуфт он сухане, ки не фурӯғ аст,
Не аз ростист, аз дурӯғ аст.

Афъӣ, ки ба куштанаш задӣ рой,
То рост нашуд, нашуд фаро ҷой.
Дар дидаи ман аён-ст боре
З-ин омадани шумо ғуборе.
Ҳам бештар он бувад, ки дар дил
Доред яке хаёли ботил.
Ҳастед чунин ба зӯри бозу
Ҷосуси шаҳе гаронтарозу.
То ҳар каму беши ин бару бум
Созед ба тору пуд маълум.
В-ар даст диҳад, саре барoред,
В-аз роҳе лашкаре дарoред.
Бар мардуми ин билоди обод,
К-аз бодии фитна дар амон бод,
Созед чу боди ваҳшатангез
Аз ҳар бару бум фитнаи тез.
Пайдоии фитнаи ниҳонро
Пурфитна кунед як ҷаҳонро.
Ман, к-ин бару бумро азизам,
Парварда бари Азиз низам.
Ногашта чу ғунча фитна хандон,
Чун ғунчаатон кунам ба зиндон.
Якчанд дар он сарои дилгир
Гирам раҳатон ба банду занҷир.
То сар ба савоб дар наёред,
Нагзораматон, ки сар барoред.
З-он гуфта бародарони зораш
Карданд тазарруъе ҳазораш,
Гуфтанд, ки мо чунин ки бинӣ,
В-аз ҷумлаи фосидон гузинӣ,
Ҳастем зи гавҳаре чунон пок
Кӯр аст ба покӣ, Осмон хок.
Дар домани он ситуда гавҳар
Ҷамъ омада ёздаҳ бародар.
Аз мо хатаре чунин наёяд,
Ояд ҳама кор, ин наёяд.

Юсуф ба ҷавобашон дигар бор
Бикшод зи ҳам лаби шакарбор,
К-ин гуфтанатон, ки ҳаст бенур,
Аз ростӣ аст, ростӣ дур.
В-арна зи паи чӣ шуд дар ин ғам
Аз ёздаҳи шумо яке кам?
Гуфтанд, ки доштем аз ин пеш
Дар пеш бародари бадандеш.
Бад буд дилаш мудом бо мо,
Бад буд, вале тамом бо мо.
Чун зист набудаш одамивор,
Шуд туъмаи гурги одамихор.
Лекин падараш ба ҷон аз ӯ буд,
Ҳар чиз, ки дошт он, аз ӯ буд.
То ӯ шудаш аз ду чашми тар дур,
Дерест, ки рафташ аз назар нур
В-он ёздаҳум зи модари ӯст,
Аз мо беҳтар бародари ӯст.
Доим ба дилеву дидаи реш
Дорад падараш нишонда дар пеш.
Инро чу гули нуҳуфта дар пӯст
Дорад ба ҳавои он яке дӯст.
Аз дурии он як аз дили танг,
Чун оҳ кашад, дар ин занад чанг.
Ҷуз вай ғами кас басе надорад,
Гӯӣ, ки ҷуз ӯ касе надорад.
Аз ҳасрати он, ки гурги хунрез
Озурд танаш ба нохуни тез,
З-ин чанг надорад, ар канад бун
Гурги аҷалаш ба чангу нохун.
Ин аст сабаб, ки он ягона
Бошад ҳама дам ба кунҷи хона.
Саҳро шавад ар сипеҳри хазро,
Бо мо нагузорадаш ба саҳро.
Юсуф пас аз он, ки роз бишнид,
В-он гуфтани дилгудоз бишнид,

Гуфт: – Ин сухан арчи маҷлисорост,
Гоҳе бипазирам аз шумо рост,
К-он ёздаҳум бародари хурд
Бинам ба шумо, чи софу чи дурд.
Чун рост диҳад ниҳолатон бар,
Ман бошаматон дигар бародар.
Бо ҳар яке аз шумо дар ин рӯз,
К-аз гурсунагист халқ дар сӯз.
Некӣ кунам он қадар, ки шояд,
Гандум диҳам он қадар, ки бояд.
З-ин сон ҳамаро ба хушзабонӣ
Медод навиди меҳрубонӣ,
То ҷумла бародарон ба як бор
Хӯрданд қасам ба ҷони ҷаббор,
К-ин навбат, агар Худо барорад,
В-ин нахли умеди мо бар орад,
Он хурд бародари гузинро
Навбоваи нахли боғи динро
Орем ба ин хуҷиста даргоҳ,
Аз хона ба ҳар баҳона ҳамроҳ.
Юсуф ба яке зи маҳрамон гуфт,
Розе, ки дар он чунон тавон суфт,
К-ин сим, ки ҳаст дар миён-шон,
Донист матоъи хону мон-шон.
Бистону ба ҷои он зи анбор,
Гандум деҳашон даҳу ду харвор.
Даҳ з-ин деҳу он ду гар тавон бурд,
Бахши падару бародари хурд.
В-он сим дар он миён ниҳон кун.
Бишнав, ки чиҳот гуфтам, он кун.
Он маҳрами кордида он кард,
К-он дидаи равшанаш баён кард.
В-он даҳ чу ба сӯи хона рафтанд,
Пеши падари ягона рафтанд,
Он сӯхтаро ба гиряву оҳ
Карданд зи роҳи рафта огоҳ.

В-аз баъди басе дуову омин
Гуфтанд ҳадиси Ибни Ёмин.
Яъқуби ҳазин аз ин ҳикоят
Шуд музтарибу ҳазин бағоят.
Аввал нашунид рози эшон,
В-он гуфтани дилгудози эшон.
Охир ба ҳазор аҳду савганд
Дарсохт ба ҳикмати Худованд.
Носохтагист кори хомон,
Натвон зи қазо кашид домон.
Пас, ҷумла чу бори худ кушоданд,
Диданд ба ҷо заре, ки доданд.
Рафтанд зи ҷо, ки бас аҷаб буд,
Ҳам мояашон ба ҷову ҳам суд.
Гуфтанд, ки ин ҳам аз Азиз аст,
Лутфест ба ҷову ҳила низ аст.
Яъне, ки дигар ба кому ноком
Бояд суи ҳазраташ задан гом.
Симе, ки баҳои гандуми ӯст,
Дар хонаи мо бувад, на некӯст.
Мегуфт ба ҳамраҳон азизе
Бе зар натавон харид чизе.
Онро, ки на сими камиёр аст,
Бо симу зари касе чӣ кор аст?
Дар равғани хеш агар бисӯзем,
З-он беҳ, ки чароғи кас фурӯзем.
Сими дигаре агар на вом аст,
Бар мову касони мо ҳаром аст.
Масъуд, назар ба зар маяндоз,
Бар сими касон назар маяндоз.
Бар сими касон назар ба тақсим
Дар дида гудохтан бувад сим.
Онон, ки ба шуъла дарнагиранд,
То худ наниҳанд, бар нагиранд.

## ОМАДАНИ ФАРЗАНДОНИ ЯЪҚУБИ НАБӢ БА ТАХТГОҲИ МИСР СОНИЯН ВА ҲАМРОҲ ДОШТАНИ ИБНИ ЁМИН, БАРОДАРИ ПАДАР-МОДАРИИ ЮСУФ, АЛАЙҲИТТАҲИЯ ВА-С-САНО

Фурқатзада пири нуктапардоз,
Аз парда чунин барорад овоз.
Овози гирифтаро кунад тез,
Ин гӯяду дидаҳо гуҳаррез.
К-он пири ҳазин магӯ кадомин,
Яъқуб, ки монд аз Ибни Ёмин.
Чун дод ризо ба ҳаҷри фарзанд,
Яъне, ба фироқ гашт хурсанд.
Бо ҳар писараш, ки роҳбин буд,
Шарте, ки ҳаменамуд, ин буд,
К-ин як писарам ҷаҳон надидаст,
Чизе, ки набояд, он надидаст.
Чун мардуми дида гарчи шуд хун,
Аз хонаи худ нарафт берун.
Гар з-он ки ба дӯш карда нозаш,
Бо хона наёваред бозаш.
Ё худ расад аз касаш газанде,
Озурда шавад зи нописанде.
Ё ҷавр кунед ҳеҷ бо вай,
Печед ба ҳеҷ печ бо вай.
Ман пеши Худои ғайбдон боз
Аз ҷаври шумо барорам овоз.
Печам зи шумову зор нолам,
В-ин рӯй ба раҳгузор молам.
Чандон ки яке ба ҷо намонед,
Гардед ҳалоку ҷон фишонед.
То даҳ писари дурустпайванд
Гаштанд яке ба аҳду савганд,
К-аз пеши пасин бародари хеш
Як лаҳза на пас раванд, на пеш.
Дар чашм кашанд гарди роҳаш,
Доранд ба чашми худ нигоҳаш.

Пас гуфт, ки ҷумла аз сари ҳуш
Гӯям сухане, кунед дар гӯш.
Он лаҳза, ки чун ситораву моҳ
Наздик шавад ба Мисратон роҳ,
Ногаҳ на, ки даршавед яксар
Ҳар ёздаҳи шумо зи як дар.
Бояд, ки чу безаре бар ояд,
Ҳар як ду-се аз даре дарояд.
То з-офати чашм захми мардум
Монед барӣ чу чархи анҷум,
В-он ҷумла ба шарти инчунинҳо
Ронданд ҷамоза з-он заминҳо.
Чун Каъбаравон ба гиряву сӯз
Рафтанд дурӯза раҳ ба як рӯз.
Чун Миср ба ин мақомашон шуд,
Айшу тараби тамомашон шуд.
Рӯзи дигар он замон, ки гардун
Кард олати сози худ дигаргун,
Хуршед ба тахти зар баромад,
Рӯз аз шаби тира бар сар омад.
Юсуф дари боргоҳ бикшуд,
Бар халқи замона роҳ бикшуд.
Он кас, ки нахуст сар зад аз дар
Буданд бародарон-ш яксар.
Ин як ба дуову он ба омин
Дар пеш фиканда Ибни Ёмин.
Юсуф чу зи дур дидашон боз,
Омад дилаш аз тараб ба парвоз.
Аввал ҳамаро чунон ки донӣ,
Бишмурд ба зери лаб ниҳонӣ.
Чун дид, ки номи ӯ баромад,
Бахт аз дару боми ӯ даромад.
Кардаш зи нишоти дил баландӣ,
Дар гиря шуд аз ниёзмандӣ.
Чун чеҳраи коми хештан дид,
Бигрист яке, яке бихандид.

Хандид, чу дид рӯи ҳамзод,
Бигрист, чу омадаш падар ёд.
Лекин ба тағофули зи ҳад беш
Биншаст фарози маснади хеш.
Якбора на ҷамъ, на парешон,
Рӯ сӯи касону дил ба эшон.
Чун шуд гаҳи он, ки роз пурсад,
Ҳоли баду нек боз пурсад,
Рафтанд бародарони зораш
Наздик ба остони бораш.
Гуфтанд пас аз дуои бисёр,
К-эй хоки дарат сипеҳри сайёр.
Он ёздаҳум бародар ин аст,
Ин аст туро баробар, ин аст.
Мо ваъдаи хеш рост кардем,
Раъйи ту ҳар он чӣ хост, кардем.
Имрӯз ту низ фикри мо кун,
В-он ваъда, ки кардаӣ, вафо кун.
Сад дом кананд, даст гардон,
То ваъда вафо кунанд мардон.
Гар ваъда ҳама ҷафову бим аст,
Ҳар кас, ки вафо кунад, карим аст.
Юсуф ба забони меҳрубонӣ
Бас лутф намудашон забонӣ.
Фармуд, ки хон кашандашон пеш,
Хоне, ки на хуш бувад аз он беш.
Хоне зада таън бар Сурайё,
Дар вай ҳама неъмате муҳайё.
Хоне чу сипеҳри гавҳарогин,
Пур моидаҳои чарбу ширин.
Нонаш самане, шукуфта зоте,
Полудаву шарбаташ наботе.
Меҳр оташи манқали кабобаш,
В-аз чашмаи зиндагонӣ обаш.
Хоне, ки чунин-ш ҳол бошад,
З-ӯ сер шудан муҳол бошад.

В-он гаҳ, ки чунин хуҷаста хоне
Ороста шуд чу гулситоне,
Фармуд, к-аз ин гурӯҳи мискин,
К-аз бехуришӣ шуданд ғамгин,
Он ҳар ду, ки чун ду дурри макнун
Аз як садаф омаданд берун,
Ҳамкоса шаванд ҳар ду бо ҳам,
Оянд бад-ин сифат фароҳам.
В-он ҷумла, чунонки буд рояш,
Шустанд ба фарши аршсояш.
Аз гуфтаи ӯ, ки чун маҳи пур
Мерехт ба хок донаи дур,
Гаштанд чу моҳи нав шукуфта,
Гуфтанд садаш дуо нуҳуфта.
Ҳар ду-ду ба рағбати тамоме
Хӯрданд зи хони ӯ таоме.
Илло, ки бимонд Ибни Ёмин
Танҳо чу алиф ба ҷамъи омин.
Оре, чи ситода, чи шитобон
Танҳо бувад Офтоби тобон.
Танҳост шаҳи бисоти шатранҷ,
Байдақ, ки пур аст, пур кашад ранҷ.
Танҳо сари неку бад надорад,
Танҳост, ки мисли х(в)ад надорад.
Ҳаст ар на ба дасти ростгӯе,
Танҳоии к-ӯ ҳазор накӯе.
Дар танҳоӣ басе суханҳост,
Бишнав, маҳи ман, на нек танҳост.
Юсуф чу бидидаш ончунон фард,
Шуд лолаи ӯ чу заъфарон зард.
Гуфташ: – Ту чаро зи ҷанби эшон
Дурӣ кунӣ, ар наӣ парешон?
Худ майли таом, донамат, ҳаст,
В-ар нест, дигар аз он макаш даст.
Бишкан, ки на сифла мизбонам
Нонпорае аз канори хонам.

Бе музд диҳам, агар диҳам нон,
Миннат наниҳам, агар ниҳам хон.
Дархурди ту гарчи неъмате нест,
Бипзир, ки музду миннате нест.
Алқисса, чу з-он мурувватоин
Он қисса шунид Ибни Ёмин,
Гуфташ: – На ба он кашидаам даст
Аз хони ту, к-андар ӯ каме ҳаст.
Ман даст ба худ зи хон набастам,
Фармони ту бастааст дастам.
В-онон, ки ба хон чунон нишастанд,
Ҳам амри туро чунон нишастанд.
Юсуф чу шунид гуфтаи ӯ,
Дарёфт ғами нуҳуфтаи ӯ.
Гуфташ, ки зи ман дар ин ғаму сӯз
Пеш ову бародарӣ биёмӯз.
З-ин ҷумла туро баробаре нест,
В-аз як модар бародаре нест.
Ман баҳри дили пурозари ту
Имрӯз шавам бародари ту.
Бошам ба ту соате чу ихвон
Ҳамкосаву ҳамнишину ҳамхон.
Гӯянд, ки Юсуфи дилафрӯз
Буд аз паси парда шиста он рӯз.
Он парда чу симгун саҳобе
Ҳоил шуда пеши Офтобе.
То чашми бародарони зораш
Ногаҳ бирасад ба рӯи кораш.
Чун чашми садаф, ки пур кунад дур,
Нашносандаш ба дидани пур.
Он дур, ки нуҳуфта ашкворест,
Дар чашми садаф ниҳон ба корест.
Охир чу нуҳуфта бо бародар
Биншаст чу Меҳру Маҳ баробар.
Меҳреву Маҳе зи ҳар карона
Хоне чу сипеҳр дар миёна.

Меҳреву Маҳеву Осмоне
Хуш хонаеву хуҷиста хоне.
Чун гашт зи лутфи бешумораш
Меҳмони азизи туъмахораш,
Гуфташ, ки манам бародари ту,
Биншаста чунин баробари ту.
Юсуф манам, он ғариби маҳҷур,
Андохта дурам аз падар, дур.
Дар чанги бародарон гирифтор,
Чун барра ба чанги гурги хунхор.
Афканда гаҳ ин ба хоки роҳам,
Он канда гаҳе ба роҳ чоҳам.
Онам баду бадсиришт хонда,
Инам ба бадӣ зи пеш ронда.
Афрӯхта ин ба гӯш пешам,
Бифрӯхта он яке ба ҳечам.
Охир ба инояти Худованд,
К-ӯ бандаду ӯ кушояд аз банд,
З-он меҳнати ҷонгудоз растам,
Чун кабк зи чанги боз растам.
Дидам чӣ бало чафову хорӣ,
То ёфтам ин азизворӣ.
Акнун ту нуҳуфта дор ин роз,
Дар гӯши бародарон маяндоз.
Баҳри дилам ин ҳадиси мушкил
Як ҳафта нуҳуфта дор дар дил.
Инро, ки зи ман шунудӣ аз нав,
Бо ҳеҷ яке магӯву машнав.
В-ар ман ба ҳиял туро аз эшон
Бистонам, аз он машав парешон.
Гирам, ба ту сад табоҳ гӯянд,
Корат ҳамагӣ гуноҳ гӯянд.
Хоҳӣ дили ман, бимон табоҳӣ,
К-охир ҳама он шавад, ки хоҳӣ.
Лек аз паи дафъи занни эшон
Мебош ту низ ҳам парешон.

Зоҳир ғаме ошкор мекун,
Ошуфтагие ба кор мекун.
Худро ба ғалат нажанд месоз,
Ошуфтаву мустаманд месоз.
Ман худ зи паи ту дар шитобам,
Пӯянда чу Моҳу Офтобам.
Наншинам, то ман эй бародар
Наншонамат инчунин баробар.
Он ҳол чу дид Ибни Ёмин,
Аз ҳол ба ҳол рафт мискин.
З-он шодии ногаҳон чунон шуд,
К-аш қуввати гуфтан аз забон шуд.
Аввал ба лабе чу ғунча хандон
Бигрист яке чу дардмандон.
Як дам заду дида ҷӯи хун рехт,
Пас гиряву ханда дар ҳам омехт.
Чун рӯи бародари дилафрӯз
Медиду ҳамефурӯхт чун рӯз.
Месуд ба шукри Эзади пок
Рухсори чу рӯзи хеш бар хок.
Он ҳол, ки дил – дараш намегашт,
Аз шодӣ бовараш намегашт.
Онро, ки дарид гурги хунрез,
Дасту сару по ба нохуни тез,
Ҳам хӯрд тамоми дасту ронаш,
Ҳам хӯрду шикаст устухонаш,
Танҳо на ки дасту гарданаш хӯрд,
Ҳар мӯй, ки буд бар танаш, хӯрд,
З-он тозаву тар таневу ҷоне
Нагзошт, ки монад устухоне,
Чун бошад, чунки бинияш боз
Бозанда чунонки буд аз оғоз.
Не рафта зи ҷой дасту пояш,
Не аз пай фитода ҳеҷ ҷояш.
По то сараш аз нишони дандон
Холӣ ба ҷуз аз даҳони хандон.

Ҷуз нохуни дасту по сару бун
Холӣ танаш аз нишони нохун.
Эй вой, ки ҳар кӣ рафт аз ин боғ,
Дар дида сиришку бар ҷигар доғ,
Дигар накашад чу сарв қомат,
З-ин хоки сияҳ, магар қиёмат.
Бозе бувад, ар барорам овоз,
К-аз олами рафта омадам боз.
Масъуд, ба гуфтугӯ замон рафт,
Аз рафта сухан магӯ, ки он рафт.
Тарки сару кори рафтагон кун,
Рафтан зи пай аст, фикри он кун.
Он кун, ки чу вақти рафтан ояд,
Ҷоне дигарат фаротан ояд.
Не он ки чу ҷон зи тан шавад дур,
Монад тани зормонда ранҷур.
Он раҳ рав, агар равӣ, к-аз ин пас
Тан пайрави ҷон бувад, ҳамин бас.

## БОЗ ДОШТАНИ ЮСУФ ИБНИ ЁМИНРО ДАР МИСР БА БАҲОНАИ СИРҚИ СОЪИ ЗАР, КИ БА ҲАМИН ҒАРАЗ ПИНҲОН СОХТА БУД, ДАР БОРИ ХОСИ БАРОДАР

Созандаи ин пиёлаи зар
Зарсоз, на заршикан, на заргар,
Чун бӯтаи дилгудоз бикшуд,
Зар рехт буруну ва роз бикшуд.
Ин гуфт пиёлаи зари ӯ
Аз Юсуфу аз бародари ӯ,
К-аз пеши бародари гиромӣ
Чун бозпас омад Ибни Ёмӣ,
Фармуд бародараш ба ёрон,
Не, не, ба яке зи роздорон,
То зуд зи гандуме чу дур пок,
Не кишта тиҳӣ зи мағзу пурхок.
З-он гандуми ҳамчу луълуи тар,
В-аз луълуи тар ду бор беҳтар

Аз хона бурун кашонд чандон,
К-он гурсунагон шаванд хандон.
Он ёздаро нахуст аз он дур,
Созанд, ҳар он чӣ ҳасташон пур.
В-он гоҳ ба ҳар фақири бекас
Чандон бидиҳанд, к-аш бувад бас.
Чун дод ба ёздаҳ бародар
Гандум чу бародарон баробар,
Пас, соъи заре, ки дошт дар пеш,
Биспурд ба дасти ходими хеш,
К-ин соъ, ки ҳаст бас гиромӣ,
Бигзор ба бори Ибни Ёмӣ.
Пинҳон кунаш ончунон дар он бор,
К-огаҳ нашавад касе аз он кор.
Чун маҳрами Юсуф аз сари ҳуш
Кард, он чи гирифта буд дар гӯш.
В-он қавм равон чу об дар ҷӯй
Карданд ба обу хоки худ рӯй.
Ҷамъе зи муқаррабони Юсуф
Омӯхтаи забони Юсуф
Рафтанд ҳамон ба амри он Моҳ,
Бас чобуку чуст пораи роҳ.
В-он гаҳ, ки ба корвон расиданд,
Ташнеъкунон забон кашиданд,
К-эй бесарупо ситамгаре чанд,
Дар шеваи бесарӣ саре чанд.
З-ин сон, ки Азиз кард осон
Душвори шумо ба лутфу эҳсон,
Ин чашм набуд ҳеҷ касро,
Ҷуз чашми гурусна як-ду хасро,
К-аз хон чу хуред обу нонаш,
Дуздед нуҳуфта обдонаш.
Ӯ сӯи шумо ба лутф рӯ кард,
Ин буд ҷазои он чи ӯ кард?
Дуздӣ кӣ кунад, дурӯғгӯе,
Ҳиндусират, сиёҳрӯе.

Коре, ки маломаташ бувад музд,
Дуздист, наузубиллаҳ аз дузд.
Дуздӣ, ки хасанд хосу омаш,
Нангест, ки дуздияст номаш.
В-он ҷумла чу он сухан шуниданд,
Якбора нафир баркашиданд,
К-ин кори бад аз диёри мо нест,
Коре, ки бад аст, кори мо нест.
Аз хор дамад гулу зи гул хор,
В-аз мо ба Худо, ки н-ояд ин кор.
Гар барг в-агар наво надорем,
Ин кор ба худ раво надорем.
Гуфтанд: – Агар ин пиёлаи зар
Аз бори шумо баровард сар,
Онро чӣ ҳаду баён чӣ бошад?
Алқисса, ҷазои он чӣ бошад?
Он, к-ин бари ӯ бувад, чу ҷӯед,
Бо ӯ чӣ кунем, худ бигӯед.
Гуфтанд се сол банда бошад,
Чун банда сар ӯ фиканда бошад.
Берун набарад ба ҳар каму беш
Аз бандагии шумо сари хеш.
Гӯед, махор сар, нахорад,
Ҳам об кашад, ҳам оташ орад.
Пӯяд чу ғуломи зархарида
Дар бандагии шумо ба дида.
В-онон, ки паи пиёлаи зар
Буданд чу ранги зар ба озар,
Яъне, ки чу оташе фурӯзон,
Ё меҳри мунири нимрӯзон,
Буданд ҳамон ба кори худ гарм,
Пӯёну давон, вале ба озарм.
Аввал ба ҳиял зи бори мардум
Ҷустанд пиёлае, ки шуд гум.
Пас рӯй битофтанд аз эшон,
З-он рӯ, ки наёфтанд аз эшон.

Оқил беҳ, агар инон битобад,
З-он чиз, ки ҷӯяду наёбад.
Ҳарчанд, ки бештар шитобӣ,
Аз ҳар камаре гуҳар наёбӣ.
Шаккар, ки ба сад хурӯш ёбанд,
Дар бори шакарфурӯш ёбанд.
Кайфийяти ҷуръаи маи ноб
Н-ояд зи ду ман шароби уннob.
Аз гург тамаъ макун шубонӣ,
З-он сон, ки зи дузд посбонӣ.
Бори дигар он пиёлаи зар
Ҷустанд зи бори даҳ бародар.
Аввал зи бародаре, ки сар буд,
В-аз ҳар дигаре бузургтар буд.
Ҷустанду дигар зи кеҳтар аз вай
То нома зи сар расид бо пай.
Чун тир расид бар нишона,
Шуд тоза итобро баҳона.
Яъне, чу пиёлаи гиромӣ
Ҷустанд зи бори Ибни Ёмӣ,
Бар кард сар он пиёлаи зар
З-он гандуми шуста ҳамчу гавҳар.
З-он сон, ки бароянд аввали шаб
Қурси Қамар аз миёни кавкаб.
Баъд аз ҳама гуфтугӯ чу охир
Он рози нуҳуфта гашт зоҳир,
Монданд бародарони дарвеш
З-он кор сар ӯ фиканда дар пеш.
Аз нанги чунон хатои мункар
Дар ҷанг шуданд бо бародар.
К-эй номасиёҳи тирафарҳанг,
Номи ту зи пой то ба сар нанг.
Номи падарат, ки бас накӯ шуд,
Аз нанги ту дар замин фурӯ шуд.
Коре кардӣ чунон, к-аз он кор
Мондӣ абадулабад гирифтор.

Танҳо на, ки кори инчунин дун
Бо худ кардӣ, ки хун хурӣ, хун.
Номуси падар ба бод додӣ,
Аз чашми бародарон фитодӣ.
Кардӣ пайи орзуи худро
Чун банда сиёҳ рӯи худро,
То мондӣ аз ин сиёҳрӯӣ
Дар бандагиву табоҳгӯӣ.
В-онон, ки зи баҳри кашфи ин роз
Буданд баланд карда овоз,
Чун дузди матои хеш диданд,
Чун дуздонаш миён кашиданд.
Бигрифта миён кашон-кашонаш
Бурданд бурун аз он миёнаш.
В-аз ҷумлаи даҳ бародари вай
Рафтанд чаҳор-панҷе аз пай.
Гуфтанд Азизро ба зорӣ,
К-эй дархури сад азизворӣ,
Ҳарчанд к-аз ин ҷавони ҷоҳил
Ин қисса ғариб нест ҳосил,
Зеро ки бародари дигар дошт,
Ӯ низ нуҳуфта ин ҳунар дошт.
Лекин падарест пиру зораш,
Гирд омада меҳнати ҳазораш
Аз насли паямбарони номист,
Худ низ паямбари гиромист.
Дерест, ки аз фироқи фарзанд,
Дорад дилу дида ҳар ду дар банд.
Аз фурқати он як инчунин аст,
К-аш ҳар нафас оҳи оташин аст.
Ин низ агараш зи дар шавад дур,
Бозаш зи ду чашми тар шавад нур.
Он гуна аз ин ғами ҷигартоб
Гиряд, ки замонаро барад об.
Зораш меписанд гиря з-ин беш,
Аз гиряи зори ӯ биандеш.

Аз мо дигарон ҳар он, ки хоҳӣ,
Бипзир ба узри ин табоҳӣ.
То бандагии ту пеша созем,
В-аз бандагии ту сарфарозем.
Ҷон пеш кашему дил мудомат,
Бошем ба ҷону дил ғуломат.
Юсуф чу шунид гуфти эшон,
Гуфт: – Ин суханест бас парешон.
Ӯ зад дари кори инчунин паст,
Ман дар дигаре чаро занам даст?
Ин кор агар бад, ар накӯ кард,
Ҳар чиз, ки кард, боре ӯ кард.
Ӯ ҷурм кунад бад-ин ниҳоят,
Чун бар дигаре бувад ҷиноят?
Гирам, ки ситам гар ин кунам ман,
Кай худ ситаме чунин кунам ман?
Ман баҳри дили шумо ба икроҳ
Ин кор кунам, наузубиллоҳ.
Охир, ки бародаронаш аз пеш
Рафтанд ба хории зи ҳад беш.
Он як, ки бузург буд аз эшон,
Вомонд ба Миср ӯ парешон,
К-аз дарди падар дилаш ба ҷон буд,
Вомондани ӯ ба Миср аз он буд.
Ҳам буд зи шарти худ ҳаросон,
Оре, на ки мурдан аст осон.
Ҳам дошт зи шарм сад низорӣ,
Маргест бузург шармсорӣ.
Рафтанд дигар бародаронаш,
Монданд ба ғам ҳам ончунонаш.
Пас пеши падар шуданд ғамгин,
Ҳам он ба фиғону нола ҳам ин.
Гуфтанд, ки «Эй падар, Худоро,
Бишнав чӣ ба сар расид моро».
Он дам, ки диле ба кор бастем,
В-аз кишвари Миср бор бастем,

Як манзил аз он билоди обод
Дар бодия тохтем чун бод.
В-он дам, ки инони худ кашидем,
Яъне, ки ба манзиле расидем,
Ҷамъе зи пай омаданд моро,
Бар сихи ҷафо заданд моро.
Гуфтанд як обхораи зар
Омехта пушту рӯ ба гавҳар
Аз хони Азиз дӯш гум шуд,
В-аз мо ҳама ақлу ҳуш гум шуд.
Худ ғайри шумо, ки ҳамзабонед,
Ҳар panҷу шаш аз як ошёнед,
Кас пешу пасе набуд он ҷо,
Бегона касе набуд он ҷо.
Пас ҷумла ба бор дарфитоданд,
Бастанд, яке, яке кушоданд.
Якбора ба ҳар ғалатшуморе
Ҷустанд, зи ҳар кӣ дошт боре.
Охир, ки зи бори Ибни Ёмин,
К-аш дида пуроб бод, омин!
Ҷустанд равону ёфтандаш,
Пас даст чу дузд тофтандаш.
На зории зори ӯ шуниданд,
На даст зи хорияш кашиданд.
Бурданд ба зории ҳазораш
То пеши Азиз хору зораш,
То монд чунон на сар, на сомон
Дар мартабаи дигар ғуломон.
Худ баст ба хирагиву хомӣ
Дар гардани худ хати ғуломӣ.
Мо саъй ба ҳадди хеш кардем,
Бал, к-аз ҳади хеш беш кардем.
Ҳарчанд, ки пеши кори ӯ беш
Рафтем, нарафт коре аз пеш.
Шамъун чу яке чароғи сӯзон,
Не, не, ки чу оташи фурӯзон

Дар Миср бимонд аз ин хиҷолат,
Танҳо ба дилеву сад маломат.
В-ар гуфтаи мо на рост гӯӣ,
В-ин нукта гуноҳи мост гӯӣ,
Буданд ба мо дар ин задугир
Бас мардуме аз ҷавону аз пир.
Ин рози ниҳон бипурс аз эшон,
В-аз мо дили худ макун парешон.
Яъқуб дигар фиғон баровард,
К-аш нахли умед он бар овард.
Гуфт: – Ин чӣ баҳонаҳои суст аст?
Набвад сари ҳар чӣ нодуруст аст.
Худ нест чунин, ки бошад ин бор
Мар нафси шумо барӣ аз ин кор.
Ман сабр кунам, вале дар ин сӯз
То з-ин шаби тира сар занад рӯз.
Ҳам оқибатам нуҳуфта донӣ,
З-он гумшудаҳо диҳад нишонӣ.
Ман з-он ки сифоти ӯ қадим аст,
Навмед наям, Худо карим аст.
Онҳо, ки ман аз Худои олам,
Донам зи ҳазор беш ё кам,
Гар кор ба Осмон расонед,
Донам, ки шумо яке надонед.
Боре, биравед бори дигар,
Не аз паи ҳеҷ кори дигар.
Ҷӯед магар ба ҳар маконе
Аз гумшудагони ман нишоне.
Бошед зи дида ашкборон,
Ҳамқофилаи умедворон.
З-он, к-аз сияҳӣ кунад сапедӣ,
Куфрест бузург ноумедӣ.
Он, к-ӯ кунад аз шабе чунон тор
Рӯзе чу гули шукуфта аз хор,
Ҳам битвонад, ки дар чунин рӯз
Рӯзӣ кунадам шаби дилафрӯз.

Ё дар шаби инчунин фусурда
Биншаста чароғу шамъ мурда.
Рӯзӣ диҳадам чу хурраму шод,
Чун рӯзи ҷавонӣ аз ғам озод.
Сад шукр, ки ҳар шаби сиёҳе
Дорад зи пай Офтобу Моҳе.
Шабро, ки зи тирагист дар сӯз,
Рӯзе зи пай аст оламафрӯз.
В-он рӯз, ки фитна хезад аз вай,
Дорад шаби орамида аз пай.
Шодам, ки мудом ғам намонад,
Гарчи дили шод ҳам намонад.
Ғам пешрави бисоти шодист,
Шодӣ бари нахли номуродист!
Масъуд, ба номуродии хеш
Хуш бош, ки шодӣ оядат пеш.
Рӯзе ду ба интизори шодӣ
Хуш мегузарон ба номуродӣ.
В-он дам, ки шавӣ чу ғунча шодон,
Мехур ғами кори номуродон.
Алқисса, бикӯш, то тавонӣ
Бе ғам манишин, дигар ту донӣ.

## РАФТАНИ БАРОДАРОНИ ЮСУФ БОРИ ДИГАР БА МИСР ВА ЗОҲИР ГАРДОНИДАНИ ЮСУФ СУРАТИ ҲОЛИ ХУД ВА АФВ КАРДАНИ ҶАРОИМИ ЭШОН ВА ФИРИСТОДАН ПИРОҲАНИ ХУШБӮИ ХУДРО БАРОИ ПАДАРИ ПАРЕШОН

Субҳе, ки сипеҳри тирапарвоз
Дар бар рухи орзу кунад боз,
Зоғи шаби тира ашкрезон
Аз бози фалак шавад гурезон.
Бе таблаки бозу тозиёна
Бозӣ кунад ашҳаби замона.
Шабдези шаб аз миён шавад гум,
Дил соф кунад сипеҳр аз анҷум.

Коре ҳама кас ба пеш гирад,
Ҳар кас паи кори хеш гирад.
Аз шоҳ гирифта то ба дарвеш,
Ҳар кас кунад, он чи оядаш пеш.
Ҷамъе паи коми хеш пӯён,
Пӯён гуми хешу комҷӯён.
Ҷамъе каму коми худ гирифта,
Роҳи дару боми худ гирифта.
Ин карда зи Шом рӯй дар Рум,
Он монда зи Шому Рум маҳрум.
Инро зи ду дида пой дар гил,
В-он боркашон ба дидаву дил.
Он рахнаи дарди сар гирифта,
Бор аз дили хеш баргирифта.
Гӯён шуда ҳар яке ба ҳар боб,
Ин як паи оташ, он паи об.
Дар соате инчунин дилангез
Ҳам оби равон, ҳам оташи тез.
Карданд бародарони Юсуф
Рӯ ҷониби Миср бе таваққуф.
Дар хона ҳар он чи будашон, низ
Бурданд басе ба худ аз он чиз.
Карданд ба саъю кӯшиши пур
Пур пашму панир як – ду уштур.
З-он бор, ки кам набуд бисёр,
Рафтанд ба Миср бас гаронбор.
Рӯ ҷониби орзу ниҳоданд,
Бар хоки ниёз рӯ ниҳоданд.
Рафтанд ба ашку оҳ ҷоҳо,
Гуфтанд Азизро дуоҳо.
В-аз баъди дуо чунонки бояд,
Не, не, ғалатам чунонки ояд,
Он ҳар чӣ ки доштанд ҳамроҳ,
Бурданд ба он хуҷаста даргоҳ,
К-инҳо бипазир аз ин фақирон,
Моро ба хатои мо магирон.

Ҳам гурсунагии мо даво кун,
Ҳам фикри гуруснагони мо кун,
К-аз гуруснагӣ табоҳ гаштанд,
Ҳамкосаи ашку оҳ гаштанд.
Моро ту ба шукри некбахтӣ
Гандум деҳу ворахон зи сахтӣ.
В-он ҷоҳили зормондаро ҳам
Мапсанд асири меҳнату ғам.
Ӯ бандаи сарфикандаи туст,
Озод кунаш, ки бандаи туст.
Бифристу мадор зери бораш
Пеши падари бузургвораш,
К-аз дурии ӯ дилаш ба тоб аст,
Дур аз ту чӣ ҳоли ӯ хароб аст.
Буд аз ғами Юсуфаш дарун реш,
Бар реш зад ин ғамаш дигар неш.
З-ин ҳар мижааш чу нештар шуд,
В-он реш, ки дошт, бештар шуд.
Бар вай, ки ба лаб расида ҷон аст,
Раҳме бинамо, ки ҷои он аст.
То ними шабеву субҳгоҳе
Оҳе накашад зи сина, оҳе.
З-он шамъ, ки оҳи ӯ фурӯзад,
Тарсам, дили нозукат бисӯзад.
Бисёре аз оташи фурӯзон
Сӯзандатар аст оҳи сӯзон.
Он қад, ки хамида чун камон аст,
Оҳаш ҳама тир бар нишон аст.
В-он оҳ бубин, ки шуд ба тақдир
Худ рост чу тиру чанбари тир.
Тире заду ҳарфи мухталиф шуд,
Ҳо чанбару чӯби тир алиф шуд.
Бар сангдилон чу оҳани тез
Пайкони вай аст оташангез.
Чарх аз тафи оҳ хира гардад,
Ойина зи оҳ тира гардад.

Оҳе, ки кашид нотавоне,
Оташ фиканад ба хонадоне.
Як оҳ нуҳуфта дар замонҳо
Пур сӯхтааст хонумонҳо.
Тире, ки ба Осмон-ш роҳ аст,
На тири най аст, тири оҳ аст.
Юсуф ба бародарон дигар бор
Даррафт, чунонки шуъла дар хор.
Пас гуфт, ки ин чӣ гуфтугӯҳост?
Дар ҳар сухане нуҳуфта рӯҳост.
Паймудани ҷид ба бозӣ ин аст,
Дуздиву забондарозӣ ин аст.
Гӯед ба ҳар дурӯғ панде,
Ҳастед дурӯғгӯй чанде.
Аз гуфтанатон расад дуруштӣ,
Куштан бувад ин қадар, на куштӣ.
Тосест ба хона дар – ниҳонам,
К-ӯ гӯяд рози ин ҷаҳонам.
Ман рози шумо бипурсам аз вай,
Шояд, ки барам ба коратон пай.
В-он гоҳ, ки тоси худ талаб кард,
Бингар, ки чӣ бозии аҷаб кард.
Гардун ба ҳазор чорасозӣ
З-ин гуна накард тосбозӣ.
Аз тос ба чӯб роз пурсид,
Асрори нуҳуфта боз пурсид.
Тос он ҳама бозии ниҳонӣ
Гуфташ ба забони безабонӣ.
Пас рӯ ба бародарони худ кард,
Ифшои ғами ниҳони худ кард,
К-ин тос чунин кашида овоз
Як-як амали шумо кунад соз.
Гӯяд чиҳилу ду сол аз ин пеш
Кардед дили падар ба ғам реш.
Будаш писаре аҷаб гиромӣ
Гардидаш аз ӯ ҷудо ба хомӣ.

Бурдед ба хоку хун кашонаш,
Чандон ки ба лаб расид ҷонаш.
Гоҳаш ба миён задед домон,
Гоҳеш задед чун ғуломон.
Чун даст зи лат задан кашидед,
Пироҳанаш аз бадан кашидед.
Исбот накарда як гуноҳаш,
Кардед ҷафокунон ба чоҳаш.
Ин гуфту чунон ки кард аз оғоз,
Зад бар лаби тос чӯбаке боз.
Он тос забони роз бикшуд,
Он дар, ки бубаст, боз бикшуд.
Юсуф ба бародарон дигар бор
Гуфт: – Эй ҳама пой то ба сар хор,
Ин тос, ки ҳар ғами ниҳоне
Гӯяд ба фасеҳтар забоне
Гӯяд, ки чу он фақири хаста
Бо пову сари шикаста баста
З-он чоҳ ба лутфи Эзади пок
Сар кард бурун чу сабза аз хок.
Яъне, чу ба далву ресмонаш
З-он чоҳ кашид корвонаш.
Дигар ҳама бар сараш давиданд,
Теғи ситамаш ба сар кашиданд.
Аз тоби итоб сӯхтедаш,
Дар сӯхтагӣ фурӯхтедаш.
Чун он ҳама хории паёпай
Кардед ба ҳар баҳона бо вай,
Пироҳани ӯ задед дар хун,
Гардид амомаҳо дигаргун.
В-он пираҳани ба хун кашида
В-аз кашмакаши шумо дарида,
Пеши падари шикаста бурдед,
Сад гуна дурӯғ баршумурдед.
Гуфтед ҷазаъкунон саросар,
К-ин пираҳан он, ки дошт дар бар,

Гургаш бидариду хӯрд андом,
Инҳо кӣ кунад, магар даду дом?
В-он ҷумла ба он ҳикояти рост
Гаштанд, чунон ки хасмашон хост.
Рафтанд зи ҳуши худ замоне,
Ҷон рафтаву монда ними ҷоне.
Дар пой на зӯри он ки пӯянд,
На монда забон, ки роз гӯянд.
Гуфтанд: – Ту Юсуфӣ ҳамоно,
З-ин гуна тавонгару тавоно.
Рухсораи худ зи мо чӣ пӯшӣ?
Кардем бадӣ, дар он чӣ кӯшӣ?
Гуфто, ки бале, манам, ки гардун
Кард аз манатон чунон дигаргун.
Юсуф ману бо ман Ибни Ёмин
Чун аз паи фитнаҳост омин.
Таскини дили пурозарам ӯст,
Ман Юсуфаму бародарам ӯст!
Пас парда зи пеши рӯй бардошт,
Бинмуд, чӣ к-он ба парда – дар дошт.
Бечора бародарон чу диданд,
Он рӯй, ки дар Замин кашиданд.
Аз шарм арақкунон чу анҷум
Гӯйӣ, ки шуданд дар Замин гум.
Гуфтанд ба он, ки Эзади пок
Бардошт туро чу ҷавҳар аз хок,
Бигзид зи мо ба фарру фарҳанг
Чун гавҳару сим аз оҳану санг.
Моро ба дари ту чун ғуломон
Овард на сар ба хона сомон.
Шукре куну ҷурми мо фурӯ пӯш,
Домони инояте бар ӯ пӯш.
Ҳарчанд хатои мост бисёр,
Афве куну интиқом бигзор.
Онро, ки бувад ба ном меҳтар,
Афве зи сад интиқом беҳтар.

Бахшоишу лутф баъди хорист,
Раҳмат силаи гуноҳкорист.
Ҳаст он, ки ба инсу ҷон диҳад ҳуш,
Ҳам узрпазиру ҳам хатопӯш.
Гар номафиристи хавфу бим аст,
Як номи бузурги ӯ карим аст.
Бо мо, ки каси туем ё ту
Он кун, ки карим кард бо ту.
Мо худ зи гуноҳи худ ба тобем,
Муставҷиби оташи итобем.
Гар хор занӣ, дигар канӣ хор,
Ҳастем ба беш аз ин сазовор.
Узри гунаҳе, ки бас табоҳ аст,
Узрест, ки бадтар аз гуноҳ аст.
Лутфи ту магар ҳам аз сари ҳуш
Беҳушии мо кунад фаромӯш.
Дорем сад он қадар, ки гӯӣ
Шармандагиву сиёҳрӯӣ.
Некии ту узрхоҳи мо бас,
Ту некиву мо бад, ин туро бас.
Юсуф чӣ ҷавоб гуфташон боз,
Бишнав, ки шунид, нест ин роз.
Гуфт: – Он чи ман аз шумо кашидам,
В-аз ҳар якатон чиҳо, ки дидам,
Имрӯз бишустам аз дил онро,
Обе задам оташи ниҳонро.
Гаштам, зи ҳар он чи рафт хомӯш,
Кардам ҳамаро зи дил фаромӯш.
Ҳақ низ гуноҳатон магирод,
В-онҳо, ки гузашт, дарпазирод!
В-он ҳуҷҷати бандагӣ, к-аз аввал
Карданд ба номи ӯ мусаҷҷал,
Овард зи ҷайби хеш берун,
Пас дод равон ба дасти Шамъун.
К-ин хат ту навиштаӣ ба номам
Он рӯз, ки хондаӣ ғуломам.

Ҳам худ бидару бишӯ ба обаш,
Худ ёд макун ба ҳеҷ бобаш.
Пас пираҳане, ки дошт дар бар,
Барканду ниҳод дар баробар.
Тар сохт ба дидаи пуробаш,
Яъне, ки ба дида зад гулобаш.
В-он гаҳ ба бародарони худ гуфт,
К-эй тоқ зи ҷаҳлу бо хирад ҷуфт.
Хоҳам, ки яке зи даҳ бародар
Дар пӯягарӣ бароварад пар.
Аз боди равон барад такупӯй,
Пӯён ба суи падар кунад рӯй.
В-он гоҳ ба зории тамоме
Аз ман бирасонадаш саломе.
Чун банда сар афканад ба пояш,
Гӯяд зи забони ман дуояш.
Созад қади чун алиф хамида,
Бӯсад кафи пои ӯ ба дида.
Ин пираҳани маро, ки бо ман
Умрест кашида по ба доман,
Рӯзам ба намоз буда ҳамдӯш,
Буда шаби роҳатам ҳамоғӯш.
З-ӯ ояд бӯи ин камина,
Чун бӯи гулоб аз обгина.
Бар дидаи ӯ ниҳад замоне,
В-аз бӯи манаш диҳад нишоне.
То бу, ки ба бӯи ман дигар бор
Равшан шавадаш ду дидаи тор.
В-он гоҳ бародарон саросар,
Хешон ҳама муфлису тавонгар.
Бо он падари ягона ҳамроҳ
Чун қофилаи нуҷум бо Моҳ.
Оянд ба назди ман, ки то ман
Сар бар қадамаш ниҳам чу доман.
Бӯсам ба дуош дасту по ҳам,
Сад узр бихоҳам аз шумо ҳам.

Бошад, ки ба ҷои ҳар газанде
Бо ҳам бошем рӯзи чанде.
То чанд зи ҳаҷр хаста бошем,
В-аз дурӣ дилшикаста бошем?
Рӯзе ду кунем шодмонӣ,
Гирем зи ғам хати амонӣ.
То кай ғами ҳаҷру сӯз бо ҳам?
Орем шабе ба рӯз бо ҳам.
Ин гуфту сад асби бодрафтор
Дар пӯя ду чун сипеҳри сайёр
Якчанде аз он чу зардаи меҳр
Паррандаву номашон паричеҳр.
Якчанд саманди оҳанинсум,
Аз айб тиҳӣ зи гӯш то дум.
Чанде шуда зоҳиран мураккаб
Аз ашҳаби рӯзу адҳами шаб.
Якчанде ҳамчу хинги гардун,
Сад бор бурида кӯҳу ҳомун.
Чандин шутури ситудаманзар
Пурнеъмату нозу як шутур зар
Ҳамроҳи бародарони худ кард,
Як марҳамату дусад мадад кард.
Оре, ҳама коре аз накӯён
Некӯст, чӣ шиставу чӣ пӯён.
Худ ҳеҷ бад аз накӯ наёяд,
Чизе, ки бад аст, аз ӯ наёяд.
Талхӣ зи шакар ҳадиси хом аст,
Талх аст ҳақ, ин қадар тамом аст.
Хуршед тиҳӣ набошад аз нур,
Сахт аст Замину Осмон дур.
Доим набувад ситора дар ҷанг,
Кон гоҳ гуҳар диҳад, гаҳе санг.
Доно нашавад зи рост дар тоб,
Шаб тираву равшан аст Маҳтоб.
Аз Зуҳраву Муштарӣ ба одат
Ёбӣ тарабу барӣ саодат.

Миррих занад ба реши дил неш,
Кайвон-т нахуст оварад пеш.
Бӯи баду боз мушки чинӣ
Дуранд зи ҳам, магар набинӣ.
Амрест муҳол хушкӣ аз об,
З-он сон, ки тарӣ зи оташи ноб.
Дар ҳар коре гулеву хорест,
Ҳар хору гуле барои корест.
Кор аз баду неку куҳнаву нӯст,
Бад низ ба кори хеш некӯст.
Масъуд, агар бад, ар накӯӣ,
Хуш бош, ки неку бад аз ӯӣ.
Он, к-ин ҳама неку бад аз ӯ шуд,
Ӯ кард, агар бад, ар накӯ шуд.
Бо он ки ту бас камӣ зи ҳар хас,
Гар бандаи хеш хонадат, бас.

## РАСИДАНИ ПИРОҲАНИ ЮСУФ БА ПАДАРИ НОБИНО ВА РАВШАН ШУДАНИ ЧАШМИ ПАДАР БА РОИҲАИ ПИРОҲАНИ ҚУРРАТУЛАЙН БА ҲУКМИ АЛҚУВВАТУ АЛО ВАҶҲИ АБИЁТ БАСИРАН

Туғрокаши ин хуҷиста нома
Ин рехт бурун зи нӯки хома,
К-аз Юсуфу он карам, ки ӯ кард,
В-он марҳамате, ки рӯбарӯ кард,
Гаштанд бародарон чунон шод,
К-аз шодӣ рафташон ғам аз ёд.
З-он ҷумла яке, ки дар бидоят
Кард он ҳама бад аз ӯ сироят
Ҳам боиси он ҳама задугир
Ӯ буд вале ба ҳукми тақдир
Бо ҷумла бародарон чунин гуфт,
В-он буд дуре, ки бар яқин суфт,
К-он пираҳане, ки мо ба хорӣ
Чун барг зи лолаи баҳорӣ

В-он гаҳ зи бародаре чунин нағз,
Эй мо ҳама устухону ӯ мағз,
Кандему варо ба чаҳ фикандем,
В-онро, ки аз ӯ ба ҷавр кандем,
Ман сохтамаш равон ба хун тар,
Бурдам ба бари падар чунон тар.
Гуфтам, ки дарид гурги хунрез
Мар Юсуфро ба нохуни тез.
Хӯрдаш тану дасту пову сар пок,
Ҷуз пираҳане, ки монд бар хок.
Чун воқиае чунин ҷигарсӯз
Ман гуфтаму кардамаш сияҳрӯз,
Ин низ, ки канд Юсуф аз бар,
В-аз оби ду дида сохташ тар.
Комест, ба комҷӯ расонам,
Ҳам ман бибарам, ба ӯ расонам.
Ин гуфту шуд аз бародарон пеш,
З-он сон, ки нарафт бод аз он беш.
Бо пираҳане чу барги гул пок,
Чун пой бурун ниҳод аз он хок,
Яъқуб, ки буд дилшикаста,
Дар байти ҳазан ҳазин нишаста.
З-он сон, ки ба лаб расид ҷонаш,
Оҳе заду гуфт бо касонаш,
К-ин дам расадам зи олами ҷон
Бӯе, ки чу бӯи Юсуф аст он.
Омад зи диёри Миср боде,
Овард шамомаи муроде.
Аз Юсуфи ман расонд ногоҳ
Бӯе, ки баромад аз дилам оҳ.
Он бод, ки бӯи ёр дорад,
Раҳ бар гулу лолазор дорад.
Боде, ки диҳад зи дӯстон ёд,
Сад ҷон нарасад ба гарди он бод.
Боде, ки зи дурмонда ёре
Бӯе набарад ба хоксоре.

Бодест, ки аз гулаш хазон беҳ,
Бодест, ки гирдбод аз он беҳ.
Гарде, ки зи пои дилбар аст он,
Равшанкуни дидаи сар аст он.
Он аст яқин, ки бе гумонаш
Дар дида кашанд мардумонаш.
Он бӯй, ки куҳнаро кунад нӯ,
Пироҳани гул надорад он бӯ.
Боре чу аз он шикастахотир
Ин рози нуҳуфта гашт зоҳир,
Гуфтанд касонаш: – Ин чӣ роз аст?
Шаб кӯтаҳу гуфтугӯ дароз аст.
Аз Юсуфу марги ӯ чиҳил сол
Бигзашту туаш чунон ба дунбол.
Дил хун шуду ин хаёли ботил
Берун нашудат замоне аз дил.
Он гург, ки Юсуфи туро хӯрд,
Ӯ низ басе гузашт, то мурд.
Ту дар паи ӯ ҳанӯз пӯён,
Ин нест ҳадиси ростгӯён.
Чандон бигиристӣ дар ин ғам,
К-аз дида баромадӣ, зи дил ҳам.
В-ин ғам, ки фузуда мушкили туст,
Дил рафту ҳанӯз дар дили туст.
Алқисса, бад-ин ҳадиси ҷонсӯз
Чун рафт ба сар қариб даҳ рӯз,
Он як писараш, ки дошт ҳамроҳ
Пироҳани он ситуда дилхоҳ,
Ногоҳ зи дар даромаду гуфт:
К-эй ҷони ту гашта бо яқин ҷуфт.
Аввал ба адаб салом кардаш,
Пас маъзарати тамом кардаш.
Гуфташ, ки башоратест бо ман
Ҷонбахш, чунонки боди баҳман.
Бишнав, ки яке бигӯям онро,
Аз дил барамат ғами ниҳонро.

Юсуф, ки варо ба нохуни тез
Гуфтем, ки кушт гурги хунрез,
Дар Миср, чунон ки буд аз оғоз,
Зиндасту қарини неъмату ноз,
Халқе, ки нуҳуфта сар ба роҳаш,
Хонанд Азизи подшоҳаш.
Худ подшаҳе ҷуз ӯ надидем,
Ҳарчанд ба ҳар тараф давидем.
Бо ӯст нишаста Ибни Ёмӣ,
З-он гуна, ки ҷону дил гиромӣ.
В-аз мо аламе, ки буд дида,
Ё хориву меҳнате кашида,
Шуст он ҳамаро ба лутфу эҳсон
Аз лавҳи замир чусту осон.
Моро ба гуноҳи мо хиҷил кард,
В-он гоҳ гуноҳи мо биҳил кард.
Бахшид, чӣ хайру шар, ки кардем,
Бар мо нагирифт, ҳар чӣ кардем.
В-аз ҳақ ба дуо наҷоти мо хост,
Омурзиши мо ба сад дуо хост.
В-аз баҳри ту дида пур зи хун кард,
Пироҳани худ зи тан бурун кард.
Фармуд ба ҳурмати тамомат
Аз роҳи ниёз сад саломат.
Гуфт аз пайи он ҳазор зорӣ,
Дар нола чу абри навбаҳорӣ,
К-эй хоки дарат ба чашми ман нур,
З-ин беш мабошам аз назар дур.
Сӯям қадам аз раҳи карам неҳ,
Бар дидаи равшанам қадам неҳ.
Маншин, ки мабод бас чунин кас
Дар байти ҳазан ҳазин аз ин пас.
Аз Шом ба мулки Миср неҳ гом,
Бар мардуми Миср рӯз кун шом.
Рӯи ту маҳест бас шабафрӯз,
Рӯзе кун аз ӯ шаби маро, рӯз.

Гар з-он, ки ишорати илоҳӣ
Чун бар сари банда ҳукми шоҳӣ.
Будӣ, ки ман он тараф кашам рахт,
Равшан кунам аз ту дидаи бахт.
Ман сохтаме зи сар равон пой,
Сӯи ту давидаме ба он пой.
Бӯсидаме остонаи ту,
Сокин шудаме ба хонаи ту.
Пас пираҳане, ки дошт ҳамроҳ,
Бикшод чу ғунча дар саҳаргоҳ.
В-онро бигузошт соате хуб
Бар дидаи ашкбори Яъқуб.
В-он пир чу бӯи пираҳан ёфт,
Нуре ба ду чашми хештан ёфт.
Чун дид, ки ҳаст бӯи ёраш,
Равшан шуд ҳар ду чашми тораш.
Хам шуд чу надидазеҳ камоне
Дар саҷдаи шукр як замоне.
В-он дам, ки зи саҷда сар баровард,
Оҳи дигар аз ҷигар баровард.
Бигрист яке зи шодии пур,
З-он гуна, ки сохт гуна пурдур.
Пас гирякунон дури сухан суфт,
Бо аҳлу аёли хештан гуфт,
К-охир на, ки гуфтаме мани зор
К-охир дамадам гуле аз ин хор?!
Ҳам рӯзе аз ин ғами ниҳонам
Осудагие расад ба ҷонам.
Ҳам тирашабам расад ба рӯзе,
Аз чун Маҳу Меҳри шабфурӯзе.
Аз тирашаби чунин муқаддар
Сар дар кунад Офтобе аз дар?!
Инак, ғами ман намуд поён,
Шуд субҳи умеди ман намоён.
З-он баршуда номҳои зораш,
Бар дод ниҳоли интизораш.

Чашмам, ки надидӣ аз ду газ роҳ
Дар равшании ситораву Моҳ,
Будиш миёни рӯзи равшан,
Чи гулхани тиравү чи гулшан.
Алминнату лиллаҳ, инак, аз дур
Бинад ба шаби сиёҳ пайи мӯр.
Шаб хор зи по бичинад осон,
Дар рӯз Суҳо бубинад осон.
Аз раҳмати ҳақ, ки бас яқин аст,
Ин аст далели равшан, ин аст.
Ӯ кард, ки кард боғу гулшан
Баъд аз шаби тира рӯзи равшан.
Дар дидаи худ бубин, марав дур,
Ҳамсояи тирагӣ бувад нур.
Яъқуб чу чашми худ чунон дид,
Яъне, чу ба чашми худ ҷаҳон дид,
Шуд шод, чунон ки дар ҷаҳоне
Мушкил, ки бигунҷадончуноне.
З-он сон, ки садаф шавад пур аз дур
Ӯ аз шодӣ, ҷаҳон аз ӯ пур.
Боре чу расид бо басе чиз
Аз раҳ писарони дигараш низ,
Пеши падар аз бародари хеш
Гуфтанд ҳазор некуӣ беш.
Пас зуд ба азми рафтан аз ҷой
Ҷустанд чу ашк карда сар пой.
Чун тифл, ки кор сохт бозӣ,
Бастанд миён ба корсозӣ.
Дар як-ду-се рӯз бе каму кост
Карданд тамоми кори худ рост.
В-он гаҳ падареву даҳ бародар
Бо хешу табори худ саросар,
Карданд ба Миср рӯ равоне,
Алҳақ, чӣ хуҷаста корвоне.
Ҳар рӯз чу Офтоби пурнур
Рафтанд равон-равон раҳи дур.

Шаб ҳам на яке қарор карданд,
Шаб рӯз накарда, бор карданд.
Рафтанд чунин равон шабу рӯз
То ҳадди диёри он дилафрӯз.
Чун рафтанашон шунид Юсуф,
Барҷаст зи ҷой бе таваққуф.
Аз шавқи падар зи худ бадар шуд,
Бехуд ба сари раҳи падар шуд.
Шуд бо ҳама хайлу ҳашмату ҷоҳ
Хайл анҷуму асб чарху худ Моҳ
Пеши раҳи он гурӯҳи маймун
Аз шаҳр ба сад шитоб берун.
На сабр, ки дил ба ҷой дорад,
На дил, ки ба сабр пой дорад.
Чун навбати ҳаҷр шуд ба поён,
Ё субҳи висол шуд намоён,
Ҳам дил яке аз қарор гардад,
Ҳам шавқ яке ҳазор гардад.
Оташ, ки бувад ба дил нуҳуфта,
Чун ғунчаи лола ношукуфта,
Гардад чи равон забонаангез,
З-он сон, ки зи бод оташи тез.
Бар ҳаҷр чу васл даст ёбад,
Сабре, ки бувад, шикаст ёбад.
Васл аз паи ҳаҷр дилфурӯз аст,
Шаб тира барои қадри рӯз аст.
Шодӣ, ки пас аз ғам оядат пеш,
Аз шодии беғамон бувад беш.
Осонии хуш зи баъди сахтист,
Иқбол пас аз сиёҳбахтист.
Масъуд, ба шоми ҳаҷр дарсоз,
То субҳи висол даррасад боз.
Бе ҳаҷри висоли ёри дерин
Чун меваи хом нест ширин.

## РАСИДАНИ ЯЪҚУБ БО ТАМОМАТИ ФАРЗАНДОН БА МИСР ВА ИСТИҚБОЛ НАМУДАНИ ЮСУФ БО ТАМОМАТИ ХАЛҚ ЭШОНРО

Рӯзе, ки ҳаво абирбӯ буд,
В-аз сабза Замин баобрӯ буд,
Рӯ буд чу гул зи бӯи саҳро,
Гул буд тамоми рӯи саҳро.
Ҳар лолаву гул, чунон ки гӯӣ,
Пироҳани Юсуф аз накӯӣ.
З-он пираҳани ба сурате хуб
Наргис шуда дидавар чу Яъқуб.
З-он тозаву тар ҳавои гулрез
Мисру дару боми ӯ гулангез.
Нил аз паи дафъи захми дида
Нилӣ ба рухи Замин кашида.
Сар карда зи абру бод асарҳо,
На гард, на гул ба раҳгузарҳо.
Бодеву чӣ боди бетакаллуф,
Он бод, ки дод бӯи Юсуф.
Ҷоне шудаву тане фароҳам
Омезиши обу хок бо ҳам.
Хок аз нами абр рӯй шуста,
З-он нам гули мушкбӯй руста.
Гул рехта бар Замин замонҳо
Аз ғунчаи тар гулобдонҳо.
Гашта дару боми мардумон сабз,
Яъне, ки Замину Осмон сабз.
Бурда нами абри осмонгун
Хушкӣ зи сиришти хок берун.
Аз хок чу сабза ҷон дамида,
То бинадаш Осмон хамида.
Бодаш, ки давонда бар ҷинон Рахш,
Монанди насими рӯҳ ҷонбахш.
Саҳро шуда хуш зи боду борон,
З-он гуна, ки боғ дар баҳорон.

Юсуф, ки баҳори боғи ҷон буд,
Чун боғу баҳор аз ӯ нишон буд.
Дар рӯзе аз ин намат дилангез
Аз Миср бурун давонд шабдез.
З-он гуна, ки Офтоби тобон
Шуд пеши раҳи падар шитобон.
Ӯ шоҳи бисоту Ибни Ёмин
Бо ӯ шуда ҳамнишин чу фарзин.
В-аз бандаву шоҳ дар рикобаш
Чандонки наёфт кас ҳисобаш.
В-он ҳам, ки дар он саводи аъзам
Ӯ буд ба ҳаққи шаҳ муаззам.
Мисру ҳама марзу бум то Рум
Чун зери нигини амри ӯ мум.
Ҳам зар сара з-эҳтимоми ӯ буд,
Ҳам сиккаи зар ба номи ӯ буд.
Чун хонаву кадхудои хона,
Ӯ буд малак дар он замона.
Бо лашкаре он қадар, ки анҷум
Дар анҷумане чунон шавад гум,
Шуд ҳамраҳи Юсуф аз дили пок,
Чун ҳамраҳи Офтоби афлок.
В-аз мардуми шаҳр баски ҳамроҳ
Рафтанд ба ӯ чу банда бо шоҳ,
Шаҳре, ки зи мардумиву мардум
Пур буд чу Осмон аз анҷум,
Холӣ шуд чун фалак дами рӯз
Аз хайли кавокиби шабафрӯз.
Алқисса, ки шаҳрию сипоҳӣ
Бо кавкабае, чунонки хоҳӣ,
Рафтанд равон ба толеи хуб
Як марҳала пешвози Яъқуб.
В-он гаҳ, ки ба якдигар расиданд,
Бар ҷойи расида саф кашиданд.
Халқе ҳама пур зи фарру фарҳанг
Даҳрӯя ситода як-ду фарсанг.

Як сӯ шаҳу лашкари гаронаш,
В-он ҳишмату ҷоҳи бекаронаш.
Як сӯй гузида мардуми шаҳр,
К-аз фазлу камол будашон баҳр.
Юсуф чу яке кашидасарве
Чун сарвеву бар сараш тазарве
Биншаста бар ашҳабе сабукхез,
Чун Моҳи раванда, чун фалак тез.
Ӯ Моҳи тамом буду мардум
Бо ӯ чу Маҳи тамому анҷум.
Бал он ҳама саф кашида ҳар сӯ,
Буданд тамом бандаи ӯ.
В-он дам, ки ба дидаи гуҳаррез
Он мардуми чашми ҳар саҳархез
Дидори падар бидиду шуд шод,
Кард он ҳамаро чу сарв озод.
Чун дидаи пири кордида
Дид он чамани баҳордида,
Яъне, ки чу дид чашми зораш,
Рӯи писари азизвораш,
Баъд аз чӣ кашида печутобе,
Моҳе шуда дид Офтобе.
Чун субҳи дувум зи кавкаби рӯз
Шамъе шуда кавкабе шабафрӯз.
Аз дида сиришки лолагун рехт,
Яъне, ки ба ҷои ашк хун рехт.
В-аз маркаби хеш по даровард,
Пас даст паи дуо баровард.
Аввал ба Худои хеш рӯ кард,
Пӯшида ҳазор гуфтугӯ кард.
Он рӯй, ки буд ҳамчу зар пок,
Дар саҷдаи шукр монд бар хок.
Аз ғояти шавқи рӯи Юсуф
Рӯ кард пиёда сӯи Юсуф.
Юсуф чу ба чеҳраи падар дид,
Худро зи худии худ бадар дид.

З-он гуна шуд аз нишот беҳуш,
К-аш гашт худии худ фаромӯш.
В-он бехудияш накӯ наёмад,
К-аз тавсани худ фурӯ наёмад.
Дарҳол ба ҳукми Эзади пок
Ҷибрил расид бас ғазабнок.
Рӯ кард ба Юсуфу барошуфт,
В-аз рӯи барошуфтагӣ гуфт,
К-ин бехудӣ аз паи чӣ кардӣ?
Худ гӯй, чӣ буд ин, ки кардӣ?
Дидӣ падаре чунин пиёда
Сӯи ту ба шавқ рӯ ниҳода.
Пеши ту ба қомати чунин хам
Рӯ суда ба хоки раҳ, ҷабин ҳам.
Ту пеши вай аз саманди гулгун
Чун буд, фурӯ наёмадӣ, чун?
Таъзими падар чунин кунад кас,
Ҳошо-ҳошо, ки ин кунад кас?!
Чун Юсуф аз он баландфитрок
Бишнид паёми Эзади пок,
Рафт аз рухи лоларанги ӯ ранг,
Чун ғунчаи лола гашт дилтанг.
Гуфт аз сари аҷзу шармсорӣ
Чун зар сухане, вале ба зорӣ,
К-эй Арши маҷид такягоҳат,
Хуршеди баланд хоки роҳат.
Ман чун хабари падар шунидам,
Чун ашк зи ҷо ба дар давидам.
Тар кардам дида з-ашки бемар,
Рафтам раҳи ӯ ба дидаи тар.
В-он дам, ки бар ӯ фитод чашмам,
Хун аз мижаҳо кушод чашмам.
Аз шодии он ҷамоли фаррух
Шуд рӯз зи пову рангам аз рух.
Мондам чу даҳони ғунча хомӯш,
Кардам раҳу расми худ фаромӯш.

З-он сон шудам аз нишоти дидор
Бехуд, ки на хуфтаву на бедор.
Аз шавқ, на аз дуруштхӯӣ
Аз ман асаре намонд, гӯӣ.
Ин гуфт в-аз ин фитод бар хок
З-он сон, ки фитад ситора з-афлок.
Қад сохт чу доли қадхамида,
Бар пои падар ниҳод дида.
Сар монд ба пои аршсояш,
Рӯ суд чу сар ба хоки пояш.
Гуфт: – Эй гуҳари ман аз ту номӣ,
Номам ба вуҷуди ту гиромӣ.
Гар узри касон ба ҷон тавон сохт,
Ҷонӣ ту, чӣ узри ту тавон сохт.
Хоҳам, ки кунанд хоки роҳам,
Узри қадамат магар бихоҳам.
Ҳар пой, ки сӯи ман ниҳодӣ,
Бар ман дари давлате кушодӣ.
Чашмам, ки зи гиря буд бе соз,
Равшан кардӣ ба рӯи худ боз.
Ранҷе, ки зи баҳри ман кашидӣ,
В-аз дурии ман ғаме, ки дидӣ,
Он ранҷи нахуст ҷони ман хаст,
З-он ғам ба шиканҷа дасти ман баст.
Ту оҳ кашидаӣ саҳаргоҳ,
Ман сӯхтаам чу шамъ аз он оҳ.
Ту рехтаӣ зи дидаҳо дур,
Ман домани хеш кардаам пур.
Ҳарчанд, ки буд банду зиндон,
Бо дурии ту набуд чандон.
Ҳарчанд баҳори ман хазон буд,
Ҳиҷрони ту саъбтар аз он буд.
Ҳарчанд, ки тира буд ҳолам,
Будӣ ту ҳамеша дар хаёлам.
Бо сад ғаму дард бар таволӣ
Як лаҳза набудам аз ту холӣ.

Дар ҳар ҷиҳате, ки буд рӯям,
Дидори ту буд орзуям.
Дар ҳар бандеву ҳар кушоде
Ғайр аз ту надоштам муроде.
Бо он ки зи дурии ту дидам
Сад гуна ғаму алам кашидам,
Чун бо ту забон бурун кунам, чун,
Шармандаам аз ту, чун кунам, чун?
В-он чилланишини байти аҳзон
Шуд пеш ба дасту пои ларзон.
Монанд ба чилла – бар камоне,
Ё худ чу хамида Осмоне
Хам гашта, асо гирифта дар чанг,
Чун зеҳ ба камону тор бар чанг.
З-ин сон ба қаде чу Осмон хам,
Он фахри Замину Осмон ҳам,
Бикшод баре ба ларза чун бед,
Овард ба бар ниҳоли уммед.
Гоме, ки ба сад дуо чиҳил сол
Буд аз паи он ҳамеша бадҳол.
Нақде, ки чӣ муддате кашида,
Меҷуст ба қомате хамида.
Он гомситода ҳамсухан дид,
В-он нақд ба коми хештан дид.
Он, к-аз паи ӯ шудаш зи дил ҳуш,
Бигрифт ба сад дилаш дар оғӯш.
Аз ҳар баду нек бартараш дошт,
Як соати нек дар бараш дошт.
Бӯйид гаҳеш бар, гаҳе мӯ,
Бӯсид гаҳеш сар, гаҳе рӯ.
Пас ҳар касу кӯ, ки дошт ҳамроҳ,
Аз хешу табору бандаву доҳ,
Мар Юсуфро салом карданд,
Ойини дуо тамом карданд.
В-он гаҳ шаҳи Миср бо сипоҳаш
З-он гуна, ки буд расму роҳаш,

Шуд пеши паямбаре чунон пок,
К-аш буд ба раҳ – бар Осмон хок,
Омад ба Замину осмонсон
Хам гашт ба зери бори эҳсон.
Аввал ба тавозуъи зи ҳад беш
Шуд пеш ба расму одати хеш.
Пас гуфт сипоси мақдами ӯ,
Ҳиммат талабид аз дами ӯ.
Ҳам дасти талаб задаш ба домон,
Ҳам гашт ба дасти ӯ мусулмон.
Бигзошт тариқи бутпарастӣ,
Бикшод назар зи хоби мастӣ.
Гашт аз дами он фариштадидор
Аз хоби ғуруру ҷаҳл бедор.
В-аз хурду бузурги Миср аксар
Буданд сафе кашида яксар.
Пеши раҳи он нубувватойин
Он қиблаи доду Каъбаи дин
Шодону дуокунонситода,
З-он гуна, ки пеши шаҳ пиёда.
В-он ҷумла ба ончунон сипоҳе
Мерафтанд орамида роҳе,
То омад роҳашон ба поён,
Шуд шаҳру саводи ӯ намоён.
Азбаски раҳ аз пурии мардум
Пур буд чу каҳкашон аз анҷум,
Рафтанд ба ҳар тараф гурӯҳе,
Чун ҳар тарафе кашида кӯҳе.
Султон зи даре ба шаҳр даршуд,
Хайлу ҳашам аз дари дигар шуд.
В-аз мардуми шаҳру кӯчаву кӯй
Мерафт қиёмате ба ҳар сӯй.
В-он гоҳ Азиз ҳамчу шоҳе,
К-аз ҳар тарафаш бувад сипоҳе,
Дар шуд зи даре, ки хост ҷонаш
Бо ӯ падару бародаронаш.

В-аз ҳар дару бомашон фаро сар
Карданд нисор гавҳару зар.
Чандон ки хамида осмонҳо
Чиданд зар аз Замин замонҳо.
В-онон, ки аз ин баланд гардун
Буданд басе ба гавҳар афзун,
З-ин гуна саманди кӯҳпайкар
Ронданд ба рӯи гавҳару зар,
То бар дари боргоҳи Юсуф
Рафтанд савора бетакаллуф.
Юсуф аввал зи зин фуромад,
Чун сарве, к-аз Замин баромад.
Пас пеш шуду ба сурати хуб
Бигрифт равон рикоби Яъқуб.
Ӯро зи саманди осмончеҳр
Овард фурӯ чу з-осмон Меҳр.
Бо ҷумла бародарони номӣ
Аз Шамъун то ба Ибни Ёмӣ
Дар хонаи хеш бурд шодон,
Чун ғунча зи боди бомдодон.
В-аз рӯи тавозуъи ҳамида
Ҳамчун шаҳи ид шуд хамида.
Бигрифт чунонки буд вораш,
Дасти падари бузургвораш.
Бар маснади хеш бурду биншонд,
З-он гуна, ки чархаш офарин хонд.
В-он ёзда кавкаби гиромӣ
Ҳар як чу ду Меҳру Моҳи номӣ
Аз ҳар тарафи падар нишастанд,
В-он ҷамъи дигар ба дар нишастанд.
Яъқуби набиву хоҳари ӯ,
Юсуф чу маҳи баробари ӯ.
Биншаста фарози маснади ҷоҳ,
З-он гуна, ки Тиру Зуҳраву Моҳ.
В-аз баъди нисори гавҳару дур
Аз хон ҳама рӯи хона шуд пур.

Бар ҳар хоне, ки Осмоне
Буд омада бар Замин, на хоне.
Неъмат ҳама як ба як муҳайё,
Чун бар табақи фалак Сурайё.
Нонаш ба нишони панҷаву пар
Аз панҷаи Офтоб беҳтар.
Ҳар қубба аён ба рӯи он нон,
Чун обилае ба рӯи ҷонон.
Ё он ки чу лолагун ҳубобе
Бар рӯи ҳаётбахш обе.
Гунҷад ба рухаш гаҳи назора
Чун бар рухи Осмон ситора.
Маҳ мояситон зи пояи ӯ,
Хуршед хамирмояи ӯ.
Аз шарбаташ оби Хизр х(в)ад ҳеч,
Аз ҳеч магӯй, неку бад ҳеч.
Гавҳар, ки накӯст, метавон суфт,
Некӯтар аз ин наметавон гуфт.
Бо об, ки гавҳарест бас пок,
Ҳеҷ аст ҳадиси хору хошок.
Полуда ба дасти чарбкоме
Полуда наботро тамомӣ
Ширин на чунонки дил бисӯзад,
Ё дида касе аз ӯ бидӯзад.
Покизаву пок аз обнокӣ
Дар ғояти эътидолу покӣ.
Ҳамчун бадани бутони дилхоҳ
Нарму тару тоза лавҳаш иллоҳ.
Бар хон, ки чу чарх Моҳ метофт,
Ҳалвои набот ҷо намеёфт.
Ҳалво ҳама мушкбӯву гулфом,
Пурпистаи нағзу мағзи бодом.
Ширину латифу тозаву тар
Аз қанду наботу шаҳду шаккар.
Ҳар к-ӯ ба забон гирифт номаш,
Ширин шуд аз ин ҳадис комаш.

Чун анҷуму Осмони анвар
Пурмева ҳазор тосу беҳтар.
Ҳар меваи хушку тар, ки бошад,
Ҳар хушку тари дигар, ки бошад,
В-аз навъи таъом ҳар чӣ гоҳе
Ёбанд ба хони подшоҳе,
Буд он ҳама он қадар, ки анҷум,
Дар ушри ашири он шавад гум.
Гар з-он ҳама навъи неъмату ноз
Хоҳам, ки ҳикояте кунам боз,
Ё з-он ҳама андаке бигӯям,
В-аз ҳар даҳи он яке бигӯям.
Донам, ки сухан дароз гардад,
Андеша ҷигаргудоз гардад.
Худ меъдаи табъи муштаҳӣ дер
Аз неъмате инчунин шавад сер.
Лекин чӣ кунам, ки хон ниҳодаст,
Ман шиста, фаришта истодаст.
Ҳам дер кашидааст корам,
Ҳам танг шудаст рӯзгорам.
Он беҳ, ки чу боз тири парвоз
Ҳам бар сари кори худ равам боз.
Чун меъда зи бас хуриш гарон шуд,
В-он хон зи миёна бар карон шуд.
Яъқубу хуҷаста хоҳараш низ,
В-он ёзда иқди гавҳараш низ,
Карданд ба хотире тарабнок
Мар саҷдаи Юсуф аз дили пок.
Онро, ки дарун зи Ҳақ шавад пур
Ҳамчун садафи даруна пурдур,
Гар бандад чашм, агар кушояд,
Ҳақ бинад, ончунон ки шояд.
Хоҳӣ гӯёву хоҳ хомӯш,
Якдам нашавад Ҳақаш фаромӯш.
Чун мазҳари Ҳақ шавад вуҷудаш,
Ҳақ бошад, агар кунӣ суҷудаш.

Юсуф, ки падар азиз кардаш,
З-он гуна, ки саҷда низ кардаш,
Гуфт: – Эй падар, он чи дидам имрӯз,
Аз кавкаби бахту бахти фирӯз,
Таъбири ҳамон хуҷаста хоб аст,
Ҷаннат гули гулбуни савоб аст.
Таъбири ду хоб нест яксон,
Мушкил ба набӣ барояд осон.
Бахшанд ба иқтизои гардун
Ҳар чиз натиҷаи дигаргун.
Гар бинӣ, мӯр, мор гардад,
Морат зари бешумор гардад.
Он хоб, ки бо дили чунон реш
Дидам чиҳилу ду сол аз ин пеш,
В-онро, ки ту ин суҷуд кардӣ,
Таъбир чунонки буд, кардӣ.
Пӯшида ба тору пуди таъбир
Гуфтӣ ту, ҳар он чи буд тақдир.
Ҳар нукта, ки рафт бар забонат,
Он кард Худои нуктадонат.
Ӯ хост, ки сохт росткорам,
Ӯ сохт, чунонки хост, корам.
Ӯ кори ман инчунин накӯ кард,
Ӯ донад қадри он, ки ӯ кард.
Овард маро бурун зи зиндон,
Чун ғунча зи хор шоду хандон,
В-аз Канъон дафъи сад балоро
Овард ба назди ман шуморо.
Шайтон зи паи шикасти ҷонам
Зад роҳи дили бародаронам.
Меҳри манашон зи дил бурун кард,
Хун кард дили марову хун кард.
Ин кори баду сару бари ӯ
Ӯ кард, ки хок бар сари ӯ.
Ҳам боз Худои меҳрубонам
Дод аз ҳама меҳнате амонам,

В-он хоби маро ба ҳасби дилхоҳ
Оварл ба рост, шукри лиллоҳ!
Масъуд, саре зи хоб бар кун,
Ангез, ҳикояте дигар кун,
Ҳарчанд, ки хомушӣ савоб аст,
Чун субҳ дамад, на ҷои хоб аст,
Мебош сари сухансароён,
Чандон ки сухан расад ба поён.

## РЕҲЛАТ НАМУДАНИ ЯЪҚУБ АЗ ДОРИ ФОНӢ ВА НАҚЛ ФАРМУДАНИ ЮСУФ НАЪШИ МУБОРАКИ ӮРО АЗ МИСР БА КАНЪОН ВА БОЗ ОМАДАН БА ТАЪЙИДИ ОСМОНӢ

Ганҷури хирад пас аз басе ранҷ
З-ин гуна кушод қуфли ин ганҷ,
К-он шамъи сарочаи накӯӣ,
Бас некӯтар, зи ҳар чӣ гӯӣ,
Юсуф, ки ҷаҳони доду дин буд,
Бар ганҷи шаҳи ҷаҳон амин буд,
Аз васли падар зи баъди сад ранҷ
Шуд шод чунонки муфлис аз ганҷ.
З-он васл сараш ба арш бар шуд,
Дар чашми касон бузургтар шуд.
Он ҳам, ки дар он бисоти шаҳ буд,
Чархаш чу ба кина боргаҳ буд.
Буд омада бо диле зи тан сер,
Аз тоҷу сарири хештан сер.
Ҳам буд раҳи яқин гирифта,
Бигзошта куфру дин гирифта.
Оварда ба ҳазрати Худо рӯй,
Гашта ба ҳазор рӯ худоҷӯй.
В-онро, ки Худои бандапарвар
Бар ҳар касу кӯй кард сарвар,
Гардонд ба фазли худ азизаш,
Пайғамбари хеш хонд низаш.
Дар Миср ба ҷои хеш биншонд,
Худ даст ба ину он барафшонд.

Худ рафт ба кунҷи хонаи танг,
Ҷо кард, чунонки лаъл дар санг.
Худро зи худии худ ҷудо кард,
Машғул ба ҳазрати Худо кард.
Ганҷи зару маснади зарогин,
Ҳар гавҳару тоҷи гавҳарогин,
Фархунда нигини анбаринаш,
Бо ҳар чӣ, ки буд дар нигинаш,
Онро ҳама бе шиканҷрӯӣ
Биспурд ба ончунон накӯӣ.
Ӯро ба накӯие, ки ӯ дошт,
Яъне, ҳама хислати накӯ дошт,
Дар шаҳр ҳамон зи рӯи ёрӣ
Биншонд ба тахти шаҳрёрӣ.
Худ рӯй ба касби ҳоли худ кард,
Тарки ҳама мулку моли худ кард.
Печид рух аз ҷаҳон, инон ҳам,
Осуд дар ин ҷаҳон, дар он ҳам.
Юсуф чу ба ҳикмати илоҳӣ
Шуд ҳокими тахти пошоҳӣ,
Фармон-ш бар инсу ҷон равон шуд,
Фармондеҳи ҷумла инсу ҷон шуд.
Тарҳи раҳу расми дигар андохт,
Расму раҳи дигарон барандохт.
Ҳар касро тарки ҳастӣ омӯхт,
Пастиву худопарастӣ омӯхт.
Занҷир, ки ҳаст расми шоҳон,
Бардошт зи пои бегуноҳон.
Гар дод ба бегунаҳ басе чиз,
Бахшид гуноҳкорро низ.
Пур кард чу луқмае даҳонро,
Овозаи адли ӯ ҷаҳонро.
Дар сояи он ситуда меҳтар
Шуд Миср яке ҳазор беҳтар.
Саҳро ҳама лолазор гашта,
Ҳар лола яке ҳазор гашта.

Шаҳр аз пурӣ ончунон, ки анҷум
Шаб бар дару бомашон шудӣ гум.
Мардум ҳама ҳамчу бода дар дан,
Дар нозу наъим то ба гардан.
Вайрона набуд хонумоне,
К-аз вай нашуд он чу ганҷдоне.
Ҳар майкадае, ки кард вайрон,
Шуд масҷиду хонақоҳи пирон.
Ҳам бут, ба Худо, зи худ ҷудо шуд,
Ҳам буткада хонаи Худо шуд.
Кай дошт ба сина бар касе пай,
Доғе, ки наёфт марҳам аз вай.
Аз лутфи амими ӯ гаҳи ҷуд
Хушдил шуда хосу ом, хушнуд.
Ом аз қадамаш чунон ба роҳат,
К-аз марҳами мушфиқон ҷароҳат.
Хосон шуда хуррам аз замонаш,
Хоса падару бародаронаш.
Ҳар рӯз чу Офтоби тобон
Рафтӣ ба дари падар шитобон.
Хам гашта сад эҳтиром кардӣ,
Ҳамчун маҳи нав салом кардӣ.
Судӣ ба Замин бараш ҷабинро,
Бӯсидӣ пеши ӯ Заминро.
Аз рӯи адаб чунон хамида
Гуфтӣ сухане ду орамида.
З-он сон ба ду лутфи дилпазираш
Бурдӣ ғами дурӣ аз замираш.
В-аз ҳоли бародарони якдил
Як лаҳза набуд низ ғофил.
Бо ҳар як аз он сулолаи пок
Мебуд саруфканда чун хок.
Сад лутфу ҳазор меҳрубонӣ
Мекард аён, чунонки донӣ.
Медошт зи рӯйи ҷавдату ҷуд
Хешон ҳамаро зи хеш хушнуд.

То ҳафт баҳору ҳафт пойиз
Ҳар як ба камоли худ диловез.
Бигзошт бад-ин сифат, ки гуфтам,
В-аз гуфтаи дигарон шунуфтам.
Ҳар шодиро ғам аз пай омад,
Пойизу баҳор шуд, дай омад.
Омад шаби хушдилӣ ба поён,
Поёни нишот шуд намоён.
Афтод ҳаво зи истиқомат,
Бикшод қазо дари қиёмат.
Офат ба фитодагон дарафтод,
Биҳ зард шуду биҳӣ барафтод.
Шуд ҷом тиҳӣ зи талху ширин,
Аз пой фитод нахли дерин.
Яъқуб пас аз ҳазор тимор
Чун боди баҳор гашт бемор.
Шуд зор зи таб тани низораш,
З-он зортар ашку оҳи зораш.
Дар пираҳанаш тан аз низорӣ
Пинҳон чу алиф миёни зорӣ.
Ҳар шаб назараш дар он табу тоб
Медид фариштаи аҷал хоб.
Сад бор ба ҳар чунон даме сард
Имон ба Худои тоза мекард.
То кай расадаш ба ҷон дар он таб
Овозаи ирҷиъӣ ило раб
Мебуд бирафта ҷисме аз ҳуш
Чун ҳалқаи дар тамоми ӯ гӯш.
Қад хам шуда чун куҳан камоне,
Яъне, ки пайеву устухоне.
Дил карда яке ба ҷон супурдан,
Мемурд дар орзуи мурдан.
Гар заъф набудияш бад-ин сон,
Хуш мурдиву ҷон супурдӣ осон.
Яъне, бари марг боз рафтӣ,
Даҳ марҳала пешвоз рафтӣ.

Лекин зи заифӣ ончунон буд,
К-аз ҷисми заифи худ ба ҷон буд.
Ӯ зинда ба марг буд, яъне,
Марг аст ҳаёти аҳли маънӣ.
Марде, ки Худойро шиносад,
Аз мурдани хеш кай ҳаросад?
Аз шавқи Худои ҳолгардон
Муштоқ ба мурдананд мардон.
Аз марг, ки баҳра ҷуз адам нест,
То ҷони ту зинда аст, ғам нест.
Он, к-аз паи мулки ҷовидон мурд,
Шуд зиндаи ҷовидону ҷон бурд.
Марге, ки ғами ҷаҳон сар орад,
Нахлест, ки зиндагӣ бар орад.
Яъқуб, ки доди ақлу дин дод,
Мебуд ба мурдане чунин шод.
То навбати зистан сар омад,
Рӯҳ аз сару ҷон зи тан баромад.
Хоке дили хок сохт манзил,
Чун дар тани поки хокиён дил.
Аршӣ суи ошёни худ рафт,
То Арш ба боли ҷони худ рафт.
То олами ҷон ба шавқнокӣ
Ҷон рафту бимонд ҷисми хокӣ.
Юсуф ба азои он тани пок,
К-аз боди фано фитод бар хок,
Афканд ба хоки раҳ амома,
Гирён шуду чок сохт ҷома.
Бигрист басе, басе фиғон кард,
Дар таъзия, ҳар чӣ бояд, он кард.
Аз ашку фиғон замон-замонро
Пур кард Замину Осмонро.
Гоҳе ба сипеҳр бар шуд оҳаш,
З-он гуна, ки буд расму роҳаш.
Гоҳе ба Замин фитод ғамгин,
Чун ашки худ он сипеҳртамкин.

Чун кард тамом расми мотам,
Бикшод дари карам чу Ҳотам.
В-он гоҳ барои рӯҳи покаш
З-он пеш, ки ҷо кунад ба хокаш,
Бахшид биайниҳи чу борон
Динору дирам ба хоксорон.
Ҳар ҷо, ки шунуд бенавое,
Ҳар гурсунае, ки буд ҷое,
Он гурсунаро таом чандон
Бахшид, ки шуд чу ғунча хандон.
Яъне, ки зи хӯрдани гаронаш
Вомонд чу гӯши гул даҳонаш.
Ҳам дод наво ба бедавоён,
Ҳам дод давои бенавоён.
Чандонки гурусна сер гардид,
Рӯбоҳи гурусна шер гардид.
Шуд шаҳре пур зи ҳар маволӣ
Аз гурсунаву бараҳна холӣ.
В-он ҷисми шарифро, ки аз ҷон
Вомонд чунон ки ҷон зи ҷонон,
Пӯшид яке ба мушку кофур,
Чун шамъ миёни сояву нур.
Худ пираҳан аз бараш ба тан кард,
В-аз пираҳани худаш кафан кард.
Тобут, ки тахти раҳравон аст,
Не тахт, ки тахтаи равон аст,
Шуд маҳмили раҳраве чунон пок,
К-аш буд ба раҳ – бар Осмон хок.
В-он маҳмили покро ба таъҷил
З-он гуна, ки тахтае барад Нил,
Аз Миср ҳамон ба ҷои худ бурд,
Тоҷи сари худ ба пои худ бурд.
Пойини Халили хиллатойин
Ҷо кард варо чу шамъи пойин.
В-ин кор ба гуфтаи падар кард,
Чун буд муқаддар, ин қадар кард.

Хос аз паи ҳусни нийяти ӯ
Овард ба ҷо васийяти ӯ.
Он гавҳари покро чунон пок
Биспурд ба ганҷхонаи хок.
Худ боз ба Миср шуд шитобон,
Чун рафтани Офтоби тобон.
Бо чашму диле зи неши ғам реш
Мерафт дил аз пасу раҳ аз пеш,
То боз ба толеи аҷаб хуб
Бас хубу ба Офтоб мансуб,
Бар маснади хештан баромад,
З-он гуна, ки ҷон ба тан даромад.
Шуд ҳам ба ишорати илоҳӣ
Машғул ба кори подшоҳӣ.
Масъуд, ту низ рӯ ба ҷон кун,
Коре, ки ба корат ояд, он кун.
Чанд андуҳи мурдагон кунад кас,
Он кун, ки ба мурдан он кунад кас.

## НЕҲЗАТ ФАРМУДАНИ ЮСУФ, АЛАЙҲИССАЛОМ, АЗ ДОРИ ДУНЁ БА ТАХТИ УҚБО ВА НАСБ ФАРМУДАНИ ЯҲУДО БА ҚОИММАҚОМӢ, БИЛХАЙРИ ВАССАЪОДА ВАЛ ҲУСНО

Марсиянависи сӯгворон
Ин гуфту зи дида рехт борон.
В-он мӯягари мусибатангез
Ин гуна ду дида кард хунрез,
К-аз баъди падар пас аз басе сол
Шуд навъи дигар Азизро ҳол.
Танг омад аз ин ҷаҳони фонӣ,
В-аз меҳнати мулку мулкронӣ.
Бигрифт дилаш зи дайри дилгир,
Чун табъи ҷавон зи суҳбати пир.
Шуд сер нахӯрда аз ҷаҳон бар,
З-ин хурдану хуфтани мукаррар.

Кас чанд хушу нажанд бинад,
Пойизу баҳор чанд бинад?
Дидем, ки Осмон баланд аст,
Чун аст маҳу ситора чанд аст.
Гаштем басе ба як ватира
Бар пасту баланди хоки тира.
Дидем чу дил зи доғи андӯҳ
Пурғунчаи лола домани кӯҳ.
Чун нек ба рӯи кор дидем,
На лола, на лолазор дидем.
Рафтан чу зарурат аст аз ин дайр,
Чӣ дер, чӣ зуд, рафтиву хайр.
Ҳосил, ки Азизи Мисрро дил
Бигрифт, зи ҳар чӣ дошт ҳосил.
Танг омад аз ин сарочаи танг,
Аз тахт ба тахта кард оҳанг.
Аз сар биниҳод тоҷи шоҳӣ,
Шуд сер дилаш, зи ҳар чӣ хоҳӣ.
Як нимшабе, ки буд мардум
Пӯшида, чунон ки рӯз анҷум,
Бархост зи рӯи бистари хеш,
Рӯ шуст ба дидаи тари хеш.
В-он рӯй, ки шустан ончунон пок
Бинҳод зи рӯи аҷз бар хок,
Дар саҷда шуду зи ҳайййи довар,
Он дар ҳама кор ёру ёвар,
Мехост чу базме аз каримон
Ҷон додани худ, вале ба имон.
Мегуфт ниҳода рӯй бар хок,
К-эй холиқи ҳар палиду ҳар пок,
Эй пок зи шибҳ зоти покат,
Покиза ҷаҳони обу хокат,
Бипзир балабрасида ҷонам,
Пеши падарони худ расонам!
Ҳарчанд, ки рӯй бар замин дошт,
Хоҳиш зи Худои худ ҳамин дошт.

Ҳақ, к-аввали бурҷҳо Ҳамал кард,
Бо ӯ ба дуои ӯ амал кард.
Он, к-ӯ кунад ин ҳама каҷу рост,
Он кард, ки он азиз аз ӯ хост.
В-он дам, ки чу хастае, ки аз дард
Аз сина бароварад дами сард,
Зад субҳи дувум даме ба андӯҳ
З-он сон, ки гирифт кӯҳ то кӯҳ.
Юсуф ба даме чунин фурӯзон
Шуд з-оташи таб чу шамъи сӯзон.
Дар боғи ҷаҳон зи пой то сар
Ӯ буд яке дарахти пурбар.
Оре чӣ аҷаб, ки сахт гирад,
Оташ, ки фаро дарахт гирад.
Бошад ҳар баргро навое,
Набвад таби маргро давое.
З-оташ бувад эҳтироз хасро,
В-аз марг гузир нест касро.
Чун марг ба тан дароварад таб,
Чи пири хирад, чи тифли мактаб.
Искандару ҳикмате чунон ом
Дармонд ба коми марг ноком.
Не дид ҳаётро давоме,
Не з-оби ҳаёт ёфт коме.
Юсуф, ки надид чашми анҷум
З-ӯ хубтаре миёни мардум.
Он дам, ки фузуда шуд таби ӯ,
Шуд гарм ба рафтан ашҳаби ӯ,
Худ рӯй ба мулки ҷовидон кард,
Он чиз, ки хост, рӯ ба он кард.
Бикшод зи пои ҷони худ банд,
Ҷон дод ба ҳазрати Худованд.
Ҷонаш зи гаронии бадан раст,
Ҷон расту бадан ба хок пайваст.
Шуд пок равони покаш аз хок,
Шуд хоки равон тане чунон пок.

Тан хок шуду нафас ҳаво гашт,
Ҳар чиз ба асли хеш во гашт.
Ҷон рафт равон ба олами ҷон,
Тан хок шуд аз чӣ, аз ғами ҷон.
Ғам, к-оташи ӯ тамом сӯз аст,
Дигар зи паи кадом рӯз аст?
То чанд хурӣ пиёла бе ғам?
Хоҳӣ мурдан, ғаме бихур ҳам.
Умр оташи тезу бод бошад,
Бар умр чӣ эътимод бошад?
Чун гашт тиҳӣ зи панҷаат даст,
З-он гуна, ки тири хокӣ аз шаст.
Гирам, ки ҷавониву шавӣ пир,
Чун пир шавӣ, дигар чӣ тадбир?
Пирӣ алами тамом дорад,
Пирист, ки марг ном дорад.
Якчанд гаҳе ба ҳар пасу пеш
Гаштӣ паи кому лаззати хеш.
Акнун, ки ба коми худ расидӣ,
В-аз нахли мурод мева чидӣ,
Дидӣ рухи орзу кушода,
Бахт омада, пеши рӯ кушода.
Алқисса, чу дилпазир гаштӣ,
Баркан дандон, ки пир гаштӣ.
Ку Юсуфу ҳусни дилпазираш,
Ку бахти ҷавону ақли пираш?
Ку он ки ҷаҳон ба коми ӯ буд,
Султони ҷаҳон ғуломи ӯ буд?
Бигзошт ҷаҳон ба ҷову ҷон бурд,
Ҷоне ба ҷаҳоне аз миён бурд.
Рӯзе ду дар ин ҷаҳони фонӣ
Мехур ғами мулки ҷовидонӣ.
Худ олами хок нест чандон,
К-аз вай даҳане кунанд хандон.
Солат шабу рӯз барқарор аст,
Як рӯзу шаб аст, агар ҳазор аст.

Онро, ки сабук зи по наяфтод,
Умрест миёни шасту ҳафтод.
Гар з-он ки яку дуе ба тақдир
Аз бандаву шоҳу чокару мир
З-ин поя фароз барниҳад по,
Даҳраш даҳаи дигар диҳад ҷо.
Ё з-он даҳа, бигзарад ба сад ғам,
Бар фарзи муҳол сад шавад ҳам.
Он низ бигӯям, ар надонӣ,
Марге бошад, на зиндагонӣ.
Бошад, набувад бадан фусурда,
Садсола чӣ зиндаву чӣ мурда.
Худ он қадар аст зиндагӣ нағз,
К-афсурда нашуд дар устухон мағз.
Чун дида ба обгина бинад,
Қад хам зада хезаду нишинад.
Бӯе шунавад, зи сар равад ҳуш,
Овози баланд нашнавад гӯш.
Чун шуд, к-он гаҳ тан бимирад,
На пой равад, на даст гирад.
Бо ин ҳама низ агар тавон зист,
Чун марг расид, фикри он чист?
Бархост ҳаво, ба хок маншин,
Фикре куну хобнок маншин.
Бингар, ки чӣ роҳ пеш дорӣ,
Рӯзе чӣ сиёҳ пеш дорӣ!
Боре мекун ба гиряву сӯз
Коре, ки ба корат ояд он рӯз.
Ғофил манишин, ки кор он аст,
Бекорӣ кори ғофилон аст.
Даҳрӯза раҳе гар оядат пеш,
Он низ ба тавъу рағбати хеш,
Рӯзе даҳ бор ғам хурӣ, ғам,
То сози раҳ оварӣ фароҳам.
В-аз фикри раҳе чунин хатарнок
Ҳастӣ фориғ чу мурда дар хок.

Он, к-ӯ раҳи ӯ яқини ӯ буд,
Алмавт хати нигини ӯ буд.
Ин лафз агарат ба дил на некӯст,
Яъне, аламе дар аввали ӯст,
Охир на ба пӯст – дар бувад мағз,
Роҳат зи паи алам бувад нағз.
Набвад тани хокӣ аз алам пок,
Айни алам аст олами хок.
Хоҳӣ, роҳи табоҳӣ ин аст,
Гар хоҳию гар нахоҳӣ, ин аст.
Яздон, ки ҷаҳони ҷону дил сохт,
Ҳар чиз, ки сохт, муътадил сохт.
З-одам, ки алиф кашид бо дам,
Ин хост, ки як дам аст одам.
Як мушт гилӣ, ту эй тиҳидаст,
Натвон дари маргро ба гил баст.
Гирам, ки қадат хаме надорад,
В-аз ҳеҷ бадат ғаме надорад.
Ё худ алифест сарви нозат,
Болои баланди дилнавозат.
Ҳамчун алиф аз фурӯтанӣ пок,
Худ ҷои алаф бувад дили хок.
Эй пур дили хоки тира аз ту,
Дил тираву дида хира аз ту.
Эй дар дили кону синаи кӯҳ
Аз ҷаври ту кӯҳ-кӯҳ андӯҳ.
Аз ҷаври ту кон чу кӯҳу дарё,
Бигрифта сарост то Сурайё.
Кӯҳ асту ба дил ғами гароне,
Дарёст балабрасида ҷоне.
Инҳо ҳама аз ту зери боранд,
Гар зер в-агар баманд, зоранд.
Бигзар зи газанди ин фақирон,
Худ хонаи худ масоз вайрон.
Кас дар дили хора дарнаёяд,
Бо моҳу ситора барнаёяд.

Касро ба мурод дастрас нест,
Домони фалак ба дасти кас нест!
Гар худ ба сипеҳр бар шавӣ низ,
Дар дидаи меҳр дар шавӣ низ,
Аз пайки аҷал, ки дар камин аст,
Кас ҷон набарад, сухан ҳамин аст.
Юсуф чу ба лаб расид ҷонаш,
Ин гуфт ба зери лаб забонаш,
К-он дам, ки замони ман сар ояд,
Ҷон аз дилу дил зи тан барояд,
Ҷон майл кунад ба олами пок,
Монад ба Замин ҳамин кафи хок.
Он хоки маро ба оби борон,
Яъне, ба сиришки чашми ёрон
Шӯеду ба ҳақ раҳо кунедаш,
Хок аст, ба хок ҷо кунедаш.
Ӯро ба хаёлу рои дигар
З-ин ҷо мабаред ҷои дигар,
К-охир, зи ҳамин насаб, ки моем,
Гар подшаҳем, агар гадоем,
Ояд ба ҷаҳон паямбаре пок,
К-аз вай дили куфру кин шавад чок.
Ҳар муъҷизае, ки ӯ намояд,
Бар рӯ дари орзу кушояд.
Гардад ба каломи ӯ фалак ром,
Мӯсои Калим бошадаш ном.
Ҳам рӯзе аз ин ситуда кишвар
Печад сару бар, фарозад афсар.
Рӯ аз ҳама сӯ кунад ба Канъон,
Бархезаду рӯ кунад ба Канъон.
Ӯ хоки маро аз ин бару бум
Ҳамроҳ барад ба ҷои маълум.
Ҳам бо кафани ғуборнокам
Пойини падар кунад ба хокам.
Ин гуфту чиҳо, ки дар ҷаҳон дошт,
В-онро, ки ба зери лаб ниҳон дошт,

Онро ба Худо супурду ҷон ёфт,
Ҷон дод, ки мулки ҷовидон ёфт.
В-инро ба бародараш Яҳудо
Биспурду бибаст дидаи во,
То зории ҳамнафас набинад,
Зӯру зари худ ба кас набинад.
Масъуд, ту низ дида бардӯз
З-ин румиву зангии шабу рӯз.
Аз вай ту бубин, киҳо чӣ диданд
Диданд чиҳо, чиҳо кашиданд?
Аввал чу садаф зи гавҳару дур
Карданд басе захирадон пур.
Охир ба Замини пурзахоир
Рафтанд фурӯ ҳамину охир.

## ПАНДИ ФАРЗАНДИ АМҶАД – ҒИЁСИДДИН МУҲАММАД, ТОЛА УМРАҲУ

Фарзанд, Ғиёсиддин Муҳаммад,
Эй мадди сари ту бахти сармад.
Имрӯз, ки панҷ кардаӣ пур,
Дар ақди шашум кашидаӣ дур,
Бе заҳмати гарму сарди олам
Донистаӣ обу оташ аз ҳам.
Не, ҳеҷ надонӣ оташ аз об,
Ҷуз он ки дар ин ду набвадат тоб.
Эй дониши ту тамом бозӣ,
Бозии ту пур, кадом бозӣ?
Гаҳ чӯб кунӣ саманди хушрав,
Шабдези ту ӯ шавад, ту Хусрав.
Рамзест надида устуворӣ,
Дар айни пиёдагӣ саворӣ.
Худ нест, бурун кун аз шумораш,
Асбе, ки зи ҷо барад савораш.
Беҳуда макаш ба ҷустанаш ранҷ,
К-он нест магар, ки асби шатранҷ.

Гаҳ асб зи чӯби тар кунӣ ту,
Гаҳ бозии асбу хар кунӣ ту.
Монданд пиёда тезтозон
Аз асбу хари буҷулбозон.
Гар нест пиёда буданат соз,
Бозии буҷулро барандоз.
Фардо, ки шавад фузуда корат,
В-аз панҷ ба даҳ расад шуморат,
Тарсам, ки кунӣ ту, тифли бедард
Аз лавҳи китоб тахтаи нард.
Зинҳор макун, ки хасли ин кор
Берун барадат сабук зи паргор.
Ҳам хислате инчунин маяндӯз,
Ҳам дида зи каъбатайн бардӯз.
Ин худ чӣ бувад, ки арҷманде
Ҷӯяд маҳу аз ҷамод чанде.
Хоҳад ба иборате парешон
Коми дили хештан аз эшон.
Гоҳе маҳи барқатор хоҳад,
Гоҳе шашу панҷу чор хоҳад.
В-ин хоҳиш бар қиёси имкон
Санги сияҳ асту гавҳари кон.
Кон то накананд кӯҳе аз санг,
Н-ояд гуҳаре аз ӯ фароҷанг.
Ҷон кандани мардумон кеҳу меҳ
Аз кандани коне инчунин беҳ.
Аз пастии табъ кас гурезад,
В-ин кор зи табъи паст хезад.
Эй вой, агарат чунин ба пастӣ
То бист расад шумори ҳастӣ.
Рӯзе, ки тавон ба ончунон рӯз
Будан шабу рӯз маҷлисафрӯз,
Он рӯз бурун шавад зи дастат,
Монӣ туву табъи худпарастат.
Гӯӣ, ки чу ман дар ин ҷаҳон кист,
К-ӯ даҳ зи ду донаду ду аз бист?

Ё кист, зи дасти ман диҳад тоб?
Ё пеши сагони ман ниҳад об?
Ман чашму сари касони хешам,
Хешон ҳамаро чу ҷони хешам.
Ҳастам писари накӯ касе низ,
Некӯтарам аз падар басе низ.
В-огоҳ на, к-аз ту бадтаре нест,
Бадрӯзтар аз ту дигаре нест.
Неку баду бешу кам надонӣ,
Нодонии хеш ҳам надонӣ.
Бад донӣ нек мардумонро,
Бад бошиву нек донӣ онро.
Гар бошадат, эй хаёли ботил,
То сиву наузубиллаҳ аз чил,
Ҷаҳли ту се давр агар шавад кам,
Кай ҷаҳлу чиҳил ба ҳам шавад зам?
Ин ҳар ду зи ҳам азим дуранд,
Парвонаи нору шамъи нуранд.
Ҳамрутба наянд бешу камро,
Зидданд камону нақзи ҳамро.
Дар сурат ар аз дуе халосанд,
Дар як сурат ду ҷинси хосанд.
Ин мояи эътибори мардум,
Пирояи пуду тори мардум.
Он мартабапаст аз ӯ касонро
Пастидиҳи поя ақлу ҷонро.
Ҳам пояи мардумӣ аз ӯ паст,
Ҳам мардум аз ӯ чу симрӯяст.
Боре, чӣ чиҳил, чӣ сӣ, чӣ панҷоҳ
Мебош чу дар чаҳордаҳ моҳ.
Дар чордаҳ аз хатар бияндеш,
Дар хубии хубтар бияндеш.
Густох ба шӯхӣ афтад аз шох,
Шӯхӣ макуну мабош густох.
Бо худ ба набард бош доим,
Мардонаву мард бош доим.

Чун ғунча ба дафъи чашми хомон
Биншину бидӯз чоки домон.
Бо мардуми нодуруст маншин,
Ҷое, ки на ҷои туст, маншин.
То сар назанад зи софият лой,
Аз бодаи соф лаб маёлой.
Худ дар ҳама вақт аз ӯ бипарҳез,
Чун хори заиф аз оташи тез.
Ӯ ақл диҳад ба бод, дин ҳам,
Нашносад Осмон, Замин ҳам.
Зинҳор, ки ҳаргиз, ар тавонӣ,
Дар пирии худ, чи дар ҷавонӣ,
Лаб тар накунӣ ба бодаи ноб,
К-ин бода ба бод бардиҳад об.
Даҳ шӯр ба дил зи бода раҳ кард,
Боз о, ки ду буд, бода даҳ кард.
Имрӯз, ки бар тариқи таслим
Кардӣ ба канор лавҳи таълим,
Чун рояти шоҳу килки дастур
Ангушти худ аз «алиф» макун дур.
Бингар, ки агарчи несташ ҳеч,
З-он ҳеч набошадаш хаму печ.
Бар ҳеч чӣ тобу печ бошад,
Печон паи ҳеч ҳеч бошад.
Бо нуқтаи «бо» яке баровез,
Бо мардуми дидааш даромез.
Чун бозфитодагӣ макун сӯз,
З-он нуқта фурӯтанӣ биёмӯз.
«Бо» бехабар аз ғами ҷаҳон аст,
Фориғ ба қафо фитода з-он аст.
Чун «бо» ту мабош фориғ аз ғам,
Бозӣ макуну ғаме бихур ҳам.
Ҳам нек бидон, ҳар он чи хонӣ,
Ҳам боз бихон, ҳар он чи донӣ.
Касбе, ки ба он шаванд меҳтар,
Аз касби камол нест беҳтар.

Ин касб туро бино кунад мағз,
Ин касб кунӣ, касе шавӣ нағз.
З-ин касб тавон чу гул ҷавон шуд,
З-ин касб ҳабиби Ҳақ тавон шуд.
Ин касби камол бар яқин аст,
Ин аст камоли касб, ин аст.
Нақши дуӣ аз замир битрош,
Не рофизиву на хориҷӣ бош.
Гар он бошӣ, шудӣ фаро чоҳ,
В-ар ин бошӣ, наузубиллоҳ.
Ин душмани дудмони дин аст,
Он раҳзани ҷомеи яқин аст.
Он нест касе, сагест бадраг,
Ин кист, сагест ё кам аз саг.
Эй тифл, ҳадиси пир бишнав,
Панди падари фақир бишнав.
Гар ман нашудам касе ба коре,
Он кун, ки касе шавӣ ту боре.
Нодон манишин, ки шуд замона,
Нодонии ман макун баҳона.
Ман ҳечкасам, дар ин шаке нест,
Дар ҳечкасӣ чу ман яке нест.
Лекин чӣ аҷаб, ки хезад аз ҳеч
Зебо алифе, чӣ бе хамупеч.
Сарве, ки чӣ шӯху хира хезад,
Донӣ, ки зи хоки тира хезад.
Оранд бурун ба фарру фарҳанг
Санг аз дили хоку гавҳар аз санг.
Худ нест хилофе ин суханро
Фарзанд гул аст хорбунро.
Эй ҷони падар, мабош ғофил,
Ғафлатзадагӣ сияҳ кунад дил.
То барнашикастааст солат,
Он кун, ки баре диҳад ниҳолат.
Пайваста ниҳолро баре нест,
Доим падареву модаре нест,

К-он як ҳама рӯз чун ғуломон
Кори ту бароварад ба сомон.
В-ин як шабу рӯз хун хурад, хун,
То рӯзу шаби ту чун шавад, чун.
Худ низ чунин намонӣ охир,
Хун хӯрдани мо бидонӣ охир.
Он кун, ки чу бас ҷавон намонӣ,
Дар пирӣ нотавон намонӣ.
Имрӯз агар афканӣ сарe пеш,
Созӣ сипаре ҳам аз сари хеш,
Бошӣ фардо чу некномон,
Осуда зи тири таъни хомон.
Имрӯз надида гуна гунро,
Сар пеш фиканда беҳ, ки фардо.
Ангор, ки ин дамат, ки барҷост,
Имрӯз гузаштаасту фардост.
Имрӯз гузашта гир бе сӯз,
Фардо чӣ кунӣ, ҳамон кун имрӯз.
Худ олам агар дури самин аст,
Фардоеву имшабе ҳамин аст.
Масъуд, чӣ гул рабуд созат,
Булбул шудаӣ, чӣ буд бозат?
Ту панди падар шунидаӣ чанд,
К-аз ту писари ту бишнавад чанд.
Панҷоҳу чаҳор солат айём
Бигзашт миёни кому ноком.
Кам буд, ки рӯзе аз ту то шаб
Н-озурд Худои ту ба ё Раб.
Як тавба, ки бошадаш дурустӣ,
Н-омад зи ту, вои заъфу сустӣ!
Як раҳ зи сарат бурун нашуд ҷӯш,
Як саҷда накардӣ аз сари ҳуш.
Як рӯз натофтӣ зи хомон,
Як рӯза надоштӣ ба сомон.
Аз ту падари ту ғарқи хун буд,
Будӣ ту аз ӯ рамида, чун буд?

Модар зи ту буд бо дили реш,
Будӣ ту ҳамон пайи дили хеш.
Дил возада фарзи айнат аз ту,
Баддил шуда волидайнат аз ту.
Аз хӯи ту, эй хирадфасурда,
Озурда, чи зиндаву чи мурда.
Дар роҳи ту ҷони худ фишонад,
Фарш афканаду туро нишонад.
Тӯбо, ки биҳишти бас мукаррам
Дар сояи ӯст сабзу хуррам,
Афтод, чу дид пояи ту,
Дар доҳи ту ҳамчу сояи ту.
Худ сарви ту, эй сипеҳрпоя,
Ҳаргиз ба ҷуз он надошт соя.
З-ин ҷумла ту худ чунон гузаштӣ,
К-аз ҷумла ба як замон гузаштӣ.
Кардӣ зи фарози сидра сайрон,
З-он гуна, ки монд Арш ҳайрон.
Чун бар шудӣ аз сипеҳри аъзам,
Ҷибрил бимонду борагӣ ҳам.
Рафтӣ ту ба ҷустуҷӯи дидор,
Бе ёвару бе рафиқу бе ёр.
Аз ҳар ҷиҳате инон кашидӣ,
Дар олами беҷиҳат расидӣ.
Берун зи ҳиҷоби чархи мино
Гаштӣ ба Худои хеш бино.
Чун наргиси дидавар ба гулшан
Шуд сарбасари ту чашмравшан,
То гашт чу наргисат муяссар
Дидори Худо ба дидаи сар.
Дар оинаи ҷамоли ҷонон
Дидӣ рухи худ ба дидаи ҷон.
Дар саҷда фитодӣ аз сари ҳуш,
Гӯё ба забони ҳолу хомӯш.
З-он саҷда чу сарбаланд гаштӣ,
Аз ҳақ ба Ҳақ арҷманд гаштӣ.
Гуфт аз сари ҳурмати тамомат
Ҳақ, ҷалла ҷалолаҳу, саломат.

Ту ҳастии худ нисор кардӣ,
Як ҳастии худ ҳазор кардӣ.
Бахшид гуноҳи умматат беш,
Бинҳод калиди ҷаннатат пеш.
Дуриву дуӣ шуд аз миён дур,
Ҳақ нозиру ҳазрати ту манзур.
Гуфт, он чи ҳаменуҳуфт аз ағёр,
Бо ту набувад ҳазор гуфтор.
Ҳар сар, ки зи анбиё ниҳон кард,
Пеши ту ҷудо-ҷудо аён кард.
Аз рози нуҳуфта парда бардошт,
Розе ба ту нонамуда нагзошт.
Ҳар дидание, ки буд, дидӣ,
Ҳар нукта, ки хостӣ, шунидӣ.
Шабҳо зи ҷаҳони роз гаштӣ,
Рафтӣ ба дамеву бозгаштӣ.
Омад ҳама раҳ зи ғайр танҳо
Ҳақ бо ту чу рӯҳ бо баданҳо.
Танҳо паи ҳифзи ҷисму ҷонат
Танҳо нагузошт як замонат.
Бозат чу гузар фитод бар Арш,
Хозин шуду дар кушод дар Арш.
Арш аз сари худ намуд ҷоят,
Чун фарш фитод зери поят.
Омад шарафеш дар каф аз ту,
Шуд бори дигар мушарраф аз ту.
Тӯбӣ сари раҳ гирифт бозат,
Шуд боз асири сарви нозат.
Гуфто: – Бибар эй замонаро зайн
Шохе зи ман аз барои наълайн.
Чун дошт ба дил хаёли ботил,
Наълайни туро бимонд аз ӯ дил.
Пас шуд фалаки савобат аз пеш,
То пок кунад раҳи ту аз хеш.
Мискин чӣ, агар надошт боре
Дар сояи қадри ту шуморе.
Бо ин ҳама кори носазовор
Панди дигаре диҳӣ, зиҳӣ кор.

Лекин чӣ агар чу ман хасе нест,
Дар ҷамъи хасон чу ман касе нест.
Хоҳам, писарам чу ман набошад,
Чун ман хаси анҷуман набошад.
Ман соҳиби ҳеҷ фан набудам,
Ӯ бошад, агарчи ман набудам.
Ё раб, ту барораш аз табоҳӣ,
Дораш ба ҷаҳон, чунонки хоҳӣ.
Ман хоҳамаш аз ту некуӣ, лек
Чизе, ки ту хоҳӣ, он бувад нек.
Аз туст, ки бахшияш дилу дин,
Аз ман талаб, аз фаришта омин.

## ДАР ХОТИМАИ КИТОБ, ВАЛЛОҲУ АЪЛАМ БИССАВОБ

Сад шукр Худои ҷисму ҷонро,
Дорои Замину Осмонро,
К-аз нав чамани маро гуле дод,
Пурсавту сафир булбуле дод.
Хушбӯй гуле, тамоми ӯ ранг,
Чун ғунча зи рангу бӯй дар танг.
Зебандаи базми шаҳрёрон,
Покиза чу қатраҳои борон.
Ҳам ҳаст дар ӯ навои булбул,
Ҳам пурварақ аст, рост чун гул.
Дар ҳар варақаш ба ҳар сари «ҷим»
Як ғунча шукуфта пурзарусим.
Аз ҳар сари «айн», к-андар ӯ ҳаст,
Бин чашм кушода наргиси маст.
Ҳар «мим» макаш, даҳони ёрест,
Ҳар нуқта сиришки шаҳрёрест.
«Нун»-аш зи ҳади баён бурун аст,
«Син» кунгури қасри «кофу нун» аст.
Сарвест кашидақад «алиф»-ҳош
Чашмест тиҳӣ зи ашки ғам «ҳо»-ш.
«Дол»-аш «алиф»-е хамидақомат,
Хам гашта, вале ба истиқомат.

Ҳарфаш чӣ шуд, ар фурӯзи «лом» аст,
Се кам як ҳам маҳи тамом аст.
Гар сии тамом ҳам набошад,
Аз моҳи тамом кам набошад.
Худ фарқ миёни ҳашту нуҳ чист?
Наздик ба нуздаҳ бувад бист.
Нахлест, зи боғи ҷон дамида,
Ҷонест, зи Осмон расида.
Уъҷубаи баҳру соҳил аст ин,
Маъҷуни ҷавоҳири дил аст ин.
Гирам, зи хаёли хос холист,
Холӣ зи такаллуфи хаёлист.
Худ нест бараҳна чун маҳи нав,
В-ар ҳаст, дигар ту нукта бишнав.
Чизе, ки бар ӯст доғи шоҳӣ,
Аз ҳодиса бошадаш паноҳӣ.
Он нест, ки гавҳарест суфта?
Он бин, ки ба исми кист гуфта?
Гар гашт қабули табъи покаш,
Аз қолу мақоли мо чӣ бокаш?
Олам, на ки ҷумла дилписанд аст,
Ҷое гаву гӯшаи баланд аст.
Н-ояд ҳама хубие фароҳам,
Дар боғ гул асту хор бо ҳам.
Дар даҳр зи хоки тира то дур
Беайб кам асту айбҷӯ пур.
Онро, ки чӣ айбҳо ба ҷайб аст,
Гӯем, ки айб нест, ғайб аст.
Он, к-аз камияш турост товон
Аз ҳамчу мане бувад фаровон…[1]

1. Саҳифаи охири нусхаи хаттӣ афтода ва матни достон дар ҳамин ҷо хотима меёбад.

# Л У Ғ А Т

## А

Авн – ёрӣ, мадад
Автод – чор валӣ, ки дар чор гӯшаи дунё қарор гирифтаанд
Ағёр – душман
Азфар – мушки хушбӯ
Алвон – ранг, гуна
Амруд – мурӯд, нок
Анбиё – паёмбарон, расулон
Анвор – нур, рӯшноӣ
Анҳор – наҳр, дарё
Аркон – рукнҳо
Афсор – асбобест, ғайри лаҷом
Ашр, ашар – даҳ
Ашҳаб – асби хокистарӣ
Аҳсан-ул-қисас – қиссаи беҳтарин

## Б

Байдақ – пиёда дар шоҳмот, ситора
Байёъ – байъкунанда
Байза – тухм
Балия (балиё) – нохушӣ, парешонӣ, озмоиш
Барот – мужда
Биъайниҳ – айнан
Беадил – бемонанд, бемуодил ва беназир
Бидоят – оғоз, ибтидо
Бирҷис – Муштарӣ, ки онро ситораи саъд, ё қозии фалак мегӯянд
Бурок – номи аспи паёмбар Муҳаммад (с)
Буруз – зоҳиршавӣ, пайдошавӣ, ошкоршавӣ

## В

Вард – гул
Ватира – роҳу равиш
Вузӯ – таҳорат, шустушӯйи пеш аз намоз
Вузӯҳ – равшанӣ, аёнӣ
Вусъат – васеӣ, паҳноварӣ, қудрат

## Г

Газлак – теғ, корд

Гундо – доно, ҳаким, хирадманд

## Ғ

Ғунҷ – ноз, карашма

## Д

Далв – сатил, тағора

Доли Муҳаммадӣ – нишон, шоҳид, далел

Доҳ – канизак

Дудмон – авлод

Дурҷ – сандуқчае, ки дар он ҷавоҳирот ва зару зевар нигоҳ медоранд, ҳуққа

Диросат – таълим, илмомӯзӣ, сабақ додан ва сабақ гирифтан, доноӣ

## З

Завода – тӯша, озуқаи сафар, тӯша

Завор – зиёраткунанда

Зан(н) – гумон, шубҳа

Зақан – манаҳ, занахдон

Зонӣ – зинокор

Зурафо – зарифон, доноён

## И

Ибтило – бало, мусибат, озмоиш, гирифторӣ

Иморӣ – иморат, хона

Иннин – безурёт

Ионат – ёрӣ додан, кӯмак кардан, ёрӣ

## К

Кавкаб – ситора

Канз – хазина, дафина, ганҷ

Каҳкашон – ситораҳои бо чашм ба зӯр дидашавандаи ба ҳам бисёр наздик, ки шабона дар осмон ба назар монанди роҳи сафед менамоянд ва Роҳи Каҳкашон низ номида мешаванд

Кинкашӣ – интиқомгирӣ, интиқом

## Қ

Қудс – покӣ, покизагӣ аз олоиш ва гуноҳ

## Л

Лавлок – 1.Агар набудӣ ту, муқтадои ҷузъу кулл. 2. Анҷири сурхест, ки дар поёни фасл мерӯяд
Лаумрак – ҳаёти ту, умри ту
Лох – воҳиди шумориши чизҳои дароз ва борик, монанди мӯй ва чӯб
Луоб – бозигар, найрангбоз
Луш – лои сиёҳи ғафс

## М

Мавокиб – гурӯҳи савора
Мавфур – фаровон, зиёд, бисёр
Мағок – гавдол
Малози ибод – он ки дигарон ба ёриву ҳимояти ӯ умедворанд ва ба ӯ паноҳ мебаранд
Марқум – рақам
Мансуба – 1. Бозии шатранҷ. 2. Тадбири нозук
Масобат – субут, исбот, натиҷае
Масокин – сокинон
Матбах – ошхона
Машрут – шарт
Мақар – қароргоҳ, ҳисор, қалъа, сангар
Мақдур – ҳадди имкон, қудрат
Миъҷар – 1. Бар сар афкандани занон. 2. Ҷомае, ки занон бар сар мепӯшанд, то гесувони худро ҳифз кунанд ва онро «бошома» низ гӯянд.
3. Рӯсарӣ, сарпӯш, яктаҳ
Маъзул – бекоркардашуда, аз амалу мансаб дуркардашуда
Меҳроб – тоқи даруни масҷид, ки дар тарафи қибла воқеъ аст
Меъроҷ – нардбон, дараҷот, болоравӣ, баландӣ
Мисвок – дандоншӯ
Муаббир – таъбиргари хоб
Музайян – зебу зинатдодашуда, ороста

Мунзал – нозилшуда
Мукаддар – торик, сиёҳ
Муназзаҳ – пок, хуш, хуррам
Мусамман – ҳаштгона
Мунфаъил – шармсор, хиҷолатманд, хиҷил
Мурсал – расул, фиристода
Муъид – 1. Яке аз номҳои Худо. 2. Баргардонанда, бозгардонанда, такроркунанда
Муставҷиб – лоиқ, сазовор

**Н**

Набӣ – паёмбар, расул, фиристодаи Худо
Навбова – ҷавон, фарзанд, меваи наврасида
Намат – ( бо тои иткӣ) – равиш, навъ, дастур, тарҳ, тарз, ҷинс, минвол, фан, гунаи чизе
Нас – сухани возеҳ, ояти Қуръон, ки маънои он возеҳ бошад
Нафир – овоз, садо
Нахл – дарахт, дарахти хурмо
Нажанд – ғамгин, ҳақир, хор

**О**

Озарм – шарм, ҳаё, раҳм, меҳр, шафқат
Ожада – ноҳамвор, олуда
Ом – оммӣ

**П**

Партав – рӯшноӣ, нур
Пиҳ – равған, чарбӣ

**Р**

Ранд – дарахти сабзи ҳамешабаҳор, ки шираи он даво аст
Роят – байрақ, парчам, ливо

**С**

Сабӣ – кӯдак, бача, писарбача
Саббоғ – рангзард, рангпарида

Сайф – шамшер
Салаб – навъе аз либоси ҷангӣ, пӯшок, либос
Салх – рӯзи охирини моҳи қамарӣ
Сандал – дарахти хушбӯй
Санҷақ – парчам, байрақ
Сарир – ҷойгоҳ, бистар, ҷойи хоб, тахт, авранг, маснади шоҳӣ
Сатарван – зани нозой
Саҳоб – абр
Сақалайн – инсу ҷин
Саҷҷода – саҷдагоҳ
Сиёб – либос, пӯшок
Силӣ – мукофот, подош
Сит – овоз, овоза, шӯҳрат
Ситудан – ситоиш, таъриф кардан
Солус – риёкор, фиребгар
Соъ – ҷом, қадаҳ
Сумма биллоҳ – баъд ба Худо
Сунуф – қисм, навъ, синф
Сунъ – эҷод ва офариниш
Сурин – рон, сон, дунба
Суфра – дастархон
Суҳо – номи ситора

**Т**

Тааб – ранҷ, азоб
Табоеъ – одат, хӯ, табиат
Тавсан – асби саркаш ва ромнашуда
Тавъ – фармонбардорӣ, фармон бурдан, итоат
Таволӣ – паи ҳам, пайдарпай
Тавфиқ – муваффақият, комёбӣ, пешрафт
Талбис – 1. Либоспӯшӣ 2. Макр, фиреб
Талоя – гурӯҳи пешгарди лашкар
Танозур – назар кардан, нигоҳ кардан, ба якдигар хусумат кардан
Танозуъ – хусумат кардан, низоъ кардан
Тафаққуд – меҳрубонӣ, гузашт, ҷустуҷӯ

Ташнеъ – бадгӯӣ
Тариқ – роҳ, шева
Таъҷил – шитофтан, шитоб, шитоб кардан
Таяммум – бо хок ва рег таҳорат кардан дар ҷое, ки об вуҷуд надорад
Тибат – хушӣ, хубӣ
Темор (тимор) – ғам, андӯҳ, ғусса, ғамхорӣ, нигоҳубин, парасторӣ
Тойир – парранда, мурғ
Тола умраҳу – умраш дароз бод
Томот – дурӯғ, буҳтон, туҳмат
Торум – хона, хиргоҳ, гунбаз
Тос – тошт, лаган
Тоқ – гунбад
Тунг – зарфе, ки об, шароб ва ғайра мегиранд
Турунҷ – меваи хушбӯй, афлесун
Туғро – 1. Алқобе бошад, ки бар сари фармони подшоҳон менависанд.
2. Дар қадим хатте буда, мунҳанӣ, ки бар сари фармон мекашидаанд.
Туҳаф – тӯҳфаҳо
Туғро – фармон, маншур, нишон, аломат, мӯҳр ва имзои худро барои чизе ниҳодан, нақш кардан, тасбит намудан
Тӯбо – дарахт дар биҳишт

## У

Узлат – танҳоӣ, гӯшанишинӣ
Уштулум – тундӣ, нолаву фарёд
Ушр – даҳяк

## Ф

Фаҷр – кушоиш
Фитрок – тасмаи чармин, ки барои бастани шикор ва чизҳои дигар аз росту чап ва ё аз пасу пеши зини асп меовезанд

## Х

Хазро – кабуд
Халхол – ҳалқаи тило ё нуқра, ки занон мебанданд
Хиллат – дӯстӣ, рафоқат
Хирадфасурда – бедониш, бесавод
Хомашӣ – хомӯшӣ
Хулуд – абадият, ҷовидонагӣ
Худдом – хизматгорон

## Ҳ

Ҳабо – ночиз, камарзиш
Ҳаво – орзу, ҳавас, муҳаббат
Ҳай – зинда, киноя аз Худо
Ҳамро – сурх
Ҳуққа – қутичаи чӯбин, қуттича, сандуқчаи ҷавоҳирот

## Ч

Чамон – кашола, базӯр
Чойгон – деҳи харобгардидаест, аз деҳистони Беҳобод, бахши Бофқи шаҳристони Язд, ки ҳоло аз он ном мондааст
Чуст – тез

## Ҷ

Ҷаб – номи чоҳҳоест, дар васати водӣ, ки онро Ҷаби Юсуф мегӯянд.Ҷаби Юсуфи Сиддиқ дар Урдун аст. Номи мавзеест.
Ҷамоза – шутури тезрафтор
Ҷинон – 1. Ҷаннат 2. Қалб, дил
Ҷаҳим – ҷаҳаннам, дӯзах
Ҷоб – саҳроест, ки сурхранги моил ба ранги хокист
Ҷоҳ – мақом, манзалат
Ҷуд – ҷавонмардӣ
Ҷанб – паҳлӯ, тараф

## Ш

Шағабнок – пуршӯру ғавғо

# МУНДАРИҶА

Қиссаи ишқи шӯрангез........................................3

Достони «Юсуф ва Зулайхо»..............................31

Луғат ..............................................................249

**Масъуди Қумӣ**

**ЮСУФУ ЗУЛАЙХО**
*(Матни илмӣ-оммавӣ)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.12.2013 супорида шуд.
Чопаш 14.12.2013 ба имзо расид. Андоза 64x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16,0. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а